НАШРИЁТИ
«АДИБ»



**Муфаззали Муртазавӣ - Аҷамрод**

**Родмарди Аҷам Аҷамрод аст,**
**Дар ғазал беназир устод аст.**
**Шеъри ӯ ҳамрикоб бо Хуршед,**
**Оламафрӯз, нурбунёд аст.**

**(Озарахши Ҳофизӣ – Шоири афғон,**
**Раиси Анҷумани форсзабонони Аврупо)**

*Меҳроби таманно*

**МУФАЗЗАЛИ АҶАМРОД**

# ОРАЗИ ХАЁЛ

Душанбе
«Адиб»
2016

ББК 84 Тоҷик 7-5
А-90

Муҳаррир Мубашшири Акбарзод

А-90 **Муфаззали Аҷамрод. Орази хаёл** (Маҷмӯаи ашъор) Душанбе, «Адиб», 2016, 220 саҳ.

Нигорандаи маҷмӯа – узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон Муфаззали Аҷамрод аз зумраи шоирони донишпажӯҳест, ки бо дороии ҳунари баланди сухангустарӣ, чакидаҳои табъи гуҳарсанҷи хешро ба таваҷҷӯҳи хонандаи фарҳангӣ вогузор карда, ӯро барои дарёфтани маъонии марғубу рӯҳафзо далолат менамояд.

Тавассути риояи назокату латофати санъатҳои шеърӣ ғазалҳои дилпазири ишқӣ ва шаклҳои дигари ҷаззоби каломи мавзуни шоир бадеияти волоро касб кардаанд.

Умедворем, ки маҷмӯа ба иштиёқмандони ашъори диловезу хушоҳанг писанд ояд.

ISBN

© Муфаззали Аҷамрод, 2016

# ПАРНИЁНИ САБЗ

## (Ғ А З А Л И Ё Т)

*Ишқ аст, ки беному нишон аст дили мо,*
*Мустағриқи дарёи дамон аст дили мо.*
*…Ойинасиголони хираднома навишсем,*
*Бар аҳли малоҳат нигарон аст дили мо.*
*Байтулғазалу бандана возанда сарое,*
*Яъне ҳарами дилшудагон аст дили мо…*



* * *

Ало, ё айюҳас-соқӣ, бизан оташ ба ҷони ман,
Ки гӯётар шавад з-он оташи гӯё забони ман.

Фидоят менамоям, мунъимо, ҷони гиромиро,
Агар бо он сафорезат зи ҳам резӣ равони ман.

Нахоҳам гаштан аз марге чунин зебо раҳо ҳаргиз,
Ки худ бо ман бисӯзад баҳри ҷони нотавони ман.

Кабоби дил чи лаззатгир гардад з- оташи ҳастӣ,
Гулистони Ирамро монад он боғи хазони ман.

Сипоси бештар бар зоти покат боядам гуфтан,
Саодат азми меҳмонӣ кунад то хокдони ман.

Ба сад дафтар нагунҷад ҳасби ҳоли ошиқи шайдо,
Ту, ай Хуршед, дар гардун навис он достони ман!

Ҳазорон қисса пардозанд рӯйи сафҳаи мино,
Нуҷуми собиту сайёр аз сирри ниҳони ман.

Аҷамродо, зи ҳад берун марав дар ғояти мастӣ,
Биё, бо шеъри майгун маст бинмо дӯстони ман!

* * *

Ваҳшии ишқ аҷаб пурҷигарам медорад,
Андар ин доми бало муҳтарамам медорад.

Теғ дар даст ҷаҳонгирии ӯро нигаред,
Кушта шуд халқ, маро зиндатарам медорад.

Ҷилваи зоти таҷаллӣ, ки муҷалло омад,
Ғайрат афзуда, басе бозафарам медорад.

Кай шунидаст кас афсонаи дайҳимдорӣ[1],
Ишқ аз бофтани ӯ хабарам медорад.

Шабравонем, ки то субҳ муяссар гардад,
Бо чароғони саодат саҳарам медорад.

То кунад расмияти ҳуҷҷати ошиқ маълум,
Ҳалқаи дор ба болои сарам медорад.

Маслиҳат нест, Аҷамрод, ки тарсу бошӣ,
Ин хатарпеша хушо бехатарам медорад.

[1] Дайҳимдорӣ – тоҷдорӣ, ҳукми шоҳӣ рондан.

* * *

Ғайрат наёварам, ки туро беватан кунам,
Аз дил бурун ба кӯйи ҷафо хаймазан кунам.

Ай ишқ, ай паямбари эҷоди ламязал,[1]
Кай бе ту зинда бошаму шӯри сухан кунам?!

Дар моварои айш[2], яқин, обу оташ аст,
Гулхан бизан, ки суннати он барҳаман[3] кунам!

Дарзе, агар зи ҷомаи илҳоми ман гусаст,
Он беқасаб бисӯзаму сар дар кафан кунам.

Гуфтушунуфту нағмаи мурғон ба субҳдам
Бирҳонадам зи ғафлату аз мову ман кунам.

Хуршедҳуш гаштаам аз партави шабат,
З-ин рӯ ба сад ситорашинос анҷуман кунам.

Ширинлиҷо наоядам ар нақши ҷустуҷӯ,
Дар санъати вафо хабар аз Кӯҳкан кунам.

Арбоби суратанд, Аҷамрод, сифлагон,
Бошад якояк ин ҳама лашкаршикан кунам!

1. Ламязал – ҷовидон (яке аз сифоти Офаридгор)
2. Моварои айш – паси ҳаёти заминӣ, киноя аз олами боқӣ.
3. Барҳаман – муршиди ҳиндувон, ки дар расми сӯхтани мурдагон иршодгарӣ кунад.

* * *

Субҳи азал, ки ишқ ба меҳроби ҷон фитод,
З-ин фитна шӯру шар ба сари бандагон фитод.

Авҷошёни сеҳрваре бо ҷунуни зот
Бар хокзодагон зи кафи осмон фитод.

Бесурате ба сурати рӯҳи суханваре
Бо сад забон фитод, вале безабон фитод.

Мардумгазой омад агар, ин аҷаб нигар,
Чун дидавар ба мардумаки мардумон фитод.

Дилҳо шикофт, то хабар омад ба ақлҳо,
К-ай аҳли рой! Ин чӣ бало дар миён фитод?

Гуфтанд: ин «бало» ба «бале» мубтало кунад,
Ҳар соядорро, ки бар ӯ соябон фитод.

Чун офтоб гашт, - далеле ба Ҷовидон,
Ҳаждаҳ ҳазорро зи ҷаҳон то ҷаҳон фитод...

Оре, муҳаббат аст, ки одам шуд одамӣ,
Ишқ ар набуд, кавну макон бенишон фитод.

Аз чист анҷуман ба Аҷамрод хушназар?
\- Ойинатабъ шоири мо хушбаён фитод.

* * *

Нозам он оинаро, к-аз назараш пок шудам,
Бо масеҳонафасе шоду хушидрок шудам.

Қиссаҳои падарам буд хираднномаи ишқ,
З-ин дасотири[1] адаб ошиқи бебок шудам.

Тарҳи кошонаи табъам бинавишт аз сари ноз,
Талбият[2] бурдаму дар абҷади «лав лок»[3] шудам.

Пандаш осоиши даҳр асту шукӯҳи малакут,
Чун мунаҷҷим ба замин рӯй бар афлок шудам.

Кошифи субҳи тариқат ба ҳақиқат бирасад,
Забҳи парвора[4] ба фарз аст, ки дилчок шудам.

Сарбаландам ба лаҳад то ба қиёмат бари хок,
Ҳамчу хок омадаву боз зи нав хок шудам!

Ай Аҷамрод, бидеҳ сиккаи заррини сухан
Ҳофизеро, ки Зарифист[5], тарабнок шудам.

1. Дасотир – шакли ҷамъи *дастур*, роҳнамоиҳо.
2. Талбият – ҳарфи «Лаббайка!» (омодаи хидмати ту ҳастам, аё Офаридгор!) гуфтани ҳоҷиён ҳангоми маросими Ҳаҷ.
3. Лав лок – агар ту набудӣ.
4. Парвора – парваридашуда.
5. Зарифӣ – шахсияти шашмақомсарои андалебнафас Хурсандмурод Зарифӣ дар назар аст.

* * *

То дигар кардам мизоҷи худпарасти хешро,
Дохили майхона бигзидам нишасти хешро.

Бештар дидам дуоямро асар дар ёди ӯ,
Косаи дарюза[1] кардам ҳарду дасти хешро.

Аз шикасти соғаре пайванди дилҳо об хӯрд,
Комбахше ёфтам, ҳаққо, шикасти хешро.

Тирарангиҳо зи навмедӣ чу равшантоб шуд,
Афв фармудам басе иқболи пасти хешро.

Нагсалад сарриштаи мову мани мо баъд аз ин,
Мекушудам кош з-аввал бандубасти хешро.

Сахт мастӣ оварад ҳар ҷо, ки ҳирси ҳаст ҳаст,
Лаълу марҷони сухан судем ҳасти хешро.

«Сӯхтан аз арзи матлаб назди мо осонтар аст»[2],
Ҷустуҷӯ дорам, ки сӯзам хеши масти хешро.

1. Косаи дарюза – косаи гадоӣ.
2. Ин мисраъ моли Соиб аст.

* * *

Ба оташ мекашад ҳиҷронат, ай дӯст,
Биё, ҷонам фидо бар ҷонат, ай дӯст!

Фироқатро таҳаммул кай тавонам,
Маро ҳам бар ба он Канъонат, ай дӯст!

Фишондастӣ ба дил базри муҳаббат,
Саховат кардаӣ, қурбонат, ай дӯст!

Вале аз чист, ҳосил кӯҳи ранҷ аст,
Бигӯ бар ошиқон бурҳонат, ай дӯст!

Ҷаҳон аз туст, мо меҳмони ӯем,
Марон аз даргаҳат меҳмонат, ай дӯст!

Русуми дӯстӣ кай охир омад,
Баро аз хона то айвонат, ай дӯст!

Таманнои ҷамолат сӯхт ҷонам,
Нишинам кош гирди хонат, ай дӯст!

Ба шамшерат занӣ, миннатпазирам,
Муборак донам он дастонат, ай дӯст!

Баҳор омад, маро афсурда манмо,
Бирезам замзами боронат, ай дӯст!

Ба мизони вафо баркаш ъиёрам[1],
Набошад шубҳа дар мизонат, ай дӯст!..

Аҷамроди туям, пазмони рӯят,
Намо худро ба ин ҳайронат, ай дӯст!

---

1. Ъиёр – қиматнокӣ, дараҷаи холисии
маъданҳои гаронбаҳо.

* * *

Лолаосо нақши доғе дар ҷигар дорем мо,
Рахнаи девори гулшанро назар дорем мо.

То расад пайки умеде аз фарози бесутун,
Пираҳанчокему ҷоне дар хатар дорем мо.

Сӯхтан бошад ҷазо рӯшангарони покро,
Дуди оҳему самовоте ба сар дорем мо.

Сурхрӯйиҳои мо аз оташи хотир бувад,
Дар тахайюл сад баҳоре тозатар дорем мо.

Авҷрав пиндор моро, бас ба файзи шабнаме
Сурати хуршед дар рӯ ҷилвагар дорем мо.

Дар маёдини[1] сухан гардида мо размошно,
Ғайри маънии баланде кай сипар дорем мо?!

Водии ҳайрат – гузаргоҳи ману мо беш нест,
Оқибат ҳамсоягиҳо бо қамар дорем мо.

Чун Аҷамрод ин ҳадис аз ишқбозӣ гуфт, гуфт:
То қиёмат ошиқему як ҳунар дорем мо!

---

1. Маёдин – шакли ҷамъи *майдон.*

* * *

Дар қулзуми[1] вафои падар пургуҳар шудам,
Оре, ба файзи кони ато симу зар шудам.

Базре фитод мазраъаро аз фарози ишқ,
Обе задам ба оразашу барзгар шудам.

Парвезанам зи пурдилии осиёби ӯ
Пурчашму пурфан аст, ки ман пурсамар шудам.

Дарё ба як пиёла нагардид ихтисор,
Кафро пиёла кардаму маст аз асар шудам.

Тимсоли хеш баста ба ҳар байти хештан,
Дар сафҳаи шафақ ғазале шуълавар шудам.

Меҳроби дил нишемани амвоҷи фитрат аст,
Саҷҷодабофи шайхи саропоҳунар шудам.

Гуфтанд: бо сипардани ин раҳ куҷо равӣ?
Гуфтам: сипеҳр ҷустаму маънисипар шудам.

«Миқдори офтоб надонанд мардумон»[2],
Рамзошнои зумраи соҳибҳунар шудам.

1. Қулзум – баҳр.
2. Ин мисраъ моли Соиб аст.

***

Намегунҷам, намегунҷам, дар ин дунё намегунҷам,
Мани танҳо миёни тӯдаи танҳо намегунҷам!

Дару деворро бастам, ба роҳи ишқ пайвастам,
Зи худ вораста бепарво, ки дар парво намегунҷам!

Яке раҳзан дучор омад, ба сурат чун нигор омад,
Шикорӣ ҳилакор омад, ки дар саҳро намегунҷам!

Кушод ӯ банду басташро, бибӯсидам ду дасташро,
Тараҳҳум кард дар савдо, ки дар савдо намегунҷам!

Шароби ишқ бахшидам, чу он рӯзӣ бисанҷидам,
Зиёну суди ӯ дидам, ки дар маъво намегунҷам!

Ҳамон ганҷам ба чанг омад, дили тангам ба санг омад,
Ба сар бориони нанг омад, ки дар пайдо намегунҷам!

Ман аз он рӯз шодонам, ки бо Юсуф ба зиндонам,
Шикасти ранҷи мастонам, ки дар мино намегунҷам!

Аҷамродо, аз ин маънӣ, ки дар шеъри ту мегунҷад,
Баёни дигар ифшо кун, ки дар маъно намегунҷам!

* * *

Ишқ аст, ки беному нишон аст дили мо,
Мустағриқи дарёи дамон аст дили мо.

Асрор нигаҳ доштан - асрори гироне,
Оташкадаи кишвари ҷон аст дили мо.

Чун меҳр бувад мазҳаби ин меҳри мунаввар,
Дар боми фалак чархзанон аст дили мо.

Ойинасиголони[1] хирадноманависем,
Бар аҳли малоҳат нигарон аст дили мо.

Озурдадилонро хабар аз мо бирасонед,
Аттори дукони баласон[2] аст дили мо.

Байтулғазалу банданавозанда сарое,
Яъне ҳарами дилшудагон аст дили мо.

Бо ин ҳама санъат, чу қиёматгаҳи ишқ аст,
Донам ба лаҳад ҳам зарабон аст дили мо.

Гуфтанд: Аҷамрод, дилат ошиқи зор аст?
Гуфтем: Бале, варна чӣ сон аст дили мо?!

---

1. Ойинасигол – ба маънои ҳақиқатнигор.
2. Баласон – навъе аз марҳами атрӣ,
ки бисёр хушбӯй бувад.

***

Қисса аз дард макун, ҳолати данг аст ин ҷо,
Зиндагонист, ки бо марг ба ҷанг аст ин ҷо.

Аз латофат бисаро, то дили кас шод кунӣ,
Сухан аз шеър бигӯ, олами ранг аст ин ҷо.

Дар тароват чу баҳор аст, агар шеър тар аст,
Соҳати тирукамон аст, қашанг аст ин ҷо.

Хуррамободии ин боғ набинад фарде,
Натавонад, ки бубинад, ки чӣ ҳанг аст ин ҷо.

Шишагар нест дар ин коргаҳ он оҳангар,
То ба сандон нашиносад, ки чӣ санг аст ин ҷо.

Марғзорест, дар он буздилакон бихроманд,
Пуштгардон бигурезанд, паланг аст ин ҷо.

Шоирӣ ҳусни камолоти сухансанҷӣ нест,
Худфурӯзӣ зи раҳи фазл, ки нанг аст ин ҷо!

Чун Аҷамрод ба дафтар қаламе ронд, бигуфт:
Сафҳаи чарх биёред, ки танг аст ин ҷо!

* * *

Хоҷагонанд, ки берун зи мақоми хешанд,
Хоҷагонанд, вале бандаи коми хешанд.

Кай тавонанд, ки ин рутба мукаррам бошад,
Ҳама завлонакаши нафси ҳароми хешанд.

Айшбозанду надонанд, ки талханҷоманд,
Заҳрошом, ҳаройина, зи ҷоми хешанд.

Худфурӯшанду чапандоз[1] ба ҳар бозоре,
Ғарра бо ҷилваи нахчирхироми хешанд.

Аждаҳокешу наҳангозу балоангезанд,
Марзағанзеб[2] зи ҳар пухтаи хоми хешанд.

Ҳушманд он, ки начархид ба гирди сарашон,
Алҳазар гуфт аз онон, ки ба доми хешанд.

Ай Аҷамрод, чу дарвеш бизӣ дар олам,
К- ин ҷамоат ҳама султони тамоми хешанд!

1. Чапандоз – оне, ки бар зарари дигарон бикӯшад.
2. Марзаған – дӯзах, ҷаҳаннам.

* * *

То ба кай, ай дили шӯрида, чунин дарбадарӣ,
Аз пайи зуҳравашониву ба мо ҳамсафарӣ?

Носипосу гиламандам зи ҳунармандии ту,
Чун гиронсанг фитодаст зи ту пурҳунарӣ.

Нақди ҷони ману дар парда навосанҷии ту
В- андар он пардаи асрор туву пардадарӣ!

Дӯстоне, ки дили дӯст ҳамеозоранд,
Хасмкоранд, ҳаройина, ба ҳар кинаварӣ.

Дилгазоӣ набувад шеваи ёрони куҳан,
Чашми уммед набудам зи ту кӯтаҳназарӣ.

Беҳтар он аст, ба ин хоҷа дилорой шавӣ
В-он ҳама ҳасрати беҳуда зи ёдам бибарӣ.

Гуфт: Устоди азал ҳар чӣ раво дид ба мо
Чун муқаддар шуда з- ӯ дод, зи мо баҳраварӣ!

Бевафоист, Аҷамрод, саранҷоми ҷаҳон,
Барҳазар бош, ки з-ин дашт ту ҳам пайсипарӣ!

***

Барҳам ҳамезан, соқиё, истезаву овезро,
Пархош бас, ором кун ин қалби шӯрангезро!

Миногарам, миногарам, минои холӣ дар барам,
Лутфе намо, саршор кун аз бода дастовезро!

Бигзашт теғ аз устухон, фатвои ҷурмамро бихон,
Гар нашканӣ савганди ман, ман бишканам парҳезро!

Бар ҳоли зори ман нигар, то кай бигардам дар ба дар,
Ғамхор шав, гирам зи сар дастори рангомезро!

Менашнавӣ ин илтиҷо, дар пойгоҳат ҷо ба ҷо
Коре ба худ хоҳам раво, бин ханҷари дамтезро!

Бо ман бисоз, ай муҳташам, биншон ба тарзе оташам,
В-арна ба майдон баркашам ойини растохезро!

Наврӯз ояд бехабар, гар бо манат бошад назар,
Бахшам бароят сар ба сар сайёраи гулрезро!

Килки Аҷамрод аз хирад шаккар фишонад то абад,
Равнақ барафзо, ё Аҳад, ин нойи шаккаррезро!

* * *

Гулистони хаёлам нав ба нав хушрангубӯ гардад,
Агар ёдам ба ёди дӯст маҳви гуфтугӯ гардад.

Хирадсӯзе ба андак ҷуръа аз мо мебарад моро,
Каси дигар зи ин май гар хурад, беобрӯ гардад.

Шуъои офтоб ояд бурун аз манзари ҷонам,
Маро ин хокдон он дам мунир аз чор сӯ гардад.

Малак сар бар замин ғалтад, самак рӯи фалак лағзад,
Ҳама кавну макон маҳшар шавад, пурҳою ҳу гардад.

Маро он дам маҷӯ аз ман, ки ғоибро намеҷӯянд,
Ҳар оне ғайбро ҷӯяд, асири ҷустуҷӯ гардад.

Нишоти хешро офоқгустар дида, метарсам:
Худо нокарда, бадхоҳе ба қасдам фитнаҷӯ гардад.

Дареғогӯй н- ояд табъам аз кӯи таманноҳо,
Чу дарди ошиқон вобаста аз дасти сабӯ гардад.

Аҷамродо, Худо ёрат, ба бахти хеш омин гӯ,
Дуоят мустаҷоб афтад, далели[1] орзу гардад.

---

1 Далел – роҳнамо.

* * *

Нагуфтамат, ки вафо кун, вале ҷафо накунӣ,
Ба ҳар кӣ карда тавонӣ, барои мо накунӣ!

Хато гирифтани мо бар ту худ хато бошад,
Чӣ гӯямат, ки кунӣ, то дигар хато накунӣ?!

Зи худ марав, ки чу душман нахоҳамат дидан,
Сад илтимос туро, к-аз худӣ Худо накунӣ!

Бигӯ, куҷо биравам, гар ба сӯи ҷон нагароям?
Ба ҳеҷ ваҷҳ ту ҷонам зи тан ҷудо накунӣ!

Манам, ки меҳрфурӯзам, ту меҳрабони манӣ,
Ки ҷуз ба меҳри физоянда мубтало накунӣ!

Сухан ҳамин қадарат гуфтанӣ ба мо мондаст,
Ки ихтисори саховат ба ин гадо накунӣ!

Бале, шамида балоро дуъо ҳамехонам:
Зи дасти ишқ Аҷамродро раҳо накунӣ!

* * *

Сояфитратмардумоне - ҳамсириштони ҳубоб,
Салтанатдорони нуқсандеш - арбоби ниқоб.

Маърифатнопосдорони ҷаҳолатошно,
Шаклороёни бемаънӣ – суоли беҷавоб…

Одамизоданд, аммо з-одамиҳо бехабар,
Зоҳиран мардумнавозанду асосан носавоб.

Аз адолат, аз ҳақиқат ҳарф гӯӣ, беибо
Онҷуноне мефишорандат, ки монӣ дар азоб.

Кирдигоро, соҳибо, бар ту ҳаволат мекунам,
То баробар карда бошӣ додашон рӯзи ҳисоб.

Саъй овардан муҷозоро салоҳи кор нест
Бо такаллуфҷилвапардозандагони пурмаъоб[1].

Ай Аҷамрод, аз шарирони фиребо эҳтиёт!
Офтобандешро меҷӯ, ки гӯяд з-офтоб!

[1] Пурмаъоб – пуръайб, пурнуқсон.

* * *

Шодии ҳама олам бо ғамам баробар нест,
Бодае, ки ман хӯрдам, шоҳро ба соғар нест.

Дар хаёлам он пайкар зевари биҳишт омад,
Манзаре ҷаҳоноро дар ҷаҳони манзар нест.

Офиятгароеро дидаму ба дил гуфтам:
Ҷуз ту лоиқе дигар хокбӯси ин дар нест.

Қатрае зи дарёе, гавҳаре чӣ волое,
Покдомане ҳаргиз ончунон мутаҳҳар нест.

Ин сафири раббонӣ, бо шукӯҳи султонӣ,
Даст бар сарам бинҳод, ҳар кӣ бандапарвар нест.

Ман зи худ фано рафтам, ҳамраҳи сабо рафтам,
Кишвари бақо рафтам, к- ин назира кишвар нест.

Ишқро сано гуфтам, к-ӯ ба гӯши ҷонам гуфт:
Ишқ бар каси содиқ ҳеҷ гаҳ ситамгар нест.

Ошиқӣ зи сар магзор, баъд аз ин, Ацамродо,
Дар насиби ту дигар роҳате муқаррар нест!

* * *

То дар ин олам зи дасти дӯст пурғам будаам,
Ғам куҷо? Минумақоме сахт хуррам будаам.

Ҳар гаҳе, к- аз ғусса холӣ гаштааст ин хокдон,
Дар сипанҷи хештан даргоҳи мотам будаам.

Бо хаёли дӯст дар хилват нишастан соате,
Беҳтар аз умре, ки дар ишрат дамодам будаам.

«Оламе аз як дили огоҳ рӯшан мешавад»,[1]
Субҳҷӯву субҳрӯ дар ҳарду олам будаам.

Офтобандешии моро гувоҳе фош кард -
Дар садоқат покбоз аз зоди шабнам будаам.

Тоҷи иқбол аз падар мерос омад бар сарам,
Шукр Эзадро, ки ман фарзанди одам будаам.

Бар суроғи дӯст мерав, ай Аҷамроди азиз,
Босаодат будаам, то дӯст ҳамдам будаам!

[1] Ин мисраъ моли Соиб аст.

* * *

Бишкан ба фурӯғи рухи хеш ойинаҳоро,
Барҳам мазан аммо ту низоми дили моро.

«Мо аз ту ба ғайри ту надорем таманно»[1],
Ҳирс аст, ки пурнӯш кунад бодагадоро.

Даргоҳи муҳаббат ба кушоде накушояд,
Илло ба калиде, ки мусаммост вафоро.

Пандат чӣ диҳам, ай гунаҳомурз, бубахшо,
Ҷоиз набувад айб задан аҳлрасоро.

Мо дурди гуворо зи кафи ишқи ту нӯшем,
То рафъ кунад дар сари мо чуну чароро.

Гуфтанд: «дуо хонаи соҳиб бишиносад»,
Гуфтем, сазо аз кӣ бипурсем дуъоро?

Бе ҳукми касе арҷи туро авҷнавардем,
Минбаъд, азизо, «ту» нагӯем Шуморо!

Дар даҳр, Аҷамрод, агар дӯст наёбӣ,
Таъмири ҷадиде бикун андӯҳсароро!

[1] Ин мисраъ моли Саъдист.

* * *

Ай дил, устурлоб бояд дардиҳӣ,
Шеваи арбоб бояд дардиҳӣ!

То ба мардум рӯшанӣ бахшем мо,
Рутбаи маҳтоб бояд дардиҳӣ!

Риндойинем мо, на фосидем,
Маҷлиси аҳбоб бояд дардиҳӣ!

Талх ҳам бошад, шароби ишқро
Дар хами меҳроб бояд дардиҳӣ!

Обрӯи соғари моро марез,
Ташнагонро об бояд дардиҳӣ!

Гавҳари яктои ишқомезро
Аз таҳи гирдоб бояд дардиҳӣ!

В- аз касони бадсиголу бехабар,
Чашми моро хоб бояд дардиҳӣ.

Панди моро ҳалқа бар гӯшат бизан,
Тоб бар бетоб бояд дардиҳӣ!

Мо Аҷамродем, моро дар ғазал
Партаве буртоб бояд дардиҳӣ!

* * *

Гар бехабаре айб ба аҳбоб бигирад,
З-ин мурдадилӣ хотири асҳоб бигирад.

Моро чӣ гунаҳ, мазҳаби мо мазҳаби ишқ аст,
Бигзор, ки дил гӯшаи меҳроб бигирад.

Ойинадилему ба касе кина надорем,
Ойинаи мо акс зи маҳтоб бигирад.

Дарёи равонему итобе написандем,
Ҳарчанд раҳи мо дами гирдоб бигирад.

Хуршедфурӯғон, ки ҷамиланд ба маънӣ
Аз партавашон дидаи мо об бигирад.

Хунёгари мо кист ҷуз устод Зубайдӣ[1]?
Гӯед, ки бархезаду мизроб бигирад!

Арбоби маъонӣ ҳама ҷо бодапарастанд,
Ҳамдарди Аҷамрод майи ноб бигирад.

---

[1] Зубайдӣ – шахсияти Устоди шашмақом
Абӯбакр Ҷаъфарпур – Зубайдии Ворӯӣ дар назар аст.

* * *

Дар дилам ҷуз иштиёқи дидани дилдор нест,
Мутлақо дигар маро бо халқи олам кор нест.

Тухми одамзода бисёр аст дар рӯи ҷаҳон,
Лек ҳайфо, одамийят дар чунин бисёр нест.

Ғамгусоре аз миёни дӯстон дасте надод,
Ғайри мо моро ба олам ҳеч кас ғамхор нест.

Ҷои мо дар хилвати майхона собит гаштааст,
Ҳар касе бо мо гарояд, одами ҳушёр нест.

Роздоне кист огоҳ аз футӯҳи розҳо?
- Мушкилифшогар ба ҷуз созандаи асрор нест.

Гарчи бемор аст дил дар тангнои зиндагӣ,
Ошиқему сарбагардун, рӯҳи мо бемор нест.

Бо Аҷамрод аз навозишҳои гардун дам мазан,
Аҳдбандӣ бо касе кун, к- ӯ дар ин бозор нест.

* * *

Мардони хирад бо чаламардон нагароянд,
Даргоҳнишини дили мардони Худоянд.

Он бебасарон беҳунару ҷомасиёҳанд,
Ойинасиголон ҳама ойинарабоянд.

То олами маънӣ биравад мардуми ғафлат,
Боист зи пайроҳаи илму адаб оянд.

«То шаб наравад субҳ падидор набошад»[1],
Бигзор, ки хубон ҳама ҷо рух бинамоянд.

Подоши фурӯмоя муқаддар зи қазо шуд,
Наспоскасон дар ду ҷаҳон аҳли ҷазоянд.

Ноомадагонро хабар аз мо бирасонед,
Оянд агар, дар сифати мард биёянд!

Риндони қаламсой намиранд, Аҷамрод,
Фархундафаронанд, ки хуршеднамоянд.

* * *

[1] Ин мисраъ моли Саъдист.

Фархунданигор омад, хуршедсавор омад,
Гулпираҳану гулрӯ бар мулки баҳор омад.

Аз дашту даман омад, Наврӯзи Ватан омад,
Сабзинааpӯси мо моро ба канор омад.

Шобошу тасаннoҳо гуфтем қудумашро,
Таҳсини дуъогӯён ӯро ба нисор омад.

Ид омаду ид омад, хушлаҳча навид омад,
Айёми саъид омад, олам ба қарор омад.

Орост ба бар гетӣ дебои мунаққашро,
Аз барзану боғистон овои ҳазор омад.

Ҷон омаду ҷон омад, бар ҷумла ҷаҳон омад,
Дар ишқи замингардон бар рақс сипор омад.

То базри таманноҳо аз меҳр самар гардад,
Нозидану обистан дар лайлу наҳор омад.

З-ин пайки аҳуроӣ хуш бош, Аҷамродо,
Инъоми худовандӣ - фирдавсмадор омад.

* * *

Зи ранги арғавони лола дар кӯҳу даман оташ,
Навои булбул оташбору оҳанги чаман оташ.

Қарору орзуи дил бубинӣ дар бари соҳил,
Ҳадиси дарди дарё оташу мавҷи шикан оташ.

Чу оғӯшаш бигирӣ наварӯси оташи ҳастӣ,
Муаттарармуғон оварда бӯйи пираҳан оташ.

Ғубори дил бияфшонанд риндони вафоойин,
Ба тарфи бӯстон оташ, миёни анҷуман оташ.

Даруни чашми шабнам оташи тавҳид мерақсад,
Шаройини[1] шаҷар оташ, кулоҳи настаран оташ.

Шароб оташ, кабоб оташ, дафу чангу рубоб оташ,
Зи Наврӯзи масеҳодам нишоти мову ман оташ.

Баҳор оташ, хумор оташ, нигор оташ, канор оташ,
Танини Ҷӯрабек[2] оташ, варо ишқи Ватан оташ.

Ба қурбонаш, Аҷамрод, оташистони муҳаббатро,
Ки дар ёди ғазал моро қалам оташ, сухан оташ.

---

1. Шаройин – шакли ҷамъи *шараён*, раги хунгард.
2. Танини Ҷӯрабек – савту навои хунёгари шаҳир
   Устод Ҷӯрабеки Мурод дар назар аст.

* * *

Саодати ду ҷаҳон дар саройи ҷонам нест,
Агар фариштаи ишқат дар осмонам нест.

Васиқае, ки баротам[1] зи номат иншо шуд,
Ҷуз ин муоҳада[2] як нома дар ниҳонам нест.

Ба Рӯзи Меҳр маро меҳргона оварданд,
Ки меҳркораму ғайри ту меҳрбонам нест.

Қасам ба нуктаи ғарро,[3] ҳикояте набвад
Гарам василаи шавқе, ки нуктадонам нест.

Забони лоли маро замзами бақо додӣ,
Ки навбаҳори вафоро дами хазонам нест.

Ба хатти сайр ман он офтоби тобонам,
Ғуруби хеш надонам, ки бекаронам нест.

Шикастаҳолии мардум зи дастбӯсон аст,
Вале шикояти ман ҳеч з-ину онам нест.

Зи растахези ниҳоят Муфаззалам гуфто:
Ки ин мизоҷи фалак шеваи гумонам нест.

1. Васиқаи барот – ҳуҷҷати авфи гуноҳ.
2. Муоҳада – аҳднома.
3. Нуктаи ғарро – сухани олӣ.

* * *

Хилқати худовандӣ – гавҳари муҷаллоем,
Гулхате[1] зи фармони дафтари муаммоем.

Гаҳ қаландарандомем, гаҳ сикандаранҷомем,
Гаҳ ба дасти майнӯшон соғари таманноем.

Чун ба роҳи ирфонем, мо фидои ҷононем,
Ҳам ба рағми мотамҳо ёвари Масеҳоем.

Дар ҳавои ҷонбозӣ саъйи мо балиғ омад,
Туғрали шикории кишвари Сурайёем.

Имтиҳони дил умре дар низоми мо пайдо,
Ҳар даме ба бозоре довари тасаллоем.

Он қадар мусаллам шуд, ҳикмате ки мо гуфтем,
Баҳру бар ҳамедонад: Кавсари мусаллоем.

Тӯдаи ғизолоне дар пайи заминбӯсӣ,
Ҷонфидои сайёде бар дари муаллоем.

Чун Муфаззали мастон даври гунбади гардон
Дар сипеҳри осоиш ахтари тамошоем!

1. Гулхат – туғро, сархати фармонҳои шоҳ.

* * *

Ба қасди салтанат дар кӯйи ӯ дил шод бархезад,
Раҳораҳ з-ин тафохур халқ бо имдод бархезад.

Насими субҳ чун пайғом орад моҳи баҳманро,
Баҳор аз хоби нозаш бехуду беёд бархезад.

Зи Гулгашти Мусалло сӯфиён рахти сафар банданд,
Имоми мазҳаби риндони Ишқобод[1] бархезад.

Зиёфатҳо биёроянд в-андар олами қудсӣ
Ҳама аҳли малоик дар пайи иршод бархезад.

Чу пири майфурӯшони харобобод бинюшад,
Ба уммеди мурувват, ҳар чӣ бодо, бод, бархезад.

Агар шогирди оқил қиссаи дилро зи бар гирад,
Ба лутфе дасти ҳам бигрифта, бо устод бархезад.

Ҷаҳоношӯби мо сармасти ин ҳангомаоройӣ
Дусад Ширин ғазал хонад, дусад Фарҳод бархезад.

Аҷамрод аз шумори ошиқони бовафои ӯ
Зи доми ин ҷаҳони бевафо озод бархезад!

---

1. Шахсият ва ҳунари волои шашмақомсарои беназир, зиндаёд Олимҷон Бобоеви Панҷакентӣ дар назар аст.

* * *

Рахнагари ҷони ман – ҷилваи ҷонони ман,
Ашки басар, оҳи дил – дардаму дармони ман.

Шаҳри тани нозанин гашт биёбони Чин,
Кош ба ин сарзамин сайр кунад хони ман.

Мастаму девонаам, қулзуми май хонаам,
Даргаҳи ҳушманд ку, шиҳнаи[1] мастони ман?!

Хонд магар сорбон байти дари остон,
Қофилаи раҳгузар чашм ба айвони ман.

Булбулакони чаман лона зи най бофтанд,
К-он ҳама шаҳбайташон сӯзи найистони ман!

Ошиқи зебопараст омадаем аз аласт,
Кони забарҷад бувад зевари девони ман.

Теғи забон тез кун, варна қалам созамат,
Ай қалами пурҳунар, пири сухандони ман!

Ҳамчу дирафши вафо мавҷ бизан, ай ғазал,
Дар ҳарами ишқи он ёри ғазалхони ман!

Ҳадяи мо беш аз ин - ҷони Муфаззал гузин,
Чист ҳақире чунин ҳадя ба султони ман?!

---

1. Шиҳна – нозири махфӣ.

* * *

Диле хоҳам, ки бошад дилпазиро,
Буте ҷӯям, ки бошад беназиро!

Яке сайёд мехоҳам ҳунарманд,
Ба дасташ гирадам, илло ба тиро!

Гадоёни раҳи маънӣ парастам,
Ки гардам дар раҳи маънӣ амиро!

Ҳақирон дӯст дорам, то мабодо,
Худовандам нагардонад ҳақиро!

Дусад нафрин бихонам бар касоне,
Ки нашносанд сӯзе аз нафиро!

Амонатро ҳар он к-ӯ дорад эман,
Бувад покизаимону кабиро!

Мунаввар бод устоде, ки бар мо
Ҳидоят кард роҳеро муниро!

Бисӯзам кӯҳнаколои суханро,
Бипӯшонам қабое оҳариро!

Ба таҳрир оварам девони фитрат,
Муносиб дида тақдирам дабиро!

Аҷамродо, бизӣ бо родмардӣ,
Вале номардро дасте магиро!

* * *

Ҳумоюниқтидоре бояд аз девони эъҷозам,
Ба тафсир оварад бар хосу ом оҳанги парвозам.

Ниҳонӣ хостам асрори дилро з- ибтидо, аммо
Саранҷом ошкоро гашт кирдору сарафрозам.

Ман он дарде, ки озоре нахоҳам дод мардумро,
Ба худ мепечаму дар сӯхтан пайдо кунам созам.

Амонатпарварам, меросхори соҳибиқболам,
Шаҳаншоҳи диёри ваҳдатам в-аз ишқ менозам.

Тамошогоҳи ҳайрат кардаам ойинаи дилро,
Азеро косиби гулдастаму ойинапардозам.

Дар ин мазҳар яке сайди биёбони таманноям,
Ба истиқболи сайёд аз найи бепарда бинвозам.

Сазои ҳамчу ман мурғе хушилҳон ин чаман набвад,
Равам бо булбулони равзаи Фирдавс анбозам.

Аҷамродо, чу талъат барфурӯзад боғбон, аз шавқ
Мисоли Тоҳири хушлаҳҷа[1] дар пояш сар андозам.

1. Тоҳири хушлаҳҷа – савту навои шашмақомсарои
хушадо Тоҳирҷон Ҷӯразодаи Зимтӯдӣ дар назар аст.

* * *

Дар тангнои ҳастӣ дунё ба мо расида,
Сарчашма нодамида, дарё ба мо расида.

Урёну бе ҳадоё,[1] дасти тиҳӣ ба олам
Пайдо шудему фавро[2] пайдо ба мо расида.

Чун сарбасар ба сар шуд айёми ноумедӣ,
Имрӯз ногузашта, фардо ба мо расида.

Дар кӯраи муҳаббат нопухтаем, аммо
Маҷнун нагашта боре, Лайло ба мо расида!

Бас донаҳо бичидем аз хирмани маонӣ,
Дар сурати қаландар Доро ба мо расида!

Ай ёри баргузида, ай нури ҳарду дида,
Ёрӣ ато намудӣ, ёро ба мо расида.

Аз қайди ҳар шигифте мебахшамат раҳоӣ,
Шукри Муфаззал, охир, мавло ба мо расида!

1. Ҳадоё – шакли ҷамъи *ҳадя*.
2. Фавро – фавран, дарҳол.

* * *

Волии шаҳри ошиқон – шаҳри абадбаҳор ман,
Ҳамдами боғу бӯстон, базми гулу ҳазор ман.

Мӯниси маҷлисофарин дар ҳарами ситорагон,
Ахтари Роҳи Каҳкашон – наҷми забаръиёр ман.

Мартабае муқаррарам, к-аз карами мукарраме,
Бо мани беқарор ман, ходими он қарор ман.

Қатра чашидаам аз он баҳри хумори орифон,
Бод зиёдатар чунон, ташнаи зулхумор ман!

Ҳарфи хато намеравад табъи баландрустаро,
Косиби заргудоз ман, котиби зарнигор ман.

Замзами шеъри ноб ман – чашмаи сармади куҳан,
Бодакаше ба анҷуман, соқии шаҳрёр ман.

З-ин ҳама бурду бохтам, сози дилам навохтам,
Нағмасарост Ҷаъфарӣ[1], ёвари ғамгусор ман.

Килки Муфаззал аз хирад нақши таҳайюр офарад,
Каъбаи фитрати варо ҳоҷии комгор ман!

1. Ҷаъфарӣ – савту навои Устоди шашмақом
Абӯбакр Зубайдии Ворӯӣ дар назар аст.

* * *

Оташи табъ ба оташҷигарон бахшоям,
Ин гиромӣ ба гироминигарон бахшоям.

Чи хуш он нукта бигуфтанд, ки маънӣ ҷон аст,
Ҷони сармоя ба олиназарон бахшоям.

Чун арӯси сухан аз қасри хирад бихромад,
Нозпарвар шаваму зеби ҷаҳон бахшоям.

Муждагонӣ бидиҳедам, ки хушоҳанг омад
Ман ҳам ӯро зи вафо сӯзи равон бахшоям.

Бодахорони дари майкадаи фитратро
Назри хумхона зи нақди дилу ҷон бахшоям.

Сояҳоро бизудоям, ки намонад зулмат,
Субҳи ин бодия бар бебасарон бахшоям.

Фитнаангези замонанд ҷаҳолаткешон,
Кирдгоро, зи чунин фирқа амон бахшоям!

Фурсати мотами ман ҳеҷ фароҳам н-ояд,
Чун Муфаззал ба сухан ному нишон бахшоям.

* * *

Савдои ту медорад беҳуда сувайдоям,
К-ин зулмати шабгират – ойинаи байзоям.

Ҳарчанд ҷудо аз худ, гаҳ бе ману гаҳ бо худ,
Дар бехабарӣ бинам гумгаштаву пайдоям.

Тӯфони балоҷӯро чун бод гузар созам,
Дар соҳили ободон орому рувайдоям[1].

Дарбаста ба пешорӯ аз сад тарафу паҳлӯ,
Андар қафаси ҷонам озоду ҳувайдоям.

Саҳл аст шикори ман, сайёди таманноё!
Донӣ! Ба гулистонат як булбули шайдоям.

Умрест санохонат, ин ҳоҷии риндойин[2],
Ман Хусраву ту Ширин, ман Қайсу ту Лайлоям.

Ҳамкеши Аҷамродам дар бодияи ваҳдат,
Ё Раб, мададе фармо, к-ин бодия паймоям!

1. Рувайдо – таскинёфта, киноя аз айшу фароғат доштан.
2. Ҳоҷии риндойин – шахсияти ҳунарманди шуҳратёр Афзалшоҳи Шодӣ дар назар аст.

* * *

Ту мароми ман набошӣ, дилам орамиданӣ нест,
Маҳи шоми ман набошӣ, дилам орамиданӣ нест!

Чу сафойи рӯзгорам зи саломати ту хезад,
Ба саломи ман набошӣ, дилам орамиданӣ нест!

Ба намози субҳу шомам ҳама дам кунам дуъоят,
Ки мақоми ман набошӣ, дилам орамиданӣ нест!

Ту тулӯъи офтобӣ, чу ба пешвозат оям,
Лаби боми ман набошӣ, дилам орамиданӣ нест!

Ту малеҳу ту писандӣ, ту чу ангубину қандӣ,
Чу ба коми ман набошӣ, дилам орамиданӣ нест!

Ту ғазалсаройи даҳрӣ, ману соқии баёнат,
Майи ҷоми ман набошӣ, дилам орамиданӣ нест!

Ту маро зи ман раҳо кун, ту маро ба худ гадо кун,
Ки ту роми ман набошӣ, дилам орамиданӣ нест!

Ба забони назм гуфтам, ки: «Туйӣ равони ошиқ»,
Ба низоми ман набошӣ, дилам орамиданӣ нест!

* * *

Обрӯйи соғар аз эҳсони чашмони ман аст,
Интиқоми чарх аз туғёну исёни ман аст.

Рӯзи маргам донам оҳангу риёи зиндагӣ,
Ҷилваи арзу само аз рашки ҷавлони ман аст.

Ҳар чӣ воло ҷавҳари ҷонам дар ӯ дарёфтам,
Печутоби оташ аз сӯзи найистони ман аст.

Ҳеч дарёе мисоли чашми ман пуроб нест,
Ин фаровонӣ сахои дасти ҷонони ман аст.

Бевафоиҳои гардун бод кардам, бод гуфт:
Хонақоҳи пурғами вайрона умрони ман аст!

З-ин ҷафо ороми ҷонам «Шашмақом» омад падид,
Ҳам тасалло дилпарешеро, ки ҳамсони ман аст.

Дар басотини сухан гулпарварӣ омӯхтам,
Марҳабо, ай гулназарҳо, гул ба домони ман аст!

Ин ғазалро аз Аҷамрод армуғон овардаам,
Баски устоди Малоҳат[1] дар дабистони ман аст.

---

1. Савту навои рӯҳнавози шашмақомсарои андалебнафас Малоҳатбону Абдушукурзодаи Хуҷандӣ дар назар аст.

* * *

Зиндагиро дар суроғи ёр рангин кардаам,
Аз барои лаҳзаи дидор рангин кардаам.

То расад пайки умед аз лутфи он оличаноб,
Сурати омолро бисёр рангин кардаам.

Аз ривоҷ афтода савдои мани бедодрас,
Фоли фардоро дар ин бозор рангин кардаам.

Ошкоро гуфтани пинҳони ишқ афсона аст,
Рози дил дар гунбади пиндор рангин кардаам.

Манзили аҳли муҳаббат марзи доғистон бувад,
Имтиёзоро дару девор рангин кардаам.

Аз каси ошиқ ҳазар, ӯ дардҳоро мубталост,
Хешро бо мардуми ҳушёр рангин кардаам.

Довари гардун агар суде раво бинад ба мо,
Чун Аҷамрод оташи гуфтор рангин кардаам.

* * *

Аҳволи қалби зорам аз рӯзгор пурсед,
Луълӯи дидагонам аз обшор пурсед!

Савту навои созам савту навои нур аст,
Розаш зи ранги субҳу завқи ҳазор пурсед!

Бошад ки охир ояд ин сардии зимистон,
Дар сардии зимистон аз навбаҳор пурсед!

Ҳайфо, ки барканорам аз бекарона дунё,
Дунёи беканорам аз он канор пурсед!

Боре ба ёр гуфтам сирри дилам ниҳонӣ,
Шарманда гаштам охир, аз ёри ёр пурсед!

То нашканад хуморам, ҳарфе ба кас нагӯям,
Садҳо рақам суханро баъди хумор пурсед!

Як бандаи Худоям, аз оли Мустафоям,
Қурбони раҳнамоям, аз Кирдгор пурсед!

Ман дӯст менадорам мардони зулҷаҳолат,
Тафсири шеъри моро аз шаҳсавор пурсед!

Дасти дуъои ёрон хоҳад Муфаззали мо,
Аз Холиқи тавоно ҳусни барор пурсед!

* * *

Дилбаро, маҳи рӯят бандаро писанд омад,
Бахти вожгунамро маснаде[1] баланд омад.

Байти абрувонатро хондаму ба дил гуфтам,
Дар баёзи девонам шеъри дилписанд омад.

Ҳалқаи ду чашмонат ҳалқаи дарам бикшуд,
Чун атои раббонӣ баҳри дардманд омад.

Раҳфитодае будам, соили[2] навоҷӯе,
Омад-омадат гардам, шоҳи арҷманд омад!

Хайрбодам илқо кард яъсу ноумедиҳо,
Мулки пуршикасти дил бо ту бегазанд омад.

Накҳати ту бишнидам, бӯи гул зи ёдам рафт,
Ҳаббазо чунин накҳат, накҳати сипанд омад!

Ай зи ангубин ширин, то абад маро бигзин,
Ҳоҷии Муфаззал бин, дар мизоҷи қанд омад!

1. Маснад – тахт, маҷозан мартаба.
2. Соил – гадо.

* * *

Ҷилваҳои кавкаби андеша рақсонам кунад,
Гоҳ аз хешам рабояд, ҳамчу мастонам кунад.

Аз равониҳо равонамро равон бахшад даме,
Они дигар нораво дар банди зиндонам кунад.

Дилнавозӣ, дилтарозӣ, сарфарозӣ, сарварӣ,
Гиряҳо дар парда ангезида, хандонам кунад.

Тарсам, ин симурғи оташхораи сандоншикан,
Чун бурун ояд зи манқал, кӯрагардонам кунад.

Ҳеҷ нашнидам ман ин афсонаи байъу широ,[1]
Қимат афзояд гаҳеву гоҳ арзонам кунад.

Маърифат мебоядам дар санъати ифшогарӣ,
То мукофоти маъониро фаровонам кунад.

Ай Аҷамрод, огаҳӣ дорӣ ту аз рӯю риё,
К-ин сипоҳӣ оқибат бо хок яксонам кунад!

1. Байъу широ – харидуфурӯш.

* * *

Сафобахшандаи ойинаи ҷон орзу дорам,
Дар ин зулматсаро хуршеди тобон орзу дорам.

Парешонанд дар ғурбат ҳама ёрони беҳамто,
Рафиқи хушбаёне дар сари хон орзу дорам.

Забони оташи маънӣ найи килкам ҳамебӯсад,
Лаби дарёи девонам найистон орзу дорам.

Чӣ суд аз шаҳрёри ҷилвапардози риёкоре,
Тазарви хушхироме дар биёбон орзу дорам.

Саросар гаштаам ақсои олам, ташна мемирам,
Азеро шабнаме аз барги райҳон орзу дорам.

Баҳорон дидаам дар хобу дар бедории умрам,
Худовандо, мадад фармо, гулистон орзу дорам.

Фароҳам кардаам ҳоле – замин холӣ, само олӣ,
Малоик ҷустуҷӯву арши кайҳон орзу дорам.

Ба ҷуз хешат намедонад, Аҷамрод, ин шикебойӣ,
Дилогоҳе зи сони мардум – Инсон орзу дорам!

* * *

Дило, беҳуда меҷӯӣ зи ҷонон ошноиҳо,
Ки ин дарси сиёсат бошад аз боби ҷудоиҳо.

Ба маънӣ лолаосо равшанӣ дар хилвати ҷонам,
Ки рӯшантар намояд доғҳо дар рӯшноиҳо.

Сухан санҷида гӯ, то норасоён баркамол оянд,
Намеарзад ба ин қудсии ақдас[1] норасоиҳо.

Навогар шав, наво эъҷози навро мужда меорад,
Ки навмедӣ гаронат мерасад дар бенавоиҳо.

Ман аз талхии айши ошиқон бисёр медонам,
Гирифторанд чун бечорагон дар бедавоиҳо.

Фидои нокасон ҳаргиз машав, к-аз ғояти мардӣ
Басе мардони олам буда маҳви ҷонфидоиҳо.

Балогардон бишав худро, ки бо кулфат наёмезӣ,
Ки натвонӣ муваффақ будан аз ин карбалоиҳо.

Ба гӯшат ҳалқа зан панди Аҷамроди мақомиро:
Рубобӣ шав, бари Мастона[2] гиру порсоиҳо!

---

1. Қудсии ақдас – кудсии поктарин, манзалати қудсӣ доштани сухан дар назар аст.
2. Ба савту навои дилангези ҳунарманди мардумӣ Устод Мастона Эргашева ишора рафтааст.

* * *

Дар боғи хаёлам қаду болои ту бинам,
Дар ойинаи дил рухи зебои ту бинам.

Хоҳам, қадаҳе бишканам аз боби муҳаббат,
Дар майкадаҳо соқии ҳамтои ту бинам.

Бо қасди зиёрат чу ҳарамхона биёям,
Дар роҳи вафо нақши қадамҳои ту бинам.

Бар ҳар чӣ назар меравад аз рӯйи таҷаммул,[1]
Сад ҷилва муҷаммал[2] зи муҷаллои[3] ту бинам.

Аз хайли ғуломони писандида бихонам,
Ай хоҷа, бифармой, ки симои ту бинам!

Бо он ҷабаруте, ки туро ҳаст муалло,
Дар ҳарду саро ҳиммати волои ту бинам.

Аз табъи гуҳарсанҷу гуҳарбори Аҷамрод
Он мавҷи гуҳарпарвари дарёи ту бинам.

1. Таҷаммул – шукӯҳи зебоӣ.
2. Муҷаммал – пероста.
3. Муҷалло – симои дурахшон, ҷилодиҳанда.

* * *

Чун ба меҳроби ту моро ҳоҷате дастур шуд,
Дар шаби зулмат китобамро сиёҳӣ нур шуд.

Мубтадои ояти ишқат ба дил мебофтам,
Моҳи тобон рӯбарӯям бехабар манзур шуд.

Анбиёву авлиё ёдоварӣ медоштам,
Дар хаёлам қоматат чун ҳайкали Мансур шуд.

Шамъи рӯят - партавафшони фазои ҷони ман,
З-ин таҷаллӣ коиноти тираам маъмур шуд.

Саҷдагоҳам хуштар аз сарсабзии хулди барин,
Соҳати рӯҳам сарои анбару кофур шуд.

Як ғазал, гуфтам, ки аз боби вафо иншо кунам,
Достоне дар суҳуфи қалби ман мастур шуд…

Нозам аз эъҷозу аз парвози илҳоми баланд,
Ай Муфаззал, қисса аз ишқ омаду ғам дур шуд!

* * *

Касе моро сари ёрӣ накардаст,
Ҳам устоде парасторӣ накардаст.

Кулаҳдорею дилдоре ба боре
Ба мо ёрои дилдорӣ накардаст.

На сайёде шикористони мо рафт,
Чу ёде з-ин дилозорӣ накардаст.

Амире бо чунин ҳиммат ба олам
Ғуломеро харидорӣ накардаст.

Дар ин ғамхона набвад ғамгусоре,
Ки бар мо ҳеч ғамхорӣ накардаст.

Нигаҳдоре ба амри сарнавиштам
Маро ин ҷо нигаҳдорӣ накардаст.

Дилам чун огаҳӣ аз ишқ дарёфт,
Ба истисно и ин коре накардаст.

Баҳористони дилро боғбоне
Чунин хушбӯю гулкорӣ накардаст.

Яқинам пардадори ин муаммо,
Ҷуз ин доми пурасроре накардаст.

Чунон мастам зи дасти соқии ишқ,
Ки ин девона ҳушёрӣ накардаст.

Аҷамродо, шуҷоатро биафзо,
Ки ин ваҳшӣ ҷигархорӣ накардаст!

* * *

Хуш он рӯзе, ки дар кӯйи муҳаббат зор мемирам,
Ҳадиси дардмандиҳо ба лаб такрор мемирам.

Зи дасти соқии маргам ба як паймонаи ишрат
Таманнои аҷал медораму сад бор мемирам.

Дар ин машҳад садоқатро ба маҳви ҷони ман бингар,
Дамодам дар ҳавои ишқи ӯ бисёр мемирам.

Чунин бошад агар даврону даври ёр гардидан,
Ба расми сӯфиён меракқсаму даввор мемирам.

Сазовор ар ҳамепиндорадам тақдир инъоме,
Ба хок олуда рӯйи раҳ қаландарвор мемирам.

Ҳисори умрро бегунбаду вайрона дарёбам,
Фидоие миёни кохи бедевор мемирам.

Навои лолаҳои ёлаҳоро чида бо нозе,
Зи сӯзу нолаҳои Лола[1] беозор мемирам.

Муфаззал, андалебосо суруроғӯшу гул дар бар,
Ба ёди гулъузоре ҳомии гулзор мемирам.

1. Нолаҳои Лола – савту навои ҳунарманди
мардумӣ Лолаи Азизи Мастчоҳӣ дар назар аст.

* * *

Дӯш аз савдои ишқат анҷуман нотоб шуд,
Аз қиёми гуфтугӯҳо ҷамъи дилҳо об шуд.

Шом гардид аз ҳадиси ҳусни ту мавҷи шафақ,
Субҳдам ноомада, зулматсаро маҳтоб шуд.

Аз гудози пуршарори кӯраи дилҳои зор
Ҳалқаи силки сухан печидаву пуртоб шуд.

Фаршу аршу равзану деворҳо ҳайратфизо,
Чор сӯйи манзили мо беибо меҳроб шуд.

Васфи рӯят маҳфилоройи муҳиббон будааст,
Ихтирооте аҷаб дар маҳфили аҳбоб шуд!

Оламафрӯзи сароему сипанҷиошно,[1]
Ҳар чӣ бар мо дидаоро буд, маҳви хоб шуд.

Чун Муфаззал зевари даври самоъи ёди туст,
Ғарқи дарёи хаёлат озими гирдоб шуд.

1. Оламафрӯзи сипанҷиошно – ба маънои муваққатан меҳмони дунёи фонӣ будан.

* * *

Куҷо ҷамоле, ки бемисоле
ба қасди ҷонам чу озар ояд,
Ба пешвозаш, ба он ҷалолаш
сари ҳақирам самандар ояд.

Куҷо китобе, ба он хамӯшӣ
хирад физояд фусурдаеро,
Аз он муаллим в-аз он фасоҳат
забони лолам суханвар ояд.

Куҷо Таҳамтан сафар баромад,
ки бар диёраш мусибат омад,
Суроғи моро хабар диҳедаш,
ки дар дифоъам Сикандар ояд.

Куҷо дурахше, ки чун дирафше
ба ғулғул орад сипоҳи моро,
Ба сад фурӯғеву бедурӯғе
шуҷоати мо ба мазҳар ояд.

Куҷо фақеҳе, ки хутба гӯяд
ба ҷоҳилони асири зулмат,
Зи боби ҳикмат, ба порсоӣ,
чу пешвое ба минбар ояд.

Куҷо баҳоре хазони моро
ба оташ орад зи шамъи ораз,
Ба дашти дилҳо суман бикорад,
ки рӯйи гардун суманбар ояд.

Куҷо шаробе диҳанд моро,
ки аз такаббур барад ба мастӣ,
Мадад намоям, аё Худоё,
ки бо сахоят ба соғар ояд.

Куҷо латофат, ки бархиромад
чу як ғизоле гузори рӯҳам,
Ба ин равонӣ каломи шаҳди
Муфаззали мо ба дафтар ояд.

* * *

Масрурам аз ин соқӣ, моил шуда бо нозе,
Ман нози варо нозам, фоъил шуда бо нозе.

Махмурам аз ин соқӣ, ҳушёр куҷо бинӣ?!
Ҳушёр аз оғозам, зоил[1] шуда бо нозе.

Манзурам аз ин соқӣ в-аз ҷуръаи ин бода,
Сад ҷӯйи ба ҷӯ тозам, нозил шуда бо нозе.

Машкурам[2] аз ин соқӣ в-аз зеру бами созаш,
Ман сози варо бозам, қоил шуда бо нозе.

Мансурам аз ин соқӣ, исёни маро бингар,
Чун боли бапарвозам, ноил шуда бо нозе.

Маъзурам аз ин соқӣ, ҷуз ӯ набувад ёре,
З-ин ёр сарафрозам, қобил шуда бо нозе.

Мағрурам аз ин соқӣ, чун ғарра набошам ман?
Бо шоҳ ҳамовозам, соил шуда бо нозе!

Маҳҷурам аз ин соқӣ, маҳҷур наям, на-на,
Ҳамрози Аҷамродам, шомил шуда бо нозе!

---

1. Зоил (шудан) – маҳв (шудан).
2. Машкур – сипосгузор, шукргузор.

* * *

Фоли ишқат чу кушоям зи китоби ҳавасам,
Кош, фархунда барояд, ки бубинам, чӣ касам.

Боғи ҳуснат ба назар гар нанамояд чу Ирам,
Боғперой набошам, ба муроде нарасам.

Баъд аз ин ҳеч нахоҳам ба саломат бирасад,
Он чи медошт фароҳманд ба кунҷи қафасам.

Додварзе ба куҷо, то зи раҳи ҳақ биситад
Доди бедоди қазову қадар он додрасам.

Оташинҷилва ба офоқ равад то ба абад
Акси бепардаю гӯшафкани савти ҷарасам…

Чун тавонам ба касе гуфт аз ин бесамарӣ,
Вопасин бод маро омадурафти нафасам!

Ай Муфаззал, ба кӣ бикшода ту ин дасти дуъо?
Бохабар бош, дуъоят назанад, мултамисам![1]

1. Мултамисам – илтимос мекунам.

* * *

Забонатро асал гуфтем, гуфтем,
Муаммои масал гуфтем, гуфтем.

Чу ҳуснат матлаи девони мо шуд,
Ҳазору як ғазал гуфтем, гуфтем.

Назират модари гетӣ надидаст,
Азизи бебадал гуфтем, гуфтем.

Парирӯйиву зардуштитаборӣ,
Аёрат берамал гуфтем, гуфтем.

Ту оғӯшӣ, ки номатро ба нозе
Муноҷоти бағал гуфтем, гуфтем.

Зи баҳри ту ҳама хубони олам
Касони пурхиял гуфтем, гуфтем.

Ниҳоли умри ту сарсабз бодо,
Дуъоят бармаҳал гуфтем, гуфтем.

Хирадмандӣ амири табъи мо буд,
Ки ӯро дар амал гуфтем, гуфтем.

Ацамрод ояти ҳаҷрат надонад,
Туро ёри азал гуфтем, гуфтем!

* * *

Андар булӯри ҷони ман, ҷоне дигар аз ҷони ту,
Маъмур бошад ҷони ман шому саҳар аз ҷони ту!

Дар мағз-мағзи ҷони ман ҷони ту гар пайдо набуд,
Вайрона будӣ ҷони ман бе ин гуҳар аз ҷони ту!

Нурофарин, зулматшикан дар водии ҷонам туӣ,
Тасхир мекун ин Ватан, шамсу қамар аз ҷони ту!

Ай ҷонъато, ай ҷонфизо, қурбони ҷонат ҷони ман,
Ман бандаи ҷони туям, султони фар аз ҷони ту!

Ойинае андар Хутан – ҷонат миёни ҷони ман,
Дидам, чи хушсурат бувад ин хушназар аз ҷони ту!

Ай Холиқи радду бадал, ҷони азал, ҷони амал,
Шеъри Аҷам - шеъри ғазал, ин симу зар аз ҷони ту!

Дар коиноти ҷони ман кавну маконат ҷовидон,
Ин ҷовидон, ай ҷовидон, то мухтасар аз ҷони ту!

Ҷоно, Аҷамроди туям дар давлати ҷону хирад,
Сад давлати ҷону хирад бо ин зафар аз ҷони ту!

* * *

Бошадо, анҷумани ғусса ба фарҷом ояд,
Эҳтироми дили савдозада инъом ояд.

Гулбуни шому саҳар мешамам аз рӯи ғараз,
То саҳаррафтаи мо пардадари шом ояд.

Боз хуррам шавад ин мулки муаллоойин,
Он шукӯҳовари гумгашта чу пайғом ояд.

З-ин садад[1] дар маялонам, ки ба хумхона равам,
Соқии хушқадаҳам боз ба ҳангом ояд.

Ӯ ба шаб шамъу ба рӯзам ҳама хуршеди ман аст,
Шаб ба болину саҳаргаҳ ба лаби бом ояд.

Рӯзгорест, ки дар бодияи найзаварон
Пуршиканҷам, ба дифоъам яли Баҳром ояд?!

Дар Аҷам ҳеҷ муяссар нашавад ҷашни сухан,
Гар Аҷамрод дар ин тантана ноком ояд!

1. Садад – ният, қасд.

* * *

Ману ман ҳар дуи якто ба ҳам омехтаем,
Ману ман қатраи обему ба ҳам рехтаем.

Ману ман бодапарастем, биё ҳалқаи мо,
Қадаҳи сидқ ба гардан аҷаб овехтаем!

Ману ман кошифи асрори мани дигари ман,
Ҳама ҷо хирмани маънии сухан бехтаем!

Ману манро ту ба сардии нигаҳ бод макун,
Ки мабодо ба сарат боди ғам ангехтаем.

Ману ман бо ту муқобил, ки қабуле набувад,
Зи нифоқи туву асҳоби ту бигрехтаем.

Ба масалҳои Аҷамрод бирас, бо ману ман,
Ки асалро ба ғазал баҳри чӣ омехтаем?..

* * *

Ойинаи ҷонамро беҳуда шикастам ман,
К-аз баҳри дилорое майхонапарастам ман!

На, на, нашикастам ман ойинаи ҷонамро,
Ин гуна, ки мастам ман, аз рӯзи аластам ман!

Ҳар рӯз чунин қисмат, дар ҳанги басе заҳмат,
Як парда биёсоям, сад парда бихастам ман!

На, на, зи куҷо заҳмат, ҳамвора фароғатҳо,
Як парда чу осудам, сад парда гусастам ман!

Маҳҷураму ранҷурам в-аз ҷомиъа мастурам,
Андозашиносиро дар силсила бастам ман!

На, на, чӣ муҳол омад, к-ин гуна мақол омад,
Бепарда чу мебинӣ, дастури бадастам ман!

Бе рӯйи дилоромам дар ҳасрати оромам,
Гумгаштамақомоте дар маҳкама ҳастам ман!

На, на, ки раво н-ояд ин резафурӯшиҳо,
Чун бандаи ҷононам, аз қайд бирастам ман!

* * *

Сураи ҳаҷри ту азёд нахоҳам кардан,
Шӯри мотамкада бунёд нахоҳам кардан!

Маъзарат металабам з-он шаҳи ширindaҳанон,
Саъйи бебаҳраи Фарҳод нахоҳам кардан!

Гар ба ғамхонаи ман аҳли вафо ҷамъ оянд,
Майл бар ҳеҷ паризод нахоҳам кардан!

Он қадар кинагузоранд рақибони ҳасуд,
Созише бо каси бедод нахоҳам кардан!

Хӯшаҳои гуҳаринам зи басотини сухан
Хирман ороста, бар бод нахоҳам кардан!

Дар раҳи ишқ ҳама раҳгузарон муҳтоҷанд,
Бар худу ҳеч кас имдод нахоҳам кардан!

Кишвари ишқ басе куҳнаву Навшод[1] бувад,
Ихтирооти нав эҷод нахоҳам кардан!

Ай Муфаззал, хабари хайр муборак, ки туро
З-ин сазомаҳкама озод нахоҳам кардан!

1. Навшод – номи шаҳри қадиме, ки мардумонаш ба зебоӣ маъруф будаанд, маҷозан навобод.

* * *

Ман тоҳири таҳҳорам, дидори маро дарёб,
Ман обиди Қаҳҳорам, гуфтори маро дарёб!

Чун маддаму чун ҷазрам, маъмуру валангорам,
Дар қабзаи Ҷабборам, ин кори маро дарёб!

Ҳам маҳфили ирфонам, ҳам қутби намоёнам,
Ҳам қофиласолорам, рафтори маро дарёб!

Андар фалаки ҷонам рӯҳам чу ба ҷӯш ояд,
Сарчашмаи фавворам, фаввори маро дарёб!

Аз ман чу биомӯзӣ, қурбони сарат гардам,
Ҷолинусу Атторам, пиндори маро дарёб!

Аз тор ба ҳар торе дар гӯшаки ситорам,
Оғодири[1] найсорам, сӣ тори маро дарёб!

Дар Ҳиндаму дар Шомам, дар Балху Намангонам,
Дар Басраву Булғорам, ашъори маро дарёб!

Ақсои ҷаҳон гаштам, ҳарчанд хазон гаштам,
Дар пардаи Сатторам, асрори маро дарёб!

Нигнотии покам ман, охир таҳи хокам ман,
Дар навбати такрорам, такрори маро дарёб!

Исме, ки сазоворам, фазле зи Худо дорам,
Чун Шамс пуранворам, анвори маро дарёб!

1. Оғодир – булбул.
2. Нигнот – номи зодгоҳи шоир.

* * *

Ойинарӯй, сад фараҳ рӯяд зи рӯйи ту,
Бедоғ бод он маҳи рӯйи накӯйи ту!

Ғайри ту ақли ман нашиносад каси дигар
З-ин рӯ равад нигоҳи ман аз ман ба сӯйи ту!

Бишнуфтаам зи накҳати боди сабо, ки гул
Моро равона сохта райҳони бӯйи ту!

Дасти тамаъ ба ҷониби соқӣ набурдаам,
Мастам зи масткории ҷому сабӯйи ту!

Ақдомро таҳарруки ҳар ҷо писанд нест,
Илло шитоб ҷониби меҳроби кӯйи ту!

Оби зулолчашмаву анҳори беадад
Кай мерасад ба қатраи ширини ҷӯйи ту?!

Шодам зи қисмати худу шукрона гуфтаам,
Ноил Муфаззалат шуда бар орзӯйи ту!

* * *

Метавон дид маро дар барат, ай бехабарам,
Кай ғарибам, ки бувад ёди ту тоҷе ба сарам?!

Дару девори ҷаҳонат дару девори ман аст,
Чун гуморӣ, ки гадомазҳабаму дарбадарам?!

Бар назаргоҳи ту оям, ки каромот кунӣ,
Кош, пайванд бубинам назарат бо назарам!

Ман на онам, ки ба бозори ту шӯре задааст,
Раҳгузорам зи ҳамин кӯчаву марди сафарам.

«Алҳазар!» – гуфт замиле[1] зи чунин дузднамо,
Ман чӣ дуздам, ки ба ҷуз меҳри ту чизе набарам?!

Рӯзу шабро накунам фарқ ба офоқи хирад,
Рӯзро шаб бигуморам, шаби залмо[2] саҳарам.

Ҳар куҷо банданавозист зи хосияти мо,
Чу насим аст мизоҷи сухани пургуҳарам.

Ай Аҷамрод, расо лолафишон омадаӣ,
З-ин тасаллии фиребои ту хунинҷигарам!

1. Замил – ҳариф.
2. Залмо – бениҳоят торик.

* * *

Сад раҳ ба ҳамин роҳ аст, ин раҳ чӣ рақам роҳе?
Сад чаҳ таҳи ин чоҳ аст, ин чаҳ чӣ рақам чоҳе?

Сад оҳ кашам аз сар, то сарбасараш бошам,
Сад ваҳ пайи ин воҳ аст, ин ваҳ чӣ рақам воҳе?

Сад чокару сад волӣ, сад сифлаву сад олӣ
Дар ҳукми ҳамин шоҳ аст, ин шаҳ чӣ рақам шоҳе?

Сад вақту замони дур, он дурии дуродур
Як зарраи ин гоҳ аст, ин гаҳ чӣ рақам гоҳе?

Сад машъали тобоне, сад рӯшану рахшоне
Дар партави ин моҳ аст, ин маҳ чӣ рақам моҳе?

Ҳар ҷост ҳамон пайдо, Ҳаққулҳақи нопайдо,
Бар маснади дилхоҳ аст, валлаҳ, чӣ рақам хоҳӣ?

Ин байти Муфаззал бин, маънии аҷаб дорад,
Хирман самари коҳ аст, оваҳ, чӣ рақам коҳе?!

* * *

Чорасозӣ сахт бошад чораи бечораро,
Кас намепурсад ба ҷое мардуми овораро.

Арҷмандӣ рутбае набвад ба аҳли эҳтиёҷ,
Ҳеҷ дидастӣ баиззат сӯфии майхораро?

Теғи алмос аст оҳанги дили дардошно,
Дасти оҳангар шиносад сӯзи оҳанпораро.

Шабпарастиҳои моро қадр агар медоштӣ,
Менамудӣ дарк тирафтодани истораро!

Ин муаммо гар набикшоӣ ба як фоли назар,
Пурсише овар зи номи мо парирухсораро.

Бекулаҳ шоҳем андар кишвари берангубӯ,
Дур дораш, Кирдигоро, з-ин саро бевораро[1]!

Ай Муфаззал, сад таассуф бар шигарфи рӯзгор,
Мешикастӣ, кош, вақти кӯдакӣ гаҳвораро!

1. Бевора – ғариб, бекас.

* * *

Шукри беҳад, ки ғамат мӯнису ғамхорам шуд
В-аз ҳама аҳд буридам, ғами ту ёрам шуд!

Булъаҷаб будаму садранг ба айёми шабоб,
Ҳолиё зикру санои ту фақат корам шуд.

Кулли ғамҳои дигар заҳру ғами ту асал аст,
Заҳри ғамҳои ту дармони шакарборам шуд.

Пеши раммол[1] дигар масъалаҷӯйӣ наравам,
Регзори ғами ту боғаму гулзорам шуд!

Айш дар майкадаҳо лағзиши мастона бувад,
Айш дар ғамкадаат гармии бозорам шуд!

Дар сафи ҷумлаи аҳбоб нигаҳ дор маро,
Чун ҳавои ту саропардаи асрорам шуд!

Ҳар куҷо қанди суханро ба халоиқ бидиҳам,
Мавлавӣ фотиҳабахшандаи гуфторам шуд.

Балки ман бодафурӯшам ба фаноҷини[2] сухан,
Шарқу Мағриб ҳама з-ин бода талабгорам шуд.

Қасри маънӣ дари махзан[3] ба ҳама накшояд,
Чун Муфаззал будам, ин тахт сазоворам шуд.

---

1. Раммол – фолбине, ки бо истифода аз рамл (рег) пешгӯӣ мекунад.
2. Фаноҷин – шакли ҷамъи ***финҷон***, қадаҳ.
3. Махзан – ҷойи нигаҳдории ганҷҳо, ганҷина.

***

Хок бар фарқи саре, к-ӯ бодапарвар мешавад,
Дар фузунӣ дил сиёҳ аз дасти соғар мешавад.

Ай бародар, ихтиёри базми бадмастон макун,
К-ин ҷамоат дар амал бо саг баробар мешавад.

Талхии май менамояд талх рӯзи мардро,
Марди ишрат пеши ҳар номард музтар мешавад.

Гар набишносӣ мақоми хешро дар зиндагӣ,
Нахли бунёдат камон аз боди сарсар мешавад.

Нохудотарс аз касони охиратсӯз асту бас,
Аҷри ӯ охир ба майли Додгустар мешавад.

Ҳар кӣ нӯшад бодаи Ишқи Илоҳӣ нӯш бод,
Чокаре бошад, тавоно чун Сикандар мешавад.

Ҳарфи хуби шоиронро машъали кирдор кун,
Ҷодаи айши мудоми ту мунаввар мешавад.

Ҷаҳд кун дил шод бошад, обрӯро пос дор,
Бо талоши ғунчае гулшан муаттар мешавад.

То тавонӣ ошиқи гул бошу аз мул[1] даст каш,
Гардани гул андалебонро чу минбар мешавад.

Нуктае аз Бедили ориф Муфаззал боз гуфт:
«Одамӣ аз хеш агар ғофил шавад, хар мешавад!»[2]

---

1. Мул – шароб.
2. Моли Бедил аст.

* * *

Дило, ақиқи хирад даргаҳи забон овар,
Шукӯҳи маҷлиси риндона дар миён овар.

Ба он такаллуфи зебо ҳисори ғам бишкан,
Сурури бодагусорӣ ба ростон овар.

Паёми аҳли назар бар фалак ҳавола намо,
Русуми гунбади хазро[1] ба хокиён овар.

Ба нашри аҳли башар дар замин гунаҳкоранд,
Ҳама малоики музниб[2] зи осмон овар.

Ба соҳибони амонат чу нася баргардон,
Ҳамон муваққати бедод армуғон овар.

Фасонаҳои муҳаббат, ки бефурӯғ омад,
Бизан ба оташу обу наве баён овар.

Қирони меҳру маҳ ин ҷо мунаҷҷиме донад,
Варо чу ёфт намудӣ, маро қирон овар.

Қаландарӣ бифизову Муфаззали моро
Саодати ду ҷаҳонаш ба хастаҷон овар!

1. Гунбади хазро – гунбади зумуррадгун, киноя аз осмон.
2. Музниб – гунаҳкор. Дар ин нукта ба ривояти ронда шудани Ҳазрати Одам аз биҳишт ишора шудааст.

* * *

Кӯйи ту меравад дилам, «Аҳлану марҳабо!»[1] бигӯ,
Хезу расули бандаро «Дӯст, биё, биё!» бигӯ!

Ишқу умеду орзу мебарадат зи номи ман,
Қосиди хушпаёмро ҳарфи хушу сазо бигӯ!

Қиблаи манзилат намо, зайфи[2] худӣ ҳамерасад,
Хони муҳаббатат кушо, аз караму сахо бигӯ!

Нағмаи дилкушо бизан, бо ҳама ёру ёварат
Шод шаву ғазал саро, аз тарабу наво бигӯ!

Ҷони ман аст ин сафир, омадаро азиз гир,
Ҳадя ба ин мусофират пардаи сад садо бигӯ!

Шамс мунаввар аз туе, моҳ ҳам анвар[3] аз туе,
Қиссаи ишқу ошиқӣ аз ҳарами само бигӯ!

То абадам намеравад дил зи диёри ту бурун,
Баски Муфаззали туям, фазл бикун, дуъо бигӯ!

1. «Аҳлану марҳабо!» – «Хуш омадӣ!» гуфтан аст.
2. Зайф – меҳмон.
3. Анвар – равшантар.

* * *

Ёди ту таронаи замирам,
З-ин беш касе намепазирам.

Ҳарчанд ки қадри ман баланд аст,
Дар пеши мақоми ту ҳақирам.

Хуршеди самои ҳарду олам,
Фархундаҷалоли беназирам.

Ман зарраи зарраи ту бошам,
В-он зарра бидояту ахирам.

Чун шоҳ туйӣ ба кишвари ишқ,
Ман ёвари ту – яке вазирам.

Ай кони сахову ганҷи ҳастӣ,
Даст аз бари доманат нагирам.

То ҳаст рамақ ба ҷисму ҷонам,
Ту хоҷаву банда чун асирам.

Ай сарвару ҳомии Муфаззал,
Андар ҳарами вафот мирам!

* * *

Хаёлат, ай Таҷаллӣ[1], бодапарвар мекунад моро,
Миёни ҷумлаи ушшоқ сарвар мекунад моро.

Бузургони хирад умре мақоми васл меҷустанд,
Бар эшон раҳнамойи қутбу раҳбар мекунад моро.

Ниҳоле, к-андар ин боғи муҳаббат руста аз ҷонам,
Ба фарҷоми таманно шоду мусмар[2] мекунад моро.

Замоне гар убури соҳили дарё муаммо буд,
Кунун оҳанги дидорат шиновар мекунад моро.

Гирифтам домани Аттору дасти Мавлавӣ маҳкам,
Ки ҳар алломае бишнуфт, бовар мекунад моро.

Шуҷоат мефизояд саъйи моро довари ишқат,
Ба майдони садоқат рӯҳи сафдар мекунад моро.

Муфаззал, шеъри мо дар маҷлиси хубон агар афтад,
Тавофи сад забоне қанду шаккар мекунад моро.

1. Таҷаллӣ – Нури Худованд.
2. Мусмар – босамар.

* * *

То дар ин олам дили девонаро гум кардаам,
Аз пайи паймоншикан паймонаро гум кардаам.

Дафтари шеърам зи сабки «оҳ-оҳ» оташ гирифт,
Мубтадову таммати афсонаро гум кардаам.

Дӯстӣ кай маҳв шуд зери равоқи бесутун,
Дилбариву лутфи муштоқонаро гум кардаам.

Маслаҳаткӯше намебинам зи ҷӯши анҷуман,
Соликони шеваи риндонаро гум кардаам.

Шаҳроро набвад ин ҷо шаҳрёри шаҳри мо,
Пойбӯсаш зевари шоҳонаро гум кардаам.

То бигирам домани сайёдро аз иштиёқ
Ихтиёри дом кардам, донаро гум кардаам.

Сӯхтан будаст охир бохтан ҳамкешро,
Дар тавофи шамъ он парвонаро гум кардаам.

Ончунон рафтам зи бедоди сипеҳр аз ёди худ,
К-аз фироқи хештан ҷононаро гум кардаам.

Бо Муфаззал ошиқи дигар ҳам аз ин қисса гуфт:
«Чун нагирям ман, ки соҳибхонаро гум кардаам»[1].

---

1. Моли Соиб аст.

* * *

Мутрибо, наво бахшо пардаи дутореро,
Соқиё, иҷозат деҳ саъйи майгусореро!

Ай саҳар, насим овар, сураи вафо хонад,
Гул ба саҷда баргирад рӯбарӯ ҳазореро.

Хутбае чу оройӣ, ай имом, ишорат кун
Бар сафи навоҷӯён роҳи ҳақгузореро!

Сокинони гулшанро, лолаё, масӯзонӣ,
Сурхрӯйи олам кун хастаю фигореро!

Кирдигори беҳамто, худ тағайюре фармо
Дар ҷаҳони бадхоҳон турфа рӯзгореро.

Ҳадяе зи мо ин ҷо ҷуз ғазал чӣ баргирӣ,
Ай ҳабиб, медораш пос ёдгореро!

Ҳар куҷо ба пажмурдан дидаӣ дилафрӯзе,
Ай Муфаззал, аз сар гир ишқи навбаҳореро!

* * *

Ханда бизан ба оламам, олами ман чӣ оламе?!
Аҷзу ниёзи ман бибин, ҳолати ман, чӣ ҳоламе?!

Рашк туро ҳаром бод, тантана нотамом бод,
Роҳати ту ҳасад бувад, талх мазан ҳалоламе!

Қолу мақоли бандагӣ аз ҳадасе[1] бигӯямат,
То шунавӣ ба як даме лутфи сухан, чӣ қоламе?!

Ӯ ба ҷилои субҳдам зулмати шаб гусастааст,
Фоли варо кушуда ман, моҳиятан, чӣ фоламе?!

Нолаи нойи Мавлавӣ мешунавам зи ҳар даре,
Лаҳҷаи нойи ман шунав, пеши заған чӣ ноламе?!

Чун зи алиф гузар кунам, то бирасам ба мими ӯ,
Роҳати боли ман бубин рӯйи чаман, чӣ боламе?!

Ман ба самоъ[2] рафтаам, сомиъаи ту дар куҷо,
Ношунавӣ, суолаке масъаларо чӣ соламе?![3]

Моли ман аст ин ғазал, кист миёни ағниё,
Вирди забони анҷуман, шаҳди даҳан, чӣ моламе?!

---

1. Ҳадас – ҳодиса, рӯйдоди нав.
2. Самоъ – ҳолати ваҷди дарвешон
   ҳангоми зикри Худованд.
3. Соламе – пурсон шавам.

* * *

Дар ишқи ту чун мусаххарам ман,
Бо хоки раҳат баробарам ман.

Меҳмони азизи дил, куҷоӣ,
Мизбони шикастапайкарам ман?!

Заркӯб чу гаштаам зи покӯб,
Дар мартаба бебаҳо зарам ман.

Ташхиси маро чаро нахонӣ,
Бингар, чу маҳи мунавварам ман?!

Каммеҳр наям ба камназирон,
Дар сояи меҳрпарварам ман.

Дигар чӣ даруни хона гаштан,
Овозаи ҳафт кишварам ман.

Риндона ҳарам хиром дорам,
К-озодназар қаландарам ман.

Дасти мададе мадид фармо,
Муҳтоҷи атои сарварам ман!

Илму амали маро бияфзо,
Ҳарчанд ки номукаррарам ман!

Шоҳо, ҳама зории Муфаззал,
Бинмой қабул, чокарам ман!

* * *

Гуфтам: Дилам ба қабзаи ҳирмон[1] намедиҳам!
Гуфто: Ба ин шикастаи ту ҷон намедиҳам!

Гуфтам: Дар интизорият имкони мурдан аст!
Гуфто: Бимир! Дигарат имкон намедиҳам!

Гуфтам: Азоби бандаи ишқат зиёд шуд!
Гуфто: Сазои фитнасиголон намедиҳам!

Гуфтам: Зи баҳри бӯса чӣ соям ба мақдамат?
Гуфто: Ба раҳзанон раҳи армон намедиҳам!

Гуфтам: Баҳои ишқи ту нақд аст ҷони ман!
Гуфто: Гаронбаҳои худ арзон намедиҳам!

Гуфтам: Зи нӯши оразат андак фишониям?
Гуфто: На, на! Изофати мастон намедиҳам!

Гуфтам: Мадад намо мани вожунабахтро!
Гуфто: Ҳидояти каси нодон намедиҳам!

Гуфтам: Ба ғайри ту Шаҳи давлатпаноҳ нест!
Гуфто: Биё, дигар ғами ҳиҷрон намедиҳам!

1. Ҳирмон – маҳрумӣ, ноумедӣ.

* * *

Ту баҳори мушкбезӣ, ба баҳори ту бимирам,
Ту замини лолахезӣ, ба ҳазори ту бимирам!

Ба қаламрави ҷаҳонам зи ту хубтар касе нест,
Ту биҳишти атрбезӣ, ба диёри ту бимирам!

Ту набиди ҷонфизоӣ ба шароби нӯши лаълат,
Ту мусаккириву тезӣ, ба хумори ту бимирам!

Ту ғизоли хушхиромӣ, ману ҳалқаи камандат,
Ту чаро зи ман гурезӣ? Ба шикори ту бимирам!

Ҳама инсу ҷинси олам ба суҷуди ман биёяд,
Ту вале ба ман ситезӣ, ба виқори ту бимирам!

Зи фишори сад фишорат ба фишори дил чӣ ҳоҷат,
Ту давойи ҷумла чизӣ, ба фишори ту бимирам!

Зи таъомули азизе чу Муфаззалат набирҳо,
Ту азизи ҷони ҷонӣ, ба канори ту бимирам!

* * *

Андар ғазал бингоштам оҳанги ҷони хешро,
Оташ басе афроштам давру замони хешро.

Ойинасо дар сина ҷо нанҳода ҳеҷ асрорро,
Тухми муҳаббат коштам марзи равони хешро.

Чун ҷони ишқомези ман рози ниҳонӣ фош кард,
Бар ошиқон во доштам ҳарду ҷаҳони хешро.

Бо нозпарвар дилбаре дар сад бало омехтам,
Дар нимараҳ нагзоштам номеҳрабони хешро.

Ҳар ҷо сухан бунёд шуд, базми дили ношод шуд,
Маҳфилсаро пиндоштам он хушбаёни хешро.

Бар лоларангони чаман ман рангу бӯ оростам,
Аз баҳри ӯ барчоштам нақши нишони хешро.

Аз аҳли дардандешаям, умре бад-ин сон пешаям,
Суде раво ангоштам бар худ зиёни хешро!

* * *

Шодам, ки дар қаламрави дил хона кардаӣ,
Олимақом, ҳиммати мардона кардаӣ!

Мардум ҳама вилояти обод меравtotaanд,
Аҳсант! Ихтиёр ба вайрона кардаӣ.

Акси ҷафои Лайлии бешафқат, ай азиз,
Шукри Худо, рисолати ҷонона кардаӣ.

Девона дар ҳимояти оқил бадавлат аст,
Моро ба фазли хеш ту девона кардаӣ!

Майхонаҳои шаҳр, чӣ масдуд[1] гаштаанд?
Тақлиди мо чу пешаи риндона кардаӣ!

Моро бас аст то ба қиёмат, ки чанд рӯз
Дармондаро ту хидмати шоҳона кардаӣ!

Алқисса, мо нишонаи як пайкарем, дӯст,
Ҷонро зи тан, мабод, ки бегона кардаӣ!

1. Масдуд – дарбаста.

* * *

Ходими майкада чун як назаре бар мо кард,
То лаби соғари мо оташи дил дарё кард.

Ҷуръаеро бикашидем, ки ғамҳо сӯзем,
Маст шуд ишқи ҷигархораву вовайло кард.

Чашми ҷон рафт пайи дидани асрори амал,
Розҷӯ гашту дари масъаларо пайдо кард.

Раҳгузоре, ки ба андоза буд андозашинос,
Гуфт: шодӣ бифизо, к-ин ҳама беҳамто кард.

Рӯзи базм аст туро, айш ҳалолат бодо,
Ҷонфидо бош касеро, ки чунин савдо кард.

Ту ҳамон бахти забунӣ, ки ҳумоюн гаштаст,
Ту ҳамон авҷнавардӣ, ки фақат анқо кард.

«Файзи рӯҳулқудус ар боз мадад фармояд»,[1]
Қодир ойӣ ба ҳунарҳо, ки яди байзо кард.

Ҷилвагоҳи рухи ёр аст саропои ҷаҳон,
Моҳу хуршед ҳақиқатвари ин даъво кард.

Чун Аҷамрод тамошогаҳи олам мерафт,
Дид ин манзару сад шукр аз он мавло кард.

1. Моли Хоҷа Ҳофиз аст.

* * *

Гардем, ки андешаи домони ту дорем,
Дар роҳи вафо чашм ба ҷавлони ту дорем.

Зулматкада ҳаргиз набувад маскани уммед,
Мо аҳли қиёсем, маҳистони ту дорем.

Сад шукр, ки дар дайри мукофот нагунҷем,
З-ин дори дудар рӯй ба айвони ту дорем.

Азросуханонему ҳушевору муъаллим,
Зеро сабақи ишқ зи девони ту дорем.

Товуси хаёл аст парастори таҷаммул,
Сад боғи муҳаббат паси ризвони ту дорем.

Паймонагусорони хароботи муғонем,
Ҷоме нашикастем, чу паймони ту дорем.

Пайдост, Муфаззал, ҳама ганҷинаи ҳастӣ,
Ҷон бар кафу дил дар сари пайкони ту дорем.

* * *

Солҳо дил сухани ишқ муқаффо мекард,
Фикрати манзари ваҳшаткада илқо мекард.

Иштиёқест муҳол ин ҳама наққошии ӯ,
Лек лаббайказанон боз тавалло мекард.

Музтарибҳол басе масъалаперо мегашт,
Пардадар гашта ҳаме шиква зи дунё мекард.

Гуфтамаш: «Чун битавонӣ ба наҳангистон рафт?»
Гуфт: «Коре бикунам, к-Осафи доно мекард.

Мурдагонанд, ки навмеди абад дар хоканд,
Зинда з-онам, ки маро ишқ мудово мекард.

Ин ҳунарро, ки чу мерос падар дод ба мо –
Сахтҷонист, вале Одаму Ҳавво мекард.

Бод поянда, ки ин шуъла куҳанпарвоз аст,
Чун башарро зи қидам роҳ муҷалло мекард!»…

Ай Аҷамрод, муборакгуҳаре дил дорӣ,
К-ин хирадманд ғазалҳои ту иншо мекард.

* * *

Рӯйи мо ҷониби меҳроби таманност ҳанӯз,
Гарчи дину дили мо рафта ба яғмост ҳанӯз.

Фитнаангезии айём муҳоландешист,
Ҷои мо соҳати гулгашти Мусаллост ҳанӯз.

Он чӣ аз қайссириштон натавон рафт зи ёд,
Мотами ишқи ҷигархораи Лайлост ҳанӯз.

Мо ҳамонем, ки даргоҳи муҳаббат биравем,
Тӯтии завқ шакархост, ки гӯёст ҳанӯз.

Сирри эҷод кӣ донист, ки мо ҳам донем,
Омаду рафти ҷаҳон ҳарфи муаммост ҳанӯз.

Равшанӣ худ ба худ аз партави худ ҳаст нашуд,
Обрӯи дили шайдо зи сувайдост ҳанӯз.

Дар сутуни ҳарами ишқ Аҷамрод нигошт:
Қасри иқбол дар ин шаҳр чӣ зебост ҳанӯз!

* * *

Ай буди бебуди ман, ғояти мақсуди ман.
Озари бедуди ман, ояти масъуди ман…
Пеши мани муштарӣ чеҳраи худ боз кун!

Фотиҳа оростам, фатҳи ту бархостам,
Дида ба ҳар ҷостам, машҳади мавҷуди ман…
Суннати пайғамбарӣ ойинапардоз кун!

Мурғи шабовези ман, рӯҳи саҳархези ман,
Сӯзи дилангези ман! Пайкарафарсуди ман…
Ғамкадаро дар бидеҳ, машъалаандоз кун!

Роди сафоофарин, ҷилвагаҳе баргузин,
Оҳу асарро бичин! Хез ба хушнуди ман!..
Шавқи наво омадам, сози маро соз кун!

Роҳати ҷонам физо, раҳравам, ай раҳнамо,
Боби мусалло кушо! Муршиду масҷуди ман...
Саҷдаи шукр оварам, анҷуман оғоз кун!

Мужда бубахшо ба дил, к-ӯ зи ҷудоӣ хиҷил,
Ҷурми ғарибон биҳил! Розиқи ҳар суди ман…
Ё сари ман теғ каш, ё ки сарафроз кун!

Муфаззали Аҷамрод

Фаввораи оташ аст оҳам,
Барқафгании фалак гувоҳам.
Боз ой, сапеди рафтаи ман,
Валлаҳ, ки малул аз сиёҳам!
Озурдадилам зи ҳаҷри рӯят,
Афзунтар аз ин чу хоки роҳам.
Дар мақдами интизорат, ай дӯст,
Наққоши вафост ҳар нигоҳам.
Гӯянд: «Калиди бахт сабр аст»,
Ку бахт? Гузашт солу моҳам!
Кофар шудаӣ, аё мусалмон,
Ғорат задаӣ ту хонақоҳам?!
Офоти ҷаҳон маро панаҳ шуд,
Ай пушту паноҳ, бепаноҳам!
Лашкаркаши номии замона,
Андӯҳу ғаму алам сипоҳам!
Андеша зи ҷанг дорам имрӯз
Бо қисмату ҳолати табоҳам!
Имдод бидеҳ, Худойгоно,
Барчош сафо ба субҳгоҳам!
То ҷилвагарӣ кунам ба олам,
Хуршед дамад ба ҷилвагоҳам.
Пас доди худ аз қазо бигирам,
Дарвеш куҷо, ки подшоҳам?!
Минбаъд ба гуфтаи Аҷамрод:
Ҳиҷрони туро дигар нахоҳам!

***

Мо зоти тамизем, ки боре бинамоянд,
Дар таҷриба набвад, ки дигарбора бизоянд.

Анфоси нафисему шарифему зарифем,
Зарроти вуҷудем, ки дар вақт напоянд.

Мероси ҷаҳонем, гаравгони муҳаббат –
Ушшоқи навосанҷ, ки дар ишқ фидоянд.

Мо нақшу нигорем дар ойинаи ҳастӣ,
Бар ҳурмати ойина ғубораш бизудоянд.

Аммо чӣ тавон кард зи номардии даврон,
Як зумра худобехабарон душмани моянд!

Ҳарчанд азизем дар ин дайри сипанҷӣ,
Чун даргузарем марсияти мо насароянд.

Дар фалсафаи ишқ заъифанд ҳасудон,
Ашъори гаронмояи моро нагароянд.

Афсӯс, Аҷамрод, ки патёрасиголон
Гургони ситампешаву аҷноси балоянд.

***

Ай боғбон, бикшой дар, то рақси гулҳо бингарам,
Ҳам бенасиб аз базми гулҳо з-ин гулистон нагзарам.

Дарде, ки ман дорам ба дил бо гул мудово мешавад,
Огаҳ набошад як ҳаким аз тинати гулпарварам.

Завқе намебахшад маро ҷуз хандаи гулзорҳо,
Нақши яқин пайдо кунам дар шангии ин манзарам.

Умре баҳорон орзу бошад маро аз ҷустуҷӯ,
Бо гул нишинам рӯ ба рӯ в-аз лола гирам соғарам.

Маҳрам шавам бо нози гул, фаҳме барам аз рози гул,
Дастон занам чун андалеб аз қиссаҳои дилбарам.

Дар синаам гулшансаро бунёд гардад ҷойи дил,
Шабнам намояд Замзаму амвоҷи гулҳо Кавсарам.

Баҳҷатфизоиҳои гул аз хештан бирбоядам,
Пас ҷони ишқомезро бар ҷони гулҳо биспарам.

Ман чун Аҷамрод аз азал дар мазҳаби гул будаам,
Гулгашти девонам даро в-аз гулнасабҳо бишмарам!

***

Зиндагониро мубарҳанзоти имконем мо,
Меҳвари афлокро қутби намоёнем мо!

Рустоизодагон, озодагони ориё,
Мафхари ному нажоди растагоронем мо!

Маъдани мо зарби оҳангар фаровон дидааст,
Бе маҷозе теғи ҷавҳардори бурронем мо!

Нест мумкин рӯшаниро кард пинҳон аз назар,
Пурзиё аз партави Хуршеди ирфонем мо!

Шаҳриёрони заминему хидеви осмон,
Ҳамрикоби ахтарон - кайҳоннавардонем мо!

Ишқи ҷонон гавҳари ноёби имон будааст,
Гавҳари ноёбро дар ҷон нигаҳбонем мо.

Оламороем андар санъати равшандилӣ,
Меҳру Маҳро дар мақому рутба ҳамсонем мо!

Лек ҳайҳот, ай Аҷамрод, аз ҳаёту аз мамот,
Дар сари мижгони ҳастӣ ашки ларзонем мо![1]

1. Маънӣ аз Бедил.

***

Рӯзи аввал сурати моро чу иншо доштанд,
Хоки фитрат бо гулоби нангу ном анбоштанд.

Тинати воло гаравгони садоқат аҳд шуд,
Дар замини ҷони мо тухми муҳаббат коштанд.

Саҷдаи ҳақро малоик бахшиши эҷод кард,
Найнавозон коми моро бо сухан бардоштанд.

Аз даруни ганҷҳои Роздони зиндагӣ
Ишқро пероями шавкат ба мо афроштанд.

Тоқи аъло рӯшаноӣ ёфт аз симои мо,
Чун ба сар моро кулоҳи шоирӣ бигзоштанд.

«Мо чӣ мекардем, чун ойина лавҳи покро»[1],
Дар ниҳон аз чашм рамзи неку бад бингоштанд.

«Айшоро баҳри мурдан нест!»-гӯён он замон,
Бар сари мо ифтихори хусравӣ барчоштанд.

Номҷӯи миллати фарзонаи тоҷикро,
Дар хирадманде Аҷамроди адаб пиндоштанд!

---

1. Моли Соиб аст.

***

Дар олами ҳастӣ ҳама ҳастӣ бамаром аст,
Ҳар собиту сайёр ба назмеву низом аст.

Аз нест куҷо ҳаст шавад зоти вуҷуде?
Ҳаст аст, ки ҳасти азалӣ ҳасти тамом аст.

Гум гашт агар ҳастии ҳасте зи тағайюр,
Он ҳаст, вале бо гузаре ҳасти давом аст.

Дар қоидаи даҳр фиреби назаре нест,
Аммо ҳама найрангу фусун кори авом аст.

Эҷоди ҳама кавну макон баҳри ману туст,
Мо беҳунаронем, фалак тавсани ром аст!

Ин хаймаи афлок, ки дарбори сипеҳр аст,
Бе чӯбу танобе чи аҷаб дори салом аст.

Пас, суду ниёз аз фалаку даҳр ситонед,
Фирдавс ҳамин ҷост, азизон, ки ба ком аст!

Нобуд бувад, ҳар чӣ ки дар буд набошад,
Ҷуз буд агар буд, ҳамон буд кадом аст?!

Ин нукта ба таксир бигуфтанд ҳакимон,
Такрори Аҷамрод ҳам аз қимати вом аст!

***

Зиндагӣ арсаи ҷаҳду ҷадали инсон аст,
Ҳар кӣ тарсуст, дар ин бодия саргардон аст.

Пойлағз аст ҳама соҳати айши башарӣ,
Эмин ин ҷост касе, к-ӯ ба раҳи виҷдон аст.

Меҳтароину накӯзод ҳамонест, ки ӯ
Дар талоши шарафу манзилати мардон аст.

Тарф бастан ба тарабхези ғано[1] нодонист,
Пойбанди ҳарами илму адаб фарзон аст.

Ҳеҷ кас шарбати умри абадӣ нӯш накард,
Он ки пояндаву боқист, фақат Яздон аст.

Озмандони хирадманд ба ишқ ободанд,
Ҳазрати Ишқ ба ҳар мазраъае деҳқон аст.

Балки болотар аз ин рутба мақоме дорад,
Ишқ бар ҳастии дунёи куҳан бурҳон аст…

Кас агар ҳамчу Аҷамрод бувад ошиқи ишқ,
Манзаре бинаду гӯяд, ки ҳамин ризвон аст.

---

1. Ғано – сарват, дороӣ.

***

Ҷони ман бар оташат испанд бод,
Банд – банди ман ба бандат банд бод!

Баҳри туғёнам, чу аз худ меравам,
Гирдбоди ишқ дарёбанд бод!

Лашкари ғам гар фузун гардад, чӣ ғам?
Он фузунӣ чанд андар чанд бод!

Ҳар балову ҳар қазо пеш оядам,
Бандаи офот созишманд бод!

Зодаи маргам, зи маргам бок нест,
Марг аз ин ҷонфидо хурсанд бод!

Чун зи дастат мотами ман даррасад,
Ҷумларо он рӯз хандоханд бод!

Ай вуҷуди ту ҳаёте ҷовидон,
Ҳастиям бо ҷовидон пайванд бод!

Оташинҷоне Аҷамроди туям,
Ин ғазал аҳди маро савганд бод!

***

Он ки ҷо дар дили мо шӯри ду дунё мекард,
Базми мо дида, ба сад рашк тамошо мекард.

Ӯ рабудаст, ту гӯӣ, шараре з-оташи ишқ,
К-аз замин то ба само валвала барпо мекард.

Гулхани ишқ чу перояи ҷонаш барбаст,
Шуъларӯ гашта, зи шаб рӯз ҳувайдо мекард.

Мо фақирони муҳаббатзада рӯ бар Аршем,
Он сахопеша ишорат ба таҳи по мекард.

Ҳасрати ташнаҷигар косаи гирдобе нест,
Иктифо буд, агар ёд зи дарё мекард.

Бомдодон чу иродат ба ибодат хезад,
Шоҳи мо ҳамрави мо азми Мусалло мекард.

Маъзарат металабам банда зи миногари ишқ,
Гар ба андозаи май зарфи ману мо мекард.

Ҳамдамо, бӯйи вафо мешунавӣ, ҷӯё шав
Накҳатеро, ки Аҷамроди ту ифшо мекард.

***

Имшаб гули хуршед ба домони кӣ резӣ,
Дурру гуҳар аз қулзуми ҷӯшони кӣ резӣ?

Ай абри матарзо, чу аз ин кишт гузаштӣ,
Борони латофат ба баҳорони кӣ резӣ?

Иншогари ашъори ҷигарсӯз фаромӯш,
Абёти шабафрӯз ба девони кӣ резӣ?

Дар соғари мо акси рухи туст муҷалло,
З-он лаъл лаболаб ту ба финҷони кӣ резӣ?

Ризвони муҳаббат, ки тамошогаҳи мо буд,
Бар манзари номаҳрами чашмони кӣ резӣ?

Аз мо чӣ хато рафт, ки бо мо нагироӣ,
Сад ной наворо ба найистони кӣ резӣ?

Паймони вафоро ба ҷафо карда мусовӣ,
Дарҳамшиканиҳо сари виҷдони кӣ резӣ?

Дар қалби Аҷамрод бувад дурҷи садоқат,
Аз бурҷи риё ганҷ гаравгони кӣ резӣ?

***

Умри худро дар суроғи рӯйи моҳат бохтам,
Солҳо дар оби чашми хештан бигдохтам.

Ёфтам ман андалебосо туро дар кӯйи ғам,
Лонаи худ дар сари сарви хаёлат сохтам.

Ганҷи ранҷатро зи олам кардаам ғоратгарӣ,
В-аз ниҳодам шодмониҳо бурун андохтам.

Пешаи дигар набудам ҷони ишқандешро,
Авҷи суди «Ман язид?»[1]-и ишқро афрохтам.

Гум нагардад нақши идрокат маро аз лавҳи дил,
Гарчи дар ойина ин наққошро нашнохтам.

Мардумон гуфтанд: рӯ гардон зи дарёи адам,
Аз адам бигзаштаму бо ҷовидон пардохтам.

Бо Аҷамроди сухангустар нишастам дӯш ман,
Дар наво печида, оҳанги муҳаббат сохтам.

---

1. «Ман язид?» - дар музоядаҳо «Арзишро кӣ зиёдтар мекунад?»-гуфтан аст.

***

Туро, ки ҷони манӣ, суст гашта паймонат,
Чӣ гӯямат ба шуҷоат зи айбу нуқсонат?

Бидон, ки шаб, ҳама шаб, ёди туст ҳамрозам,
Саҳар расад, бишамам бӯйи гул зи ҳиҷронат.

Намедиҳанд иҷозат маро ба навмедӣ,
Хаёли чашми сухангӯю ҷайши мижгонат.

Биё, ки сӯзи ду ҳезум бувад чи оташзо,
Бисӯзаму ба худ оям зи сӯз – сӯзонат!

Агарчи бо мани маҳҷур илтифотат нест,
Ба ҳар куҷо, ки ту бошӣ, Худо нигаҳбонат!

Биҳишти ноз муяссар накардаӣ, медон,
Кифоят аст маро нола дар найистонат!

Аҷаб мадор, ки гуфтам ду нуктае дилгир,
Фиристамат ба дуъо, то кунад парешонат.

Бирав, бирав, ки дигар з-ин ҳикоя бас кардам,
Ту дону шӯри Аҷамроду ҳукми виҷдонат!

***

Дӯсттар аз дӯст дорам дӯстро,
Ганҷи дунё мешуморам дӯстро!

Чун табиби иллати бегонагӣ,
Ҷон ба ҷонаш месупорам дӯстро!

Гар ду олам душманандешӣ кунад,
Амнободе, ҳисорам дӯстро!

Сабзҷону тозарӯ аз ишқи ӯ,
Чун чаман ҷӯши баҳорам дӯстро!

Ӯ маро аз ман муқаррабтар бувад,
Дар худу ҳар ҷо дучорам дӯстро!

Шоҳиди ҳол аст наққоши азал,
Появу рукну мадорам дӯстро!

Тӯтиё созам зи хоки мақдамаш,
Интизорам, интизорам дӯстро!

Чун Аҷамроди садоқаткеш ман,
Дӯст дорам, дӯст дорам дӯстро!

***

Ба кӯят гарчи шодон омадам, бо сад алам рафтам,
Саодатро таманно доштам, бо дарду ғам рафтам.

Вафо пиндоштам дорӣ, ҷафо подош донистӣ,
Тариқи ошноӣ ҷустаму роҳи адам рафтам.

Тасалло кай тавон додан маро бо хандаи ҷоме,
Шикастӣ бесадо он ҷому ман бе ҷоми Ҷам рафтам.

Намози шукр гуфтам мегузорам дар ҳарамгоҳат,
Вале саҷҷода ногустарда, берун аз ҳарам рафтам.

Нахоҳам хонд дигар хутбаи ишқат зи минбарҳо,
Хамӯшам баъд аз он дам, то зи рӯйи минбарам рафтам.

Сувайдо гашт дил, мотам гирифтам, сӯхтам, мурдам,
Ба девони ғазал бо ёвариҳои қалам рафтам.

Бигирам доманат рӯзи қиёмат, ман хабар кардам
Туро бо муддаъоям, баски бо чашмони нам рафтам.

Аҷамродо, шукӯҳи тоҷи султонӣ ҳамин будаст,
Ба ҳар сурат, ки рафтам, ман зи олам муҳтарам рафтам!

***

Чун шиновар гар наоӣ бар дили дарёи ман,
Аз кафи афсӯс меояд бурун овои ман.

Гавҳар овардан бурун аз баҳр кори саҳл нест,
Пешаи ғаввос кун дар баҳри гавҳарзои ман.

Шеър фаҳмидан, азизам, беҳтар аз шеърофарӣ,
Ҳеч пайдо нест пайдотар зи ин пайдои ман.

Дар мусаллои китобам ҷонамозат боз кун,
То бихонӣ сураҳои ишқ аз иншои ман.

Ҳамчу Маҷнун гом зан дар раҳгузори фикратам,
Бингарӣ дар ҳар баёне талъати Лайлои ман.

Ошиқи маънӣ набошӣ, сайри ин саҳро макун,
Варна саргардон шавӣ дар Водии Минои ман.

Ғафлати имрӯз ғамфарҷоми фардо мешавад,
Ҷаҳд кун, то даррасӣ имрӯз бар фардои ман.

Нуктасанҷӣ аз Аҷамроди муаллим ёд гир,
Даргаҳи Парвардгорам оқибат маъвои ман!

***

Нури ту таҷаллӣ зад дар равзанаи ҷонам,
Ваҳ-ваҳ, чи мусаффо шуд ойинаи имонам.

Ойина басе ғаммоз аз ғояти масрурӣ,
Бошад, ки бувад мумтоз ороиши ирфонам.

Кай дур бувад маҳтоб аз партави худ як дам,
Дайҷур набишносам, дар ҳукми чароғонам.

Ай розгари розам, васфат чу биоғозам,
Сад қофия пардозам – перояи девонам.

Мегӯяму мерақсад андар ҳарами дафтар
Бо сабки дарии хеш ин килки сухандонам.

Гоҳи дигаре сӯзам, наззора кунам ҳоле –
Дар ашки кабоби худ уфтода ба туғёнам.

Зангор куҷо гирад хуршеди муҳаббатро,
Дар лаҳни Аҷамродӣ маҷнуни ғазалхонам.

***

Чанд боист ба ман ҳалқаи пайванд шикаст,
Чандро чанд пазирам, ки басе чанд шикаст?!

Хотирозурдаам аз ҷамъияти мурдадилон,
К-аз парешонияшон рӯҳи хирадманд шикаст!

Шиша чун дар бағали санг амон мемонад,
Беҳунар вусъати эъҷози ҳунарманд шикаст.

Борҳо шоҳиди он будаам аз бухлу ҳасад
Сангандоз ба маҳфил дили хурсанд шикаст.

Волидон ҷумла ҳикоят зи раҳи рост кунанд,
Бемуросопадаре қомати фарзанд шикаст.

Ҳуҷҷате нест маро то ба шиносо бибарам,
Шармсорам, ки раҳорах ҳама арванд шикаст.

Чун расидам ба дари дӯст, касе пайдо нест,
«Оҳ!» гуфтам, зи нафас тахтаи дарбанд шикаст.

Хушбаён аст Аҷамрод, вале шод куҷост,
Нопазирофалакам зиндагии қанд шикаст!

***

Дарди касро накунад дарк ба ҷуз ҳамдарде,
Қимати ашк диҳад дидаи ғампарварде.

Хоси оқил набувад яккаву танҳо будан,
Ҳамчу хуршед набошад каси танҳогарде.

Борҳо таҷриба уфтод маро дар олам,
Мардро чокари номард кунад номарде.

Бо ҳама санъати хаббозии худ кадбону
Нони хуштаъм нагирад зи танӯри сарде.

Хонаи чашм хароб аст, чу тӯфон хезад,
Ашк дарё шавад аз дарбадарии гарде.

Ҳар кӣ аз сулҳ сиголид, музаффар бошад,
Ғолиб он нест, ки паймуд раҳи оварде.

Некном асту Фаредунфару давлатёре,
Дар пайи хидмати миллат бишавад ҳар фарде.

Ай Аҷамрод, падидор шудӣ дар шеърат,
Пас, маяндеш зи хору хаси бодоварде!

***

Ҷони мо аз они ҷонон асту ҷонон з-они мост,
Ин таъомул, бемуҳобо, ҳуҷҷату бурҳони мост.

Аз атои зиндагонӣ мо пушаймон нестем,
Моли дунё дунпарастонрову ирфон з-они мост.

Корсозон фитнаангезанд дар бозори мо,
Ишқ корафтодае андар сарои ҷони мост.

Саҷдагоҳи мо замири поки мо, дар мост ҷо,
Роздону хутбахону пешво имони мост.

Дастбозӣ бо тавони кӯба шуғли нотавон,
Сабру тоқат пешаи пайвастаи сандони мост.

Чун таваккул бо Худо кардем, боғистони мо
Навбаҳори ҷовидону лутфи ӯ борони мост.

Обрӯи мо зи шеъри ноб афзун мешавад,
Шукри беҳад, к-ин фузунӣ вусъати имкони мост.

Аз бари гаҳвора овардем фазли момро,
Ин сипоҳӣ худ Аҷамрод асту ӯ султони мост!

***

Гулшани оғӯшро кардам таманнои дигар,
Ин таманно фош кардам сад тамошои дигар.

Баҳри тифли орзу, гуфтам, муаммо боз шуд,
Абҷад овардам, муаммо шуд муаммои дигар.

Хостам бартобам аз ин ҷустуҷӯҳо рӯйро,
«Ист!» гуфто, беибо, аз пушт овои дигар.

Ихтиёри коргоҳи ишқ кардам бедаранг,
Дасти пири кор бигрифтам ба савдои дигар.

Ончунон андар шигифт уфтодам аз бедоди ӯ,
Кошифи асрор нанмудам ҳувайдои дигар.

Дида дарё карда аз бемеҳрии он моҳрӯ,
Кӯҳи кулфатро кашидам то ба саҳрои дигар.

Ҳаст оё ошиқе шайдотар аз ман дар ҷаҳон,
То сабақ гирам мани коно зи донои дигар.

Аз румузи ишқ пурсидам, Муфаззал бозгуфт:
Ишқ моро мебарад рӯзе ба дунёи дигар!

***

Ай писар, ҳар кор бо номи Худо оғоз кун,
Пас чу шоҳин дар фазои зиндагӣ парвоз кун!

Покмағзу покдоман бош, яъне, покмард,
Хонаи дилро ба рӯи дӯстонат боз кун!

То тавонӣ, суҳбати равшанқиёсонро гузин,
Синаро бо ҷилваи барқи хирад пардоз кун!

Носипосон ҷумла бадкешанд дар рӯи замин,
Хештанро дур аз ҳар хилқати носоз кун!

Гар баландовозагӣ хоҳӣ миёни мардумон,
Панди халқон аз хисоли нек беовоз кун!

Одамиӣ, ай азизи ман, Масеҳидрок шав,
З-ин мақоми арҷмандат ҳар куҷо эъҷоз кун!

Гар наёбӣ қибларо дар чор сӯи манзилат,
Ҷониби қабри падар гарду адои роз кун!

Моҳи айвонат мунаввар бод аз нури сухан,
Чун Муфаззал дастбӯси Хоҷаи Шероз кун!

***

Хезу ба қасди куштанам бори дигар зи раҳ гузар,
Сарви ҷаҳонтирози ман, аз ҳарами нигаҳ гузар!

Пушту паноҳи мо туйӣ, сарвару шоҳи мо туйӣ,
Кай ба ту гуфтаем мо тарзи панаҳ-панаҳ гузар!

Расм ба имтиёз ку, фурсати иштиёқро?
Шом гузар, ба шаб гузар, ё дами субҳгаҳ гузар!

Яксара қатли ом кун бо дами теғи абрувон,
Халқ ба интизори туст, аз бари размгаҳ гузар!

Разми туяст базми мо, дар маялони беҳудӣ
Боз биё, зи гӯшаи арсаи базмгаҳ гузар!

Пешрави фидойгон ман нашавам, кӣ мешавад?
Саҳв макун, нагӯямат, отифа, аз гунаҳ гузар!

Сурх нагардад оҳанам, то наравад бар оташат,
Кист, ки таънае занад: «Бебасар, аз сияҳ гузар!»

То гузаре намекунӣ, мо гузаре намекунем,
Ё ба Муфаззалат бигӯ: «З-ин ҳама оҳу ваҳ гузар!»

***

Чун зиндагӣ хуҷаста зи ҳастии модар аст,
Бемодарӣ ба бекасии кас баробар аст.

Расми бародарӣ чӣ биҷӯӣ пас аз падар,
Марги падар таваллуди ҷанги бародар аст.

Фасли хазон расад ба басотин, чу боғбон
Баррафт з-ин ҷаҳон ба ҷаҳоне, ки дигар аст.

Аз додаре, ки сард бувад меҳри ӯ чу дай,
Қандили ях зи будани он буда беҳтар аст.

Дасти мадад мадид намеорад ар ғанӣ
Дармондаро бидон, ки худ аз ҳар кӣ камтар аст.

Ҳиммат талаб макун ту зи номарди рӯзгор,
К-он фазлахор нокаси берангахтар аст.

Урён ба гӯр меравад ар бандаи Худо,
Қоруннамои номутаносиб қаландар аст.

Ҳар кас, ки раҳнамо ба худ ин панд мекунад,
Равшандиле зи мардуми покизагавҳар аст!

# ҒАЗАЛИ ҒАРИБОН
## (Муноҷот)

Ай фалак, дод аз ҷафоят, талхкомам кардаӣ[1],
Заҳри минои мунаққашро ба ҷомам кардаӣ!

Ноилоҷам мулки ғурбат раҳнамунам сохтӣ,
Вожгун бодо мақомат, бемақомам кардаӣ!

Ай сипанҷи нобасомон, обрӯям рехтӣ,
Зархариди нокасонам, чун ғуломам кардаӣ?!

Гар Ватан гӯям, вуҷудам ларзад, ай бедодгар,
Гумраҳе аз равзаи доруссаломам кардаӣ!

Зиндагонӣ бар муроди мо набошад, гӯ мабош,
Баски қути лоямутеро ҳаромам кардаӣ!

Гавҳари ашкам муҳити ғуссаро пурмавҷ кард,
Завроқи бебодбонам, бенизомам кардаӣ!

Ҳеч имкони халосӣ нест аз беҳосилӣ,
Кай мукаммал менамоӣ, чун тамомам кардаӣ?!

Дар ғарибистон ғарибонро напурсад хеч кас,
Ман Аҷамродам, ту бедодӣ ба номам кардаӣ?!

---

1. Дар пайравии ғазали машҳури Туғрали Аҳрорӣ «Ай фалак, дод аз ҷафоят…», ки онро хунёгари шаҳир Устод Ҷӯрабеки Мурод ба ҳайси муноҷот месароянд, гуфта шудааст.

***

Маро бо чашми бад мангар, ки худ ношод мегардӣ,
Макан бунёдам, ай бебаҳра, бебунёд мегардӣ!

«Садоқат пеша кун!»- гуфтам, разолатро писандидӣ,
Дареғо, то қиёмат дар харобобод мегардӣ!

Дуъои порсо бадбахт созад ҳар балоҷӯро,
Ба сурат шод, аммо дар амал фарёд мегардӣ!

Рафоқатро парасторӣ намову одамӣ омӯз,
Вагарна, дар работи бекасӣ дар дод мегардӣ!

«Ҷавонию ҷунун»- гуфтанд пирони ҷаҳондида,
Самар гар н-оварӣ з-ин боғ, охир бод мегардӣ!

Ғалат кардӣ, агар панди накӯроён набишнидӣ,
Аё худхоҳ, умре даври истибдод мегардӣ!

Раҳонад мардро ақли расо аз ноумедиҳо,
Пайи андешасанҷӣ гар равӣ, озод мегардӣ!

Ба шогирдӣ Аҷамродат пазиро мешавад ҳар дам,
Раҳи устодро бигзин, чу ӯ устод мегардӣ!

***

Бе ҳузури бода мастам, ҳам дару девор маст,
Арш масту фарш масту кӯчаву бозор маст!

Ҳушмандон аз хирад бегонаву девонаанд,
Ман зи начвои[1] муҳаббат дар хаёли ёр маст!

Гардиши паргор дорам, дар тавофи нуқтае
Ранг масту нақш масту хомаи даввор маст!

Саҷда овардам, ки хонам сураи «Аъроф»[2]-ро,
Ҳарф масту субҳаву саҷҷодаву дастор маст!

Аз тамошои самоъам «Шод зӣ!»- гӯянд халқ,
Чун ба пиндору ба гуфтору ба ҳар кирдор маст!

Ишқварзӣ бегуноҳӣ нест дар дунёи ишқ,
Андар ин олам шаҳиду шоҳиду хунхор маст!

Қалби ушшоқ аст пургавҳар чу дарёи Хазар,
З-он фузунӣ баҳрамандам, чашми гавҳарбор маст!

Чун Аҷамрод ин ҳикоятро зи мастӣ боз гуфт,
Дар назар бисёр омад ҳар чӣ аз бисёр маст!

---

1. Начво – суҳбати махфӣ, ғарқи андеша будан.
2. Аъроф – барзах; ҷоест байни биҳишту дӯзах.

***

Вафодоре ҷигархунам, вафодор инчунин бояд!
Ба доми ишқ мафтунам, гирифтор инчунин бояд!

Дилороме, ки дорам, ҳаргиз аз ӯ дил набардорам,
Чунин набвад маро осону душвор инчунин бояд!

Насӯзад шамъи ман дар шоми ҳар парвонасимое,
Ба ҷуз дар рӯзи рӯйи дӯст, рафтор инчунин бояд!

Агар сад сол сайқал додаам алмоси ишқашро,
Ҳазорон соли дигар шеваи кор инчунин бояд!

Малоикро фиребад санъати ман дар шикебоӣ,
Ба ин афсунгарӣ бо ёр, ҳушёр инчунин бояд!

Ниҳонӣ доштам сирри муҳаббат, оламе бишнид,
Кунунам шуҳраи офоқ, асрор инчунин бояд!

Зи ҷони ман барояд шамси ишқангез дар Ховар,
Нигаҳ дораш, Худовандо, нигаҳдор инчунин бояд!

Ман он шогирди базморо, ғазалхони Аҷамродам,
Суханро Воҷибе шайдо, харидор инчунин бояд![1]

---

1. Ин ғазал ба хунёгари ширинадо Воҷиби Собирзоди Некнотӣ тақдим шуд.

***

Қалби моро машикан, баски нагирад пайванд,
Ҳар чӣ бишкаста бувад, халқ насозанд писанд!

Худситоё, ҳунар аз ҳарзаталошӣ манамой,
Мо хушояндкасонем, ба ин фирқа маханд!

Маслиҳат нест, ки андеша барӣ аз раҳи ҷанг,
Дон, ки андешашиносон нарасонанд газанд!

Ҳуш медор, яке қавм зи арши малакут
Дӯш дар хонаи мо бодаи мастона заданд!

Як-ду-се нукта, ки гуфтем, кифоят бишумор,
Баъд аз ин, ҷону ҷигар, дил ба шакартабъ бибанд!

Аҳли идрок куҷо таъна навозанд ба мо?!
Ин ҳикоят ба даревос[1] мунаққаш бикунанд!

Ай Муфаззал, машав озурда зи новидани[2] кас,
Шеъри дилҷӯйи ту хонанд ба Шерозу Хуҷанд!

---

1. Даревос – чаҳорчӯбаи дар ва остона.
2. Новидан – мастона роҳ рафтан, калавидан.

***

Сад ҷаҳон асрораму бо кас нагӯям розро,
Оламе гаштам, надидам одами дамсозро.

Нақши пойи сайди маъниро биҷустам солҳо,
Тарк натвонам намуд ин одати мумтозро.

Нестам ман шоири коҳил ба дунёи сухан,
Ҷаҳди анқогир дорам вусъати парвозро.

Зулмати шабҳо пайи испедкорон рафтаам,
Кай писандам ҳар нишеби ваҳм, ё афрозро.

Шаммае аз қиссаҳои ишқбозиҳои ман
Бишнавад Фарҳод, сӯзонад қабои нозро.

«Дигар имрӯз аз фироқи ёр мепечам чу мор»[1],
Тарсам аз он аст, бишносанд афсунбозро.

Дар навои ман куҷо гунҷад ба ғайр аз нолае,
К-ӯ таниновар бувад ҳар сози Шашовозро[2].

Чун Аҷамродам, рабоям аз фарози осмон,
Ҷоми хуршеду маҳу истораи дартозро!

1. Моли Шайх Саъдист.
2. Шашовоз – шашмақом.

***

Чу дар дил ҷой бигзидӣ, варо маҳзун намебинам,
Дигар дар ёди Лайлӣ хешро Маҷнун намебинам.

Даруни дидаам чун гавҳари рахшандаӣ, ҷоно,
Ман ин дарёи Қулзумро дигар пурхун намебинам.

Ту равшантар зи обу оташӣ дар кишвари қалбам,
Ки ҷанги обу оташро дигар қонун намебинам.

Нигаҳбони мақоми ишқаму аз бахт меболам,
Чунон шодам, ки ин аҳвол дигаргун намебинам.

Ба ранҷу саъй ҳосил гаштааст ин сарвати дунё,
Ки дар дунё саросар давлате афзун намебинам.

Тиҳидастам магардонӣ, Худоё, ҳеч дар олам,
Ба ғайр аз худ касеро сурати Қорун намебинам.

Қасам бар зоти покат, то нишон аз зиндагӣ дорам,
Муборак ёди рангинат зи сар берун намебинам.

Аҷамродат ғазал гӯяд зи табъи меҳрпайвандаш,
Ки ҳарфи шоиронро мисли ту мавзун намебинам.

***

Бигӯ, соқӣ, ки қарзи дӣ баробар мекунӣ, ё не?!
Ба риндони суханвар лутфи дигар мекунӣ, ё не?!

Хумори бода бархезад, ки хоки мо ба сар безад,
Наҷоти шоирон шаҳде ба соғар мекунӣ, ё не?!

Агар бо мо намесозӣ, даме моро набинвозӣ,
Фалакро сарнагун орем, бовар мекунӣ, ё не?!

Ғами олам бубин, раҳгум заду бар кӯйи мо омад,
Ба мо озори ин бадранг камтар мекунӣ, ё не?!

Намебояд, ки мо илҳому килку машқ бигзорем,
Мазид аз он каромотат тавонгар мекунӣ, ёне?!

Ба гетӣ нест моро завқи мурдан чуз барои ту,
Ҷаноби Ишқро ҷаллоди бофар мекунӣ, ё не?!

Ало, ё айюҳас-соқӣ, Аҷамрод аз ту менозад,
Варо дар бурчи арши ишқ ахтар мекунӣ, ё не?!

***

Гуфтам: садафӣ, ё гуҳарӣ? Гуфт, ки ҳар ду!
Аз қулзуми Чин, ё Хазарӣ? Гуфт, ки ҳар ду!

Дар пеши ҷамоли ту ҷаҳоне ба таҳайюр,
Маҳтоби шабӣ, ё саҳарӣ? Гуфт, ки ҳар ду!

Як дастагулӣ, лек ба мо боғ тарозӣ,
Худ муъҷиза, ё сеҳргарӣ? Гуфт, ки ҳар ду!

Гесӯи сияҳ дорию чашмони самовӣ,
Тоҷикнасабӣ, ё татарӣ? Гуфт, ки ҳар ду!

Тӯфони балойиву чунин тозанасимӣ,
Қонуни тараб, ё хатарӣ? Гуфт, ки ҳар ду!

Майлат ба вафо, ё сабаби мотами мой,
Хайрулбашарӣ, ё сақарӣ? Гуфт, ки ҳар ду!

Дар васфи ту сад қофия ҳам танг наояд,
Ту шоира, ё шеъри тарӣ? Гуфт, ки ҳар ду!

Оё битавонӣ, ки шавӣ ёри Муфаззал,
Ё раҳгузаре дар сафарӣ? Гуфт, ки ҳар ду!

---

1. Дар пайравии ғазали машҳури Шайх Камоли Хуҷандӣ «Гуфтам: башарӣ, ё малакӣ?..» гуфта шудааст.

***

То бодаи ишқ аст, ба мо ғам чӣ тавонад,
Мо толиби бешем, дигар кам чӣ тавонад?!

Гар тарк бигӯем ҷаҳон, зиндамақомем,
Дар маҳви чунин тоифа мотам чӣ тавонад?!

Хуршедхисолем, ки зулмат нашиносем,
Дар ҷодаи мо сояи мубҳам чӣ тавонад?!

Чун силсилабандем, тавонем гусастан,
Бо зарбати ишқ оҳани маҳкам чӣ тавонад?!

Дарёи равонему чаманмуждарасонем,
Дар баргаки гул қатраи шабнам чӣ тавонад?!

Ҳарчанд бало синаи гетӣ бидаронад,
Дар пешу паси ишқи муаззам чӣ тавонад?!

Ишқ аст, Аҷамрод, паноҳандаи ушшоқ,
Гар нест муҳаббат, бани Одам чӣ тавонад?!

***

Агар аз шӯри ишқам нашнавӣ афсонае камтар,
Шарики дарди дил кам бод, ғамфарзонае камтар!

Хароботи муғон ин ҷост, сӯфиваш маё ҳаргиз,
Вале чун майгусоронӣ, хуш о, вайронае камтар!

Ба оташгоҳ меоянд умре оташафрӯзон,
Тавофи шамъи мо гар н-омадӣ, парвонае камтар!

Ҳисоботе намепурсанд андар шаҳри ишқобод,
Хирадмандон агар бешанд, пас девонае камтар!

Зи сақфи боми мо анҷумсарои даҳр метобад
Ва гар деворҳо бо соя ҳампо, хонае камтар!

Аё соғаркаши айём, бояд иктифо кардан,
Паёпай бода мастӣ оварад, паймонае камтар!

Бигардад хирмани ҳар хӯшачин аз хӯшае афзун,
Нарӯяд хӯшае аз кишт, бошад донае камтар!

Аҷамродо, манол аз ошнои фитнаангезе,
Барандозаш зи хайли дӯстон, бегонае камтар!

***

Сарфарозам, ки муҳаббат буда оғози ҷаҳонам,
Ишқандештарин бандаи озоди замонам.

Шарти ишқ аст, ки ошиқ ба сухан роз нагӯяд,
Лек аз замзамаи дил ғазал ояд ба забонам.

Ҳеч касро хабар аз лаззати ин шаҳд набудаст,
То надиданд ба девони ман аз қанди баёнам.

Он яке гуфт, ки нанвис ғазал, сабки қадим аст,
Пас, чӣ тӯмор нависам чу шифобахш ба ҷонам?

Рӯй аз ишқ натобам, ки вакилам зи ҷанобаш,
Аз фунуни башарӣ ҷуз ҳунари ишқ надонам.

Рӯйсурхам ба фузунӣ зи чароғони мизоҷам,
Нур аз нузҳати қалбам бинамояд зарабонам.

Нақшбандони ҳақиқат сувари ишқ шиносанд,
Хонаи оинаи ишқ бувад кавну маконам.

Гавҳар аз қулзуми маънӣ бикашад килки Аҷамрод,
Ман ҳамон ошиқи шайдову ҳамонам, ки ҳамонам!

***

Кош аз хеш дигарбора ҳувайдо гардам,
Муъҷизи ғайб расад, мисли Масеҳо гардам.

Анбаристони муҳаббат бикушоям, шояд
Гули ҷон бӯяму з-он роиҳа шайдо гардам.

То нагиранд зи ман боғи биҳиштосоро,
Соҳирӣ варзаму як мурғи шакархо гардам.

Чашм бардоштан аз чашмбарон натвонам,
Чашми дил боз кунам, чашми тамошо гардам.

«Файзи рӯҳулқудус ар боз мадад фармояд»[1],
Мирам аз қадру аз ин фоҷиа пайдо гардам.

Ошиқи ишқ шавам – давлати озодиро,
Дар ҳамон давлати беҷода тавоно гардам.

Балки дар дори мукофот чу Маҷнун бошам,
То намояндаи ушшоқ ба дунё гардам.

Дар саропардаи афлоки сухан биншинам,
Шоире ҳамчу Аҷамрод муҷалло гардам!

---

1. Моли Хоҷа Ҳофиз.

***

Ҳокими кабирӣ, ту, дар вилояти ҷонам,
Саркашӣ зи фармонат заррае набитвонам.

Боки ман зи душманҳо нест андарин олам,
То абад сипоҳиям, ай хуҷаста султонам!

Сарнавишти савдоям, мояи таманноям,
Исми аъзамат бошад мубтадои девонам!

Манзари тамошоят ёфт дидаам дар дил,
Равшанӣ дар ин манзил мефизо дучандонам!

Қисмати азал ҳаргиз бешу кам намегардад,
Комгорам аз бахту муқтазои имонам.

Ҳиммати баланди ишқ оҳ мекашад дар санг,
Дар баёни ин ҳикмат оҷиз аст ирфонам.

Аз ҳараҷ наметарсам, ройи оҳанин дорам,
Бо танини оҳангар пуршикеб сандонам.

Осмонниҳодам кун, беш аз ин ғазал гӯям,
Ҳамчунон Аҷамродат аз гуҳарнажодонам.

***

То дари боғ кушодем, баҳорон рафтаст,
Сол бигзашт магар, селаи мурғон рафтаст?

Рӯз имрӯз чу ойинаи дӣ равшан нест,
Гунаҳ аз кист, ки он партави рахшон рафтаст?

Шаб ҳам аз рӯйи қиёс он қадаре дайҷур аст,
Ки ҳама ахтари олам ба маҳистон рафтаст!

Ашки моро ба чӣ қудрат бирабуд афсари ғам,
Чашм хушкидаву дарё ба биёбон рафтаст.

Хирароеву дилозурда кӣ ин ҷо будаст,
Мизбон ҳам зи парешонии меҳмон рафтаст.

Мо дигар толиби қисмат нашавем аз самарот,
Қисса кӯтоҳ, аз ин мазраъа деҳқон рафтаст.

Вақти кӯч аст, дами субҳ ба мардум гӯянд,
К-он Аҷамроди ғазалгӯй ба Ризвон рафтаст.

## АШЪОРИ МУТАФАРРИҚА

***Растагорӣ дар гирифторӣ бувад,***
***Бедилӣ ойини дилдорӣ бувад.***
***Мо давоми рафтагони растаем,***
***Ному нанги мо вафодорӣ бувад…***

## АЙ ИШҚ, БИЁ...

Ай ишқ, биё, нишонаат ку?
Базми тарабу таронаат ку?
Шайпуру дафу чағонаат ку?
Он оташи садзабонаат ку?
        Мо омадаем, туро навозем,
        Дар кӯраи оташат гудозем.

Ай пок, биё ту покро бин,
Аз хок шудему хокро бин,
Вологуҳаро, ҳалокро бин,
Мотамзада дар мағокро бин.
        Мо омадаем, туро навозем,
        Дар кӯраи оташат гудозем.

Мо ҷоми тиҳӣ ба даст дорем,
З-ин рӯ ба дарат нишаст дорем,
Ҳарчанд раҳи шикаст дорем,
Корест, ки кори маст дорем.
        Мо омадаем, туро навозем,
        Дар кӯраи оташат гудозем.

Гуфтанд, ки бекарона баҳрӣ,
Уқёнуси ангабину заҳрӣ,
Дар деҳкадаҳову ҳам ба шаҳрӣ,
Ошуфтатарин касе ба даҳрӣ.
        Мо омадаем, туро навозем,
        Дар кӯраи оташат гудозем.

Бинмой, бару каронаат ку?
Шаҳномаи ҷовидонаат ку?
Сӯзу таби шоъиронаат ку?
Пеш ор, кунун баҳонаат ку?
    Мо омадаем, туро навозем,
    Дар кӯраи оташат гудозем.

Моро ба паноҳи хеш баргир,
Зудхез зи марг пеш баргир,
Ҳар чиз, ки ҳаст, беш баргир,
В-аз қалби шикаста реш баргир.
    Мо омадаем, туро навозем,
    Дар кӯраи оташат гудозем.

То аз дами мо ту тез гардӣ,
Пуркинаву пурситез гардӣ
В- аз дард ту дурдрез гардӣ,
Машҳур ба растахез гардӣ.
    Мо омадаем, туро навозем,
    Дар кӯраи оташат гудозем.

Сӯзи ту вуҷуди мо гудозад,
З-ин хомгиле тало бисозад,
Азпойфитодаро фарозад,
Перояи бофарӣ тирозад.
    Мо омадаем, туро навозем,
    Дар кӯраи оташат гудозем.

Ай зоти мубораки ҷафопӯш,
Ҳаргиз набудаӣ фаромӯш,
Биштоб, ки гирамат дар оғӯш,
З-ин васл шавем ҳарду мадҳуш.
Мо омадаем, туро навозем,
Дар кӯраи оташат гудозем.

Аз рӯи вафо, аё ситамкеш,
З-он пас, ки бисӯхтӣ, биандеш,
Ҳиммат бифизо зи суфраи хеш,
Хокистари мо намо ба мо беш.
Мо омадаем, туро навозем,
Дар кӯраи оташат гудозем.

Ҳарчанд ки рӯзи мо сиёҳ аст,
Аз дасти ту ҳоли мо табоҳ аст,
Дил дар кафу дар лаб «оҳ - оҳ» аст,
Омурзиши ин гунаҳ гуноҳ аст.
Мо омадаем, туро навозем,
Дар кӯраи оташат гудозем.

Ай ишқ, куҷост он ҷалолат,
Фархунда шукӯҳату ҷамолат?
Ҷонҳо ҳама мурдаи висолат,
Баррез, ки хуни мо ҳалолат!
Мо омадаем, туро навозем,
Дар кӯраи оташат гудозем.

Мо дилшудагон зи аҳли розем,
«Пинҳон зи ту бо ту ишқ бозем»,
Аз ташналабони пурниёзем,
Бе замзами ту чӣ чора созем?
Мо омадаем, туро навозем,
Дар кӯраи оташат гудозем.

Алқисса, туро зи мо хабар бод,
Савдои ту боз пурхатар бод,
То ҳаст нафас, ду дида тар бод,
Бар мурдани мо туро зафар бод!
Мо омадаем, ки мурда бошем,
Аз баҳри ту ҷон супурда бошем…



## АВҶСОИ ҲАСТӢ

Растагорӣ дар гирифторӣ бувад,
Бедилӣ ойини дилдорӣ бувад.

Мо давоми рафтагони растаем,
Ному нанги мо вафодорӣ бувад.

Чун вафо аз ишқ меояд падид,
Ишқ асбоби падидорӣ бувад.

Ишқ субҳи содиқу пояндагӣ,
Равшаниро пардабардорӣ бувад.

То чароғафрӯз гардад зиндагӣ,
Одамиятро нигаҳдорӣ бувад.

Ишқро Парвардгор эҷод кард,
То асоси оламоройӣ бувад.

Пас ҳидоят дод бар кавну макон,
Баҳравар з-ин гуна ғамхорӣ бувад.

Дар писандидан ҳама мухтор буд,
То ҳалолӣ дар харидорӣ бувад.

З- ибтидо пайдоварон бишнохтанд –
Боиси поистанӣ ёрӣ бувад.

В-он гаҳ афзун гашт фарру арҷи ишқ,
Баски ҳастиро мададгорӣ бувад.

Ҷумла хилқатро алоқадри тавон
Бо ҳамон эҷод ҳамкорӣ бувад.

Чун гарояд хилқати олам ба ишқ
Муътариф бар қудрати Борӣ бувад.

Аз садоқат в-аз вафо мо одамем,
Ҷавҳари одам накӯкорӣ бувад.

Ҳар кӣ некандеш шуд, ошиқ шавад,
Кори ӯ ойинакирдорӣ бувад.

Ҳар кӣ ошиқ нест, базморой нест,
Хислати ӯ мардумозорӣ бувад.

Балки нопок аст он зоти қусур
Чун сифоташ ҷумла мурдорӣ бувад.

Сотгини ошиқон ишқ аст, ишқ,
З-ин садад ӯро парасторӣ бувад.

Ишқро мо тоҷи сар пиндоштем,
Тоҷи мо аз навъи гулкорӣ бувад.

Шоиронро ишқ омӯзад сухан,
Касби дарёҳо гуҳарборӣ бувад.

Мазраъи деҳқон зи ишқ обод шуд,
Киштаҳои ӯ шакарборӣ бувад.

Пешаварро ишқ шӯҳратёр кард,
Ишқ дастурест, даркорӣ бувад.

Алғараз, ишқ офтоби ҷовидон,
Офтоб аз костӣ орӣ бувад.

Авҷсоӣ шавкат орад қулларо,
Пояи ӯ гарчи ҳамворӣ бувад.

Ишқ болотар зи васф аст, ай азиз,
Он чӣ дар болост, сарборӣ бувад.

Оташи сӯзанда ҳам созандае,
Айши мо з- ӯ баҳрабардорӣ бувад.

Ҳар кӣ худро ёфт дар шебу фароз,
Фоъили фаъъоли ҳушёрӣ бувад.

Гар мусаллаҳ нест кас бо сайфи ишқ,
Мустадом аҳволи ӯ хорӣ бувад.

Мард он кас бошад андар зиндагӣ,
Соҳиби идроку бедорӣ бувад.

Пок кун, аз сафҳаи дил ғуссаро,
Ишқ парвар, ғам зи ночорӣ бувад.

Сӯз! То сози ту оҳанге занад,
Хомушӣ маҷмӯи нодорӣ бувад.

Саъй кун, субҳи саодат медамад,
Ошиқӣ, охир, кулаҳдорӣ бувад.

Ошиқонро дӯст медорад Худо,
Боғи ошиқ боғи пурборӣ бувад.

Варна дар ҳангомаи радду бадал
Ишрати одам азодорӣ бувад.

Ишваи дунё фиребе беш нест,
Хислати ин пир айёрӣ бувад…

Ай Аҷамрод, иқтидо мекун ба ишқ,
К-оташафрӯзи ватандорӣ бувад!

## ГУЛБОҒИ АТРАФШОН

***Ба сухангӯйи ТВ Тоҷик***
***Саёҳатбону Неъматова***

...Гулбоғи атрафшони дил, хуррамбаҳори ҷони дил,
Пайғоми дил, султони дил, ай дил, ба сад дил меравӣ.

Нурофари мулки назар, з-ойинаи нилӣ нигар,
Шамсӣ, надонам ё Қамар? Манзил ба манзил меравӣ.

Ай мавҷи симин, арз кун, дар марзи тоҷик варз кун,
Авҷи Сурайё тарз кун, нашкаста соҳил меравӣ.

Ай лафзи ширини дарӣ, ҳусне туро ҳусни парӣ,
Лаъли ту лаъли шаккарӣ, гоҳе ки қоил меравӣ.

Фанну зако буномада, дидам, чу мафтун омада,
Маҷнуни дилхун омада, Лайлошамоил меравӣ.

Тӯтии ҳиндӣ дар сухан, оҳанги гуфторат қашанг,
Ҳини такаллум заййи[1] ман савти балобил[2] меравӣ.

Донам, ки чандин дилситон сайри Саёҳат меравад,
Дилхаста ҳам дил-дилкунон бо ин салосил[3] меравӣ.

Ҳам дидаву дил пешбар, ҳам ҷоҳу манзил пешбар,
Ай зодаи хайрулбашар, чун сарви хушгил, меравӣ.

Назми Аҷам шаҳд асту қанд, духти Аҷамро меписанд,
Бошад, Аҷамрод, ин паранд[4] баҳри ту ҳосил меравӣ!..

1. Зай(й) – мисл, ҳамгун.
2. Балобил – шакли ҷамъи *булбул.*
3. Салосил – шакли ҷамъи *силсила.*
4. Паранд – ҳарири гаронбаҳо.

## ГУЗАШТЕМ...

Миёни анҷуман танҳо гузаштем,
Аҷаб пайдо, ки нопайдо гузаштем.

Нишони мо аён аз ҳар баён аст,
Ҳазорон сафҳа дар имо гузаштем.

Румузи ишқро фарзона донад,
Ҳариси маърифат, мавло гузаштем.

Қадаҳ хандид, то минои мо дид,
Ба завқ аз гунбади мино гузаштем.

Қалам гуфто: «Ман ин ҷо тарҷумонам!»
Ба тафсир омад, аз маъно гузаштем.

Чунон бурротар аз шамшер буд ӯ,
Ки аз хоросифат дилҳо гузаштем.

Хушо, растем бо юмни Илоҳӣ
Зи офатҳо, ки сарболо гузаштем.

Бадандешанд бадфарҷоммардум,
Зи бадгуфтор бепарво гузаштем.

Нагандид оби мо аз хокпошӣ,
Ба зӯри мавҷ аз дарё гузаштем.

Гузори мо ба чӯби дор нафтод,
Ато бар соилон доро гузаштем.

Натарсонед моро, ай хатибон,
Ки мо имрӯз аз фардо гузаштем!

Ба зоҳид нақши зоҳир н-оварад суд,
Аз ин нақшу аз ин симо гузаштем!

Шароби ишқ нӯшидем умре,
Зи шарру шӯри ҳар савдо гузаштем!

Ҷамоли ёр дар зулмот дидем,
Зи авҷи тор чун бино гузаштем.

Даруни чашми мо ӯ дид худро,
Тамошо карду мо аз мо гузаштем.

Муроди мо лаби ширини ӯ буд,
Чу Фарҳод аз дусад зебо гузаштем.

Муборак бод бар мо шедройӣ,
Ки чун Хуршед беҳамто гузаштем.

Даруни қабр моро чун биҳишт аст,
Аз ин маскан ба он маъво гузаштем!

Насӯзонанд моро дар қиёмат,
Ки мо з-ин имтиҳон ин ҷо гузаштем!

Ниҳоят нест бар мо зиндагонӣ,
Агарчанде ки аз дунё гузаштем.

Аҷамродо, заминӣ буданат бас,
Само бигзин, фалакпаймо гузаштем!

## ЗУЛМАТИ ПУРҶИЛО

Ҳастии моро мароми мо гувост,
Субҳи мо з-ин рӯшноӣ босафост.

Шамъи ҷони хешро афрӯхтем,
Дар шабистоне, ки пурнуру зиёст.

Ин шабистон дайри пурофот гашт,
Ҳам наҷоти мо зи доди сад балост.

Рутбаи ошуфтагӣ пирӯз бод! –
Ошиқему ишқ шӯрангези мост.

Гаҳ саодатманду гаҳ сӯгандарем,
Ҳасти моро нестиҳо муттакост.

З- ин сабаб қурбонии ишқ омадем,
Ҷонфишониҳои мо коре равост!

Дар таманноҳост истиғроқи[1] мо,
Дар кажиҳо истиқоматҳост рост.

Ҳаст гуфтему ба ишқ омехтем,
Сози моро сӯзи ҳастӣ ошност.

Булбули ромишгари беошён,
Боғҳои хулди мо дар Карбалост.

1. Истиғроқ – фарогирии ҳамаҷониба.

Гул ба машқи нағмаи мо гашт гул
Варна ӯ ҳам сабзае дар зери пост.

Заҳмати хор аст, к-ӯ гул ном ёфт,
Обрӯи гул зи неши хорҳост.

Мо ҷафоҳоро сазо пиндоштем,
Чун мукофоти амал баҳри бақост.

Мотами мо рӯзи ид оғоз шуд,
Идгоҳи мо фақат мотамсарост.

Шоми ҳиҷрон нест андар кӯи мо,
Зулмат ин ҷо дар сиёҳӣ пурҷилост.

Гарчи ҳайрат бошад ин аксулъамал,
Инъикоси акс ҳам бар нафъи мост.

Сокинони гулшани эҷодро[1]
Лолапӯшӣ аз румузи моҷарост.

Умри шабҳоро бияфзояд Худо
Аз ҳисоби умри мо, к- андар ҷафост.

Солу моҳу рӯзи мо фархунда бод,
То кашем озори дарде, ки давост.

1. Гулшани эҷод – киноя аз дунё.

Шукри беҳад Эзади халлоқро,
К-офаринишҳои ӯ аз баҳри мост.

Баҳри дарки мо аломатҳо ниҳод,
Ҳар наботу ҳар ҷамодеро, ки хост.

Озмояд бандаро бо ҳар рақам,
Имтиҳони бандагон қасди Худост.

Ҷисми гандумро нигаҳ кун бо масал,
Дар адад як дона - як, аммо дутост.

Ҳардувон аз ҷавҳаре омад падид,
Ҳар чӣ беҷавҳар бувад, зоти фаност.

Ҳайати олам зи баҳри одам аст,
Одамӣ зоти шарифе дар баҳост.

Аз баландӣ рифъати одам баланд
В- аз миёни ҳар чӣ дар арзу самост.

«Офтоб омад далели офтоб»,[1]
Ин шаҳодат ҳуҷҷате аз Кибриёст.

Бар муроди мо ҳама сайёраҳо
Гирдгардонанд, к-ин сирри Худост.

1. Ин мисраъ моли Мавлавист.

Пайрави мо гашт дар бозигарӣ,
Ҷумла аҷроме, ки дар арзу самост!

Барқи оҳи мо диҳад рӯшангарӣ,
Ҳар чӣ барроқ[1] аст, ӯ иншои мост.

Партави анҷум фурӯғи зиндагист,
Зиндагӣ аз партави шабҳо баҷост.

Ҳар касе, к- ӯ аз гузори мо гузашт,
Дар нишоти мо ба мо оҳанрабост.

Ҳар кӣ бо мо рафт, бар манзил расид,
Манзили мо дар сари кӯҳи вафост.

Ҳар касе имрӯз бо мо дӯст шуд,
Соли дигар ӯ азизи ошност.

Бод ҳамоҳанги мо ҳар бандае,
Бандае, к-ӯ орзуманди лиқост.

Дар дили мо маскани дилдорро
Ҷустан аз ойини марди порсост.

Марҳабо, абвоби дил боз аст, боз
В- ин зиёратгоҳ дарбори гадост.

---

2. Баррок – барқафган, дурахшон.

Қалби мӯъмин хонаи Парвардгор,
Дар завоёи[1] дили мо раббаност.

Водии ишқ аст ин доруссафо,
Ҳар дахиле[2] аз қиболи Муртазост.

Матлаби мо кибриёӣ нест, нест,
Меҳтариву кибр моро норавост.

Хокиёни меҳнатистонем мо,
Ин ҷаҳон ҷои азобу ранҷҳост.

Ҳар кӣ ишқандеш омад, дард ёфт,
Иллати мо дар сироят хушнамост.

Мо - ҳаводорони дарди ишқро,
Кош Эзад касрат афзояд, сазост.

То ба мардум ишқи ӯ бахшад асар,
Чаправон роҳӣ шаванд аз роҳи рост.

Касру нақсе зинда бодо инчунин,
Дар замири ошиқон ишқ аз ҷазост.

Соликони ҷодаи ишқ ончунон
Мунтаҳо ҷустанд аз оне, к-ибтидост.

1. Завоё – ҷамъи *зовия* – кунҷҳо.
2. Дахил – воридгашта.

«Ишқро оғоз ҳаст, анҷом нест!»,
Ин мақол аз Саъдии ширинадост.

Санг оташзо шудӣ аз зарби ӯ,
Зарбати ӯ ҳам ҳаёту ҳам фаност.

Ишқ ганҷе андаруни кони ишқ,
Ҳар чӣ воридтар шавӣ, кони балост.

Ишқ аввал дар нигоҳе сар занад,
Сар занад в-он гаҳ ҳар онеро, ки хост.

Ишқ шоҳу ошиқон худдоми[1] ӯ,
Фарри шоҳ аз ҳастии чокар бапост.

Ишқ - уқёнуси беҳадду канор,
Соҳили ӯ дар ҷаҳони моварост.

Ишқ дунёе, нагунҷад дар хаёл,
Вақт он ҷо ҷо надорад, не фазост.

Сокинонаш бо Худо дар гуфтугӯ,
Олами хушманзаре дигар куҷост?..

Лоҷарам, мо барҳақаш пиндоштем:
Ишқ болотар зи гуфти анбиёст.

[1] Худдом – ҷамъи *ходим* – хизматгузорон.

Нотавонбине, бадахтар ғофиле,
Ишқро гирад хато, кораш хатост.

«Луқмаи ҳар мурғаке анҷир нест»,[1]
Устухон шоистаи мурғи ҳумост.

Ишқ напзирад ҳавопарвардро,
Балки мардеро навозад, к-ӯ расост.

Булҳавасро ҳеч ин ҷо мулк нест,
Мулки ӯ андар сари теғи қазост…

… Лек мо аз худнамоён нестем,
Кори устурлоб кай дидӣ хатост?

Ай Аҷамрод, ай муборакройи мо,
Тоқдеси[2] хусравӣ баҳри Шумост!..



1. Ин мисраъ моли Мавлавист.
2. Тоқдес – тахти Шоҳ Хусрави Парвиз.

## ХАЁЛИ РАНГИН

**Қаноат:**
Шукр, сад шукр, бениҳоят шукр,
Холиқи кавнро бағоят шукр.
К- офаридаст олами имкон,
Зулҷалол асту з-ин иноят шукр.

**Таҳайюр:**
Лек зодан сазои мурдан нест,
Одамӣ зери хок бурдан чист?

**Надомат:**
Тавба, сад тавба, сад ҳазорон бор,
Аз Ҷаҳонофарини беозор.
З- ин шак овардани мани осӣ,
Кам куҷо гашт равнақи бозор?!

**Таҳайюр:**
Пас биё, баркушо муамморо,
Ай хирад, айш чист мар моро?

**Посух:**
Зиндагонӣ равона дар вақт аст,
Ҳамрикоби замона дар вақт аст.
Одами некному некахтар,
Ҳамчунон ҷовидона дар вақт аст.

**Таманно:**
Кошки, баъди марг мезистам,
То бидонистаме, ки ман кистам!

## ХУШ ҲАЙРАТЕ

Ин дилбараки шаби ялдо зи куҷоянд,
К-аз боми фалак муъҷизаосо бинамоянд?

Чашмак зада, сад фитна бикоранд ба олам,
Дилбанди кӣ ҳастанд, ки бар дори самоянд?

Аз аҳли башар нест яке з-ин галаоҳу,
Аммо чӣ аҷаб банданавозанданавоянд!

Лак-лак ба шуморанду саворони сипеҳранд,
Бо хоксириштон ба муҳаббат нагароянд.

Зеро ки нагунҷанд ба ин тангқафасҳо
Мурғони вафо, чун зи парихона бароянд.

Ҳайратзадаам з-ин ҳама аҷноси ғароиб,[1]
Зоти малакутанд, мунодии[2] киҳоянд?

Ҳурони биҳиштанд дар ойинаи шабҳо,
Раҳгумзадагонанд ва ё раҳзадаҳоянд?

Не раҳзадаҳоянд, на раҳгумзадагонанд,
Шояд, ҳамагӣ ошиқу аз аҳли вафоянд?!

Маҷнунсифатонанд ба саҳрои ғарибӣ,
Ё мардуми ҳиҷратзада, ки обилапоянд?

---

1. Аҷноси ғароиб – ҷинсҳои аҷоиб.
2. Мунодӣ – нидокунанда.

Дар майкадаи арши баринанд хуморӣ,
Ё майзадагонанд ва ё бодагадоянд?

Чизе талабанд аз ҳарами дайри муалло,
Ё маҳрами кӯю дару даргоҳи Худоянд?

Таррору барошуфта, ба чолокию чустӣ,
Гӯё ба назар ҷумла зи дуздони расоянд.

Ё анҷуман ороста дар сури арӯсӣ,
Ё мотами домоди қазоро бисароянд?

Гаҳ сурху сафеданд, гаҳе ранги булӯранд,
Гаҳ пираҳани сабз ба бар, гаҳ ба қабоянд.

Чашмони сияҳмасту фиребандаву ҷоду,
Аз баҳри чӣ ин қадр муаммоназар оянд?

Сарҷамъу парешанд, мусовӣ пасу пешанд,
Дар доираи гунбади бепоя чӣ поянд?

З-ин ҳам ба шигифтам, ки чиро ҳамҳамабозанд,
Бо машғалакорӣ ҳама бесавту садоянд…

Ифшо натавон кард дилам ин ҳама ҳайрат,
К-ин зуҳраҷабинон чӣ касоне ба ҳавоянд?!

Ё Раб, мададе, ҳикмати худ дарки ман овар,
То масъаларо масъаладорон бикушоянд!

Омад зи қадар[1] ваҳй[2] ба унвони Аҷамрод,
К-ай содадил, ин тоифа ушшоқи шумоянд!

1. Қадар – сарнавишт.
2. Ваҳй – паём.

## ЧАРОҒИ ЛОЛА
*(Масал)*

Чароғи лоларо дидам ба бод аст,
Ки ӯро рӯшаниҳо машқи ёд аст.

Баҳорон руста аз хоки азизон –
Ҳакиме пардабардори видод[1] аст.

Вафодории гардунро бичӯяд,
Ки ӯ фанмодари доду надод аст.

Азеро хуб медонад, ки гетӣ
Муаммаргаштае аз хишти лод[2] аст.

Чу бар лодаш заданд̄ӣ оби ҳастӣ,
Яқин диданд, к-ин амре фасод[3] аст.

Бинои зиндагӣ поянда набвад,
Чу бунёдаш ба сустӣ аз ниҳод аст.

Ҳамегуфто забони оташинаш:
«Қазоё, ин чӣ бархезу фитод аст?!

Чӣ бошад чавҳари буду набудат,
Магар олам мақоми хайрбод аст?!»

Азопурсии ӯ кардам, Ацамрод,
Бигуфтам: «Ин чӣ ҳангоме, чӣ дод аст?»

Бигуфто: «Ай нишотафрӯзи маҳфил,
Ки ин ҳангома аз боду мабод[4] аст!»

1. Видод – дӯстӣ.
2. Лод – хок, гил.
3. Фасод – нобудшавӣ.
4. Боду мабод – ҳаёт ва марг.

## ҲАЗРАТИ ДӮСТ

*Тақдим ба Соҳиби Раҳмонӣ,*
*бузургзодаи меҳрварз*

Ҳазрати Дӯст, биё, то дили мо шод шавад,
Маҳфили мо зи қудумат тарабобод шавад.
Ҳазрати Дӯст, биё!

Партави сидқу сафоро ба сари мо бифиган,
То дар ин аҳд зи нав силсила бунёд шавад.
Ҳазрати Дӯст, биё!

Сайқали рӯҳ занем аз сари лутфу кароме,
Байти нав дар ҳаваси «Маснавӣ» эҷод шавад.
Ҳазрати Дӯст, биё!

Мазраъи дил бикушуда, ҳама ҷо гул корем,
Кишвар ин ваҳдати мо дида, гулобод шавад.
Ҳазрати Дӯст, биё!

Дарси маънӣ сабақ овар ба ман, ай Мавлоям,
Шояд ин бандаи хокӣ чу ту устод шавад.
Ҳазрати Дӯст, биё!

Ояти меҳру вафоро ту дигар бор бихон,
То ки дар хотираам азбару азёд шавад!
Ҳазрати Дӯст, биё!

Чун Муфаззал ба ҳадиси ту мушарраф гардад,
Табъи ӯ ойинабандону худодод шавад.
Ҳазрати Дӯст, биё,
Ҳазрати Дӯст, биё!..

## МУҲОВАРАИ ҚУДСӢ

Гуфтам ки: «Мебинӣ маро?»
Гуфто: «Бале, ойинаам!»
Гуфтам: «Азизат бошамо?»
Гуфто: «Туйӣ дар синаам!»

Гуфтам: «Қарибӣ, ё ки дур?»
Гуфто, ки: «Дар пешат манам!»
Гуфтам: «Парийӣ, ё ки ҳур?».
Гуфто, ки: «На, хешат манам!»

Гуфтам: «Саропо дард ман».
Гуфто: «Давоят мекунам!»
Гуфтам ки: «Гарму сард ман!»
Гуфто: «Шафоят мекунам!»

Гуфтам: «Манам андар қафас!»
Гуфто: «Раҳоят медиҳам!»
Гуфтам ки: «Банде дар нафас!»
Гуфто: «Ҳавоят медиҳам!»

Гуфтам: «Табиби ман туйӣ!»
Гуфто: «Масеҳоят манам!»
Гуфтам: «Ҳабиби ман туйӣ!»
Гуфто, ки: «Мавлоят манам!»

Гуфтам ки: «Ошиқ ман туро?»
Гуфто: «Бале, ошиқ туйӣ!»
Гуфтам ки: «Лоиқ ман туро?»
Гуфто: «Бале, лоиқ туйӣ!»

Гуфтам ки: «Хуршедам туйӣ?»
Гуфто: «Ту нури нури ман!»
Гуфтам ки: «Тавҳидам туйӣ?»
Гуфто: «Туйӣ манзури ман!»

Гуфтам ки: «Пазмонат манам!»
Гуфто ки «Арзонат манам!»
Гуфтам ки: «Қурбонат манам!»
Гуфто ки: «Ҷононат манам!»

Гуфтам: «Муфаззал номи ман!»
Гуфто ки: «Фазлонат кунам!»
Гуфтам: «Ғазал дар коми ман!»
Гуфто: «Санохонат кунам!»

Гуфтам: «Туро ман бандаам!»
Гуфто ки: «Ишқат бор бод!»
Гуфтам ки: «Бо ту зиндаам!»
Гуфто ки: «Ишқат ёр бод!»

## КОХИ ЁДГОР

Шеъри Лоиқ шиор мемонад,
Шуҳрати ин диёр мемонад!

Дар самовоти беғубори назм
Бемуҳобо, мадор мемонад!

Дар Душанбею Кобулу Теҳрон
Мустадом интишор мемонад!

Меҳри машъалфурӯзи ин нобиғ
Дар дили сад ҳазор мемонад!

Дода доди сухан чу Фирдавсӣ,
Кохи ӯ ёдгор мемонад!

Худ парешон буд аз парешонӣ,
Рамзи марди баор мемонад!

Шоири сарсупурдаи миллат
Боиси ифтихор мемонад!

Дарди миллат агарчи ӯро кушт,
Зиндае бовиқор мемонад!

Сарбадорони мо намемиранд,
Рӯҳашон барқарор мемонад!

Шеъри Лоиқ, ки ормони мост,
Солиёни ҳазор мемонад!

Минбаре ҳам зи адлу инсоф аст,
Дар раҳи ҳақ ба кор мемонад!

Дар Самарқанд тоҷикӣ гум шуд,
Қанд дар Қандаҳор мемонад!

Тоҷики Марв тухми анқо шуд,
Тоҷик андар Тахор мемонад!

Гар Бухоро бухор аз мо шуд,
Панҷаканту Ҳисор мемонад!

Суғду Хатлону Помиру Раштон,
Панҷрӯду Мазор мемонад!

Шеъри Лоиқ тараннуми ишқ аст,
Чун хумори баҳор мемонад!..

## НИГОРИНО

Нигорино, туро аз мо саломе,
Пазиро шав ба унвонат паёме!
Бигӯям нуктаи ҳадди ҷамолат,
Дилафрӯзӣ, аҷаб моҳи тамоме!
Надонад кас ба олам хубрӯе
Назири ту, чунин олимақоме!
Шигифтиҳои ту бас бешуморанд,
Намеғунҷанд дар зарфи каломе.
Сияҳпӯшиву равшан чун чароғӣ,
Ҷаҳоноро, маҳистонӣ ба шоме.
Тамошои хиромат кушт моро,
Напарҳезем умре з-ин хироме.
Ҳилолайни ду абрӯро намоӣ,
Ду моҳи мо ҳисобот аз сиёме.
Мисоли ғунчае андар шукуфтан
Табассумҳот ширин ибтисоме.
Хуморамро дамодам мефизояд
Лаби лаълат, лаболаб нӯши ҷоме.
Ҳазорон гавҳари мақсуд гирам
Зи дарёи ҷамолат дар маноме.
Ғазалҳову ҷаҳоношӯб назмам,
Ба ҷуз тавсифи ҳусни ту, чӣ хоме!
Ба ёди мо наяфтӣ, бок набвад,
Набошад ёдат, он соат ҳароме!
Ҳумоюн бод ин сон ошноӣ,
Аҷамродам, вафодорат ғуломе!

## Ё РАҲМАТАН ЛИЛЪОЛАМИН…

***Тақдим ба набераи нахустин ва дорандаи номи падарам – Муртазо, дар мавлуди панҷсолагии эшон.***

Аз ёдҳо азёдҳо мегӯямат, ай ҷонъато,
Ин ҳалқа бар гӯшат бизан, шоҳаншаҳи давронато!

Аз додҳо бедодҳо ҳаргиз масозӣ пешаат,
Шукронаи инъом кун, дасти сахо инъомато!

Аз бодҳо бебодҳо мапсанду родиро биҷӯ,
Як шаҳсувори бодпо бе дасту по ақдомато!

Ҳақдоди ман, дилшоди ман, имдоди ман, эҷоди ман,
Ҳақгӯй шав, ҳақҷӯй шав, дар ростӣ бебокато!

Хоҳӣ, ки доное шавӣ, дунёи дун адно бидон,
Донистани дуну данӣ касро кунад волоято!

Чун нахли пайванди манӣ, аз нохалаф ибъод кун,
Дар рӯбарӯ бинӣ агар, аз ӯ ҳазар бероято!

Бархе балохезанду бас, бо некмардон ёр шав,
Ту марди майдон мешавӣ, мардонато, майдонато!

Аз дур бин, аз нур бин, бо арзи дил манзур бин,
Илми маъониро гузин, дар ҳар куҷо иқболато!

Андар хароботи муғон илҳоқ кун бо ростон,
Мастона гардӣ бегумон, ё ҳаббазо мастонато!

Ду ҷуръае з-он май биҷӯ, то ҷуръаҳо гардида ҷӯ,
Дарё шавад бе гуфтугӯ, дарёи пуртуғёнато!

Ғаввос шав, дарё бирав, ҳикмат зи ҳар мавҷе шунав,
Лӯълӯи маънӣ нав ба нав, марвориди лолоято!

Паҳнойи шеъри Рӯдакӣ азбар намо аз кӯдакӣ,
Ҳайратфизо гардӣ яке, шоир шавӣ, ҳайронато!

«Шаҳнома»-и Тӯсӣ бихон, «Қонун»-и Синоро бидон,
Дар шаҳраҳи давру замон мебахшадат имдодато!

Бар баҳра аз «Бустон»-саро, бар «Гулситон»-аш медаро,
Булбулсифат – саъдинаво…шӯре ба ҳар бустонато!

Ҳофиз ба худ ҳамроз гир, аз сози фолаш роз гир,
Аҳли биҳишт анбоз гир аз ҷумлаи риндонато!

Он хаймадӯзи пирро – Хайёми хуштаъбирро,
Андарзи сад тадбирро мехон, ки бобу нобато!

Донӣ, чӣ бошад авлавӣ?! Дарёб лутфи Мавлавӣ,
Қурсе бигир аз «Маснавӣ», кӯҳе шавад тиллоято!

Аз қалби Бедил мегузар, кӯшову оқил мегузар,
Кардӣ чу дарк аз ӯ гуҳар, рифъат барӣ болоято!

Ҷаҳде ҳамекун дар висол, бо шайхи ориф - бо Камол,
Эзид расонат бар ҷалол, шукри Худо икмолато!

Туғрал ҳам аҳли авлиё, гулбоғи ирфонаш биё,
Ҷавлонгаҳе то кибриё, бинӣ хушо ҷавлонато!..

Бобойи худро ҳамчунин з-ин порсоён кам мабин,
Ё раҳматан лилъоламин, ҷону дилам қурбонато!

***ш. Душанбе,***
***22.09.2007***

## МУСАЛЛОИ ХУРШЕД

Дило, Каъбае дар равонам туйӣ,
Мусаллои[1] хуршеди ҷонам туйӣ!

Сано хонамат, ай атои Худо,
Ки нерусаройи тавонам туйӣ!

Тирозанда шоҳӣ маро дар вуҷуд,
Ба ин сарзамин посбонам туйӣ!

Матоъе гаронмоя набвад чунин
Ба бозори олам, ки онам туйӣ!

Ба ҳайрат нишонӣ назирони ман,
Ки гавҳарфурӯши ҷаҳонам туйӣ!

Таҳаммулпазирӣ ба ҳар дарду ғам,
Ҳакимӣ, каримӣ, амонам туйӣ!

Ба хилватгаҳи кӯчакат дидаам,
Замину замону маконам туйӣ!

Яке пурталотум ба зарфи танам
Чӣ баҳре, азиму дамонам туйӣ!

Басо дида оташгаҳи зиндагӣ
Сипоҳе баномус, донам, туйӣ!

1. Мусалло – намозгоҳ.

Туро мешиносам чу душманшикан,
Таҳамтанфару қаҳрамонам туйӣ!

Зи гумгаштаҳо в-аз баёну каён
Нишони падар дар нишонам туйӣ!

Ба ҷонам дамад субҳи содиқ зи ту,
Ки фонуси партавфишонам туйӣ!

Ҳунарманд – мирзои моиқалам,
Нигорандаи достонам туйӣ!

Аёнӣ ба пиндору гуфтори хуш,
Ки саррофи ганҷи ниҳонам туйӣ!

Кушояндаи ҳар муаммои ман,
Шукӯҳовари хонадонам туйӣ!

Туро месазад, ҳар чӣ воломақом,
Ҳамонат бихонам, ҳамонам туйӣ!

Дило, Каъбае дар равонам туйӣ,
Мусаллои хуршеди ҷонам туйӣ!

***Маккаи мукаррама,***
***20.12.2006***

## ҒУРУРИ СИТАБРУ СИТЕЗИ НАҲИФЕ
***(Қитъа)***

Ситабре[1] ба лоғарниҳоде бигуфт:
«Чароӣ чунин устухону палахт[2]?

На аскар, на нӯкар бигирам туро,
Ки шарманда гардам ба даргоҳу рахт!»

Ҷавобаш бидод он наҳифи[2] наҷиб:
«Ғалат омадастӣ, аё тирабахт!

Агар устухонам, палахтӣ турост,
Фурӯмоя худ будаӣ аз фалахт!

Ту лаҳми мани бенаво хӯрдаӣ,
Ҳам аз ризқи бечорагон чун малахт[3]!

Магар ту сутурӣ, ки танпарварӣ,
Ҳаромат ҳамебояд ин тоҷу тахт!

Наям ҳамчунонам, ки ангоштӣ,
Агарчи ба чашмат намоям карахт.

Вале дар амал ончунон чобукам,
Ба як зарба барчошамат лахт-лахт!

Патак созамат, ай ҳимори палид,
Ки андом-т бошад чу ханноси шахт[3].

Чу номардумӣ, неъматат дард бод,
Худованд бахшад туро рӯзи сахт!»

---

1. Ситабр – бағоят фарбеҳ.
2. Наҳиф – хароб, лоғар.
3. Ханноси шахт – бағоят шайтонсифат.

## САЛТАНАТИ МЕҲР

Вусъати парвоз ба имкони ман,
Бар ҳарами кӯйи ту, ай ҷони ман!

Чун шуда зиндоншиканӣ кори дил,
Нест маро тоқати зиндони ман.

Тоири қудсам ба самои хирад,
Ҷилваи бол аст ба тайрони[1] ман.

Балки чу тире биравам сӯйи ту,
Тоҷ ба сар барзада пайкони ман.

Зиндаву поянда бисозад зи нав
Ҷавҳари ту – ҷавҳари хубони ман.

Домани дурдона басе пурғазал
Оварамат, ёри ғазалхони ман.

Салтанати аҷзу ниёзам нигар –
Ҳадя зи ҳар боб ба Султони ман!

Мазҳаби ман Мазҳаби Ишқ асту бас,
Нест дигар шарт ба паймони ман!

Оташи сӯзандаю созандаӣ,
Сӯз маро, оташи сӯзони ман!

1. Тайрон – парвоз.

То шавам аз сӯзи ту тобандатар
Бар шаби андеша маҳистони ман.

Хун чакад аз нойи навохони ҷон,
Боз расад то ба найистони ман.

Дарду даво хаймашарик алмудом,
Дард даво гаштаву дармони ман.

Ақлу дилу дида ба қурбони ту,
Ҷумла нисоранд шаҳидони ман.

Бишкуфад аз ин асару ин хабар
Сад гули дигар ба гулистони ман.

Шӯҳраи олам бишавад баъд аз ин
Тозабаҳори ватани ҷони ман!

Азми Ирам гар бикунанд аҳли роз,
Боз биёянд ба ризвони ман.

З-он ки дар ин ҷост биҳишти барин,
Боғи мусалло, чаманистони ман.

Кавсари файзи азалӣ мавҷзан
Дар дили дарёии фарзони ман.

Хидмати ту ҳар кӣ ба ҷо оварад,
Хонамаш аз хайли азизони ман.

Мақдами ӯ афганаме фаршро
Пардаи дил, сабзаи мижгони ман.

Хоҷаи Хизраш бишиносам ҳаме,
Ё валие, к-ӯ шуда меҳмони ман.

Ҳосили ман кас чу харидор шуд,
Нуқл ба даст оварад аз хони ман.

Нася куҷо? Нақд барад беибо –
Марҳамат! Аз суфраи эҳсони ман!

Тирукамони назарам бингарад,
Нуру зиё бахшадаш алвони ман.

Кони Бадахшон шавад инъоми ӯ,
Ҳам зари ноёби Зарафшони ман.

Равнақи бозор-ш бидонам яқин –
Гармии бозораму сомони ман!

Моҳияте нест ба санҷиданӣ,
Як сари мӯ айбаму нуқсони ман.

Шукргузорам, мани дарвешро
Мартабае ҳаст зи Яздони ман.

Сар ба фалак барзадаям чун малак,
Дар малакут аст дабистони ман.

Рашҳаи килки ҳама озодагон –
Муждаи мастона зи дастони ман.

Қофиясанҷанд Суҳайлу Зуҳал
Дар кафи ду дастаи мизони ман.

Ҳамсафари Шамсу Қамар гаштаам,
Булъаҷабиҳост ба кайҳони ман.

Машъалаи анвари исторагон,
Мӯъҷизаангези чароғони ман.

Чокараму з-ин ҳунаророийиям,
Дасти ману домани субҳони ман!

Мешунавам бӯйи мурод аз ҷаҳон,
Хушрақамӣ хонаи армони ман.

Нуктатирозӣ набувад иддиъо,
Кизбу риё нест зи бурҳони ман.

Давлату дороии ин зарра бин,
Ҷумла ҷаҳон волаву ҳайрони ман!

Кист, ки дар мулки муҳаббат варо
Қаср баланд аст зи айвони ман?!

Ғояти хидматгарӣ аз ҳар тараф –
Ойина дар иззати имони ман.

Ҳеҷ ба гулгашти ҷаҳон нест гул
Чун гули наврӯзии гулдони ман.

Мулки сухан омадаам хӯшачин,
Хирмани андеша фаровони ман.

Рӯҳи бузургони ватан шод бод,
К-ин ҳама аз фазли падарҷони ман.

Бори маъонӣ ба сарам бор бод!
Бода фишон, ай хуми бороии ман!

Нӯш кунам майсараи дилрабо,
Ҳуш бияфзояду имъони[1] ман.

Арзани зар пош диҳам ҳар шабе
Гирди маҳи фитрати рахшони ман.

Рӯз зи бахшойиши шамъи фалак
Нуру сафо бар ҳама арзони ман.

Кишвари дил боз муъаммар шавад,
Пайраҳа он ҷост ба дуккони ман.

Дар назарам ҳар чӣ, ки танноз ҳаст,
Мешумарам сарви хиромони ман.

Ҳар қадар аз умр ба пирӣ равад,
Боз ҷавонист дучандони ман.

Ҳамчу Таҳамтан шудаам пуртавон,
Кулли қазоё буда осони ман…

---

1. Имъон – тезназарӣ, амиқравӣ дар коре.

Лек яке тоифае дилсияҳ
Дар пайи бишкастани бунёни ман.

Хонабадӯшони ҳубобинажод,
Тиранигаҳ – ҷумлаи удвони[1] ман.

Рашкбаранду дағалу кинавар
Бар ману бар шавкату бар шони ман.

Шеърхарошанд, на шеърофарин,
Душмани ашъораму ирфони ман.

Бори сақар буда ба даври қамар,
Ин ҳама бе тӯшаи даврони ман…

Хотимаи ҳусни сухан мекунад
Табъи сухансанҷу сухандони ман.

Гашт вафонома ба як шаб тамом,
Бо мадади Холиқи раҳмони ман.

Эзиди поко, зи ту дорам талаб,
Бош ба ҳар ҷой нигаҳбони ман.

Воҷиб агар бошаду оям ба сар,
Сӯйи ту, ай ҷонаму ҷонони ман,

Лутфи Аҷамрод физо, ай азиз,
Они манӣ, они манӣ, они ман!

1. Удвон – шакли ҷамъи *адӯ*, душманон.

## САДОРАТНИШИНИ СУХАНПАРВАРОН

***Андар ситоиши устоди зиндаёд Бӯринисо Бердиева***

Баландахтареву ҳумоюннажод,
Парисуратеву мубарронињод –

Зане хушбаёну басе меҳрбон,
Нишон аз Каюмарсу оли каён.

Зане сарвару модари маънавӣ,
Ба бархе нигорандаи шӯравӣ.

Суханпарваронро садоратнишин,
Ситезандагонро силоҳоташин.

Дурахшанда теғи сухан дошт ӯ,
Ба тухми сухан меҳр мекошт ӯ.

Ки фавқ аз чиҳил сол дар пешааш,
Муҷаллову сайқал зад андешааш.

Писандида гардида пеши башар,
Ба офоқи Тоҷикватан тоҷвар.

Адолатсиришту накӯрой зан,
Раъиятнавозу дилорой зан.

Ба мардонагӣ бартар аз мард буд,
Чу шери жиёне яке фард буд.

Матонат варо ҳамчу Гурдофарид,
Назираш ба даврони мо кас надид.

Бадеъуззамони маорифпараст,
Мисоли бузургони Ҷам бешикаст.

Ҳақиқатталошӣ, ватанпарварӣ,
Ҳамоҳанги ӯ буда одамгарӣ.

Варо дарди миллат ба сар бор буд,
Ба ӯ рӯҳи миллат мададгор буд –

Ба гуфтори шоистапайванди ӯ,
Ки миллатнаво буда ҳар панди ӯ.

На миллатгаро, балки миллатсаро,
Ба удвони миллат-ш марговаро!

Баору баномусу бонанг зан,
Алайҳи ситам тундару барқзан.

Итобанда бар зидди ҳар кинахоҳ,
Шитобанда пешу паси бепаноҳ.

Зи торихи миллат, аз он ростон
Ҳамекард илқои сад достон.

Зи Ҷамшеду Маздак, зи кайхусравӣ
Ба некӣ ҳамедошт зикри наве.

Русуми куҳан посдорандагӣ,
Ҳамехост бошад ба поянадагӣ.

Фаромӯши суннат варо нанг буд,
Бад-ин нанг бо султа дар ҷанг буд –

Ки Наврӯзи фархунда эҳё шавад,
Чу ойини миллат муҷалло шавад.

Физояд муҳаббат ба рӯйи ҷаҳон
Зи деҳқони роду дами Меҳргон.

Ватан гул кунад аз наҷоти сунан,
Хуш ояд Худоро чунин анҷуман.

Ҳидоят ҳамедод ин раҳнамо
Ба ҳаммаслакон инчунин муддао:

«Гуҳарзодагон – ориёӣ, шумо,
Зи озодагони ниёӣ, шумо!

Ба тавҳиди миллат, барои Ватан
Бикӯшед пайваста аз ҷону тан!

Ки ин миллат аз миллати бостон,
Сароғози фарҳанги рӯйи ҷаҳон!

«Авасто» муқаддас чу дастур буд
В-аз ӯ чархи гардун пур аз нур буд.

Бидуни муҳобо, будӣ Борбад,
Навоофарини нахусту самад.

Ҳазорон адад нобиғони қурун,
Ба олам аз ин миллати зуфунун.

Ба майдони илму адаб тохтанд,
Мунаввар ҳаёти башар сохтанд.

Бувад Рӯдакӣ мояи ифтихор,
Аз он рӯзгорон бад-ин рӯзгор.

Чу «Аржанг»-и Монӣ на ҳангома аст,
Китоби шаҳаншоҳ «Шаҳнома» аст.

Муаззам ҳаме қавми Сино бувад,
«Тавоно бувад, ҳар кӣ доно бувад!»[1]

Ҳар он миллате к-ӯ бувад худшинос,
Ҷаҳонаш шиносад варо босипос!

Фидои чунин миллати тоҷдор,
Фидои Ватан-марзи хуррамбаҳор!

Ки ин сарзамин – хоки аҷдоди мо –
Биҳиштест мулки худододи мо.

---

1. Ин мисраъ моли Ҳаким Фирдавсист.

Варо Тоҷикистони дунё кунед!
Гулобод, гулбоғи зебо кунед!

Ки бошад сазовори ояндагон,
Ба рӯйи замин шӯҳраи ҷовидон!..»

Дар анҷоми ин нуктаҳо ҳарф чанд,
Бигӯям ба поси ҳамон арҷманд:

Ки рӯҳаш ба даври абад шод бод!
Варо манзили охир обод бод!

Ливое барафрохт аз ростӣ,
Бад-ин ростӣ гетӣ оростӣ.

Ҳамеарзад он фахри ҳаммеҳанон
Ба номи баланди **Зани Қаҳрамон**!

## АНДАРЗ

***Тақдим ба шоҳписарҳои азизам –***
***Манучеҳр ва Мулковар***

Ай писар, фархундаи даврони ман,
Решапайванди азизи ҷони ман.

Аввали матлаб маро аз Кирдигор:
Доимо сарсабз бошӣ чун баҳор!

Нахли умрат, кош, боровар шавад,
Хоҷаи Хизрам туро раҳбар шавад!

Сониян, з-андешаҳо мегӯямат
В-аз асоси пешаҳо мегӯямат.

Ҳалқа зан бар гӯшат ин панди падар,
То ҳамин пандат кунад волописар!

Чун ҳунар сарчашмаи зоянда аст,
Ҳам ба ҳастӣ давлати поянда аст.

Саъй кун, то чилҳунар марде шавӣ,
Роди фарҳангофарин фарде шавӣ!

Лек ҷаҳду ғайратат бошад абас,
Мутлақо ҳар кори ин дунё ҳавас.

Гар туро набвад яке дилбастагӣ,
Иштиёқи ҳастиву ворастагӣ.

Шавқ бошад, ишқ пайдо мешавад,
Ишқ дар ошиқ ҳувайдо мешавад.

Маншаи ҳар як ҳунар ишқ аст, ишқ,
Ҷавҳари ҳар як гуҳар ишқ аст, ишқ.

Ишқ бошад, боҳунар гардад ҳунар,
Ишқ бошад, пургуҳар гардад гуҳар.

Гул чу ишқ омӯхт, дур аз хор гашт,
Дар ҳарими атр бо Аттор гашт.

Меҳру Маҳ бингар, ки дар чархи барин
Муъҷизи ишқанд з-асрори мубин[1].

Ҷумлаи ҳастист дар кавну макон
Зодагони ишқи поки Ломакон.

Ҷовидон бошанд дар вақту замон
Беадад исторагон дар осмон.

Ин ҳама аввал ба ишқ иқрор ёфт,
Ишқ буд, ҳамвора истиқрор ёфт.

Гар ту ишқе дорӣ андар ҷодае,
Ишқи ту дилдору ту дилдодае.

Ошиқ ой, комилу шайдо шавӣ,
Қатра бошӣ, оқибат дарё шавӣ.

Ҳар кӣ аз шаҳди муҳаббат нӯш зад,
Ӯ ба хумдони маҳорат ҷӯш зад.

---

1. Асрори мубин – асрори Илоҳӣ, ки Ҷаҳонофарин онҳоро ба хотири инсонҳо ошкор намудааст.

З-он ки ишқ ойинаи гетинамост,
Лутфу эҳсон асту инъоми Худост.

Ишқ бахшад шеваи одамгарӣ,
Шӯҳрату шаъну шукӯҳу бофарӣ.

Бандагони порсову покро,
Меҳрабону софу хушидрокро.

Ошиқонро то ҳақиқат мебарад,
Кишвари бахту саодат мебарад.

Гар қаландар вориди ин шаҳр гашт,
Сӯфии овозадори даҳр гашт.

Бенаворо сад навое медиҳад,
Салтанатро бар гадое медиҳад.

Каъбаи дилро мунаввар мекунад,
Осмонашро пурахтар мекунад.

Дӯстиро доимо илқо кунад,
Душманиро як ба як ифшо кунад…

Пас биё, худро дар ин ҳайкал бизан,
Ишқ гӯю ишқро сайқал бизан!

Ҳамчу волид ошиқи содиқ бишав,
Маснади фазли варо лоиқ бишав!

Бахтёри ҳар ду олам ошиқ аст,
Ифтихори ҳар ду олам ошиқ аст!

## ҲОЛНОМА

Ватан зодбумам, Ватан модарам,
Ватан ҷавҳари ҷонаму пайкарам!

Маро қиблаи ҳоҷат ин ҷо бувад,
Куҷо ҷойи дигар таманно бувад?!

Ҷаҳонофаринам дар ин сарзамин,
Чу бикшод чашмам ба чашми яқин –

Ба хунам, ки ин ҷо чакид аз азал,
Ба дил ҷой додам вафо бебадал.

Ки орам садоқат вуҷуди варо,
Гиромӣ бидорам сумуди[1] варо.

Биҳиштест мулки худододи ман,
Ҳамин Тоҷикистони озоди ман!

Ки бошад чу хуррамбаҳори замин,
Ба гетӣ диёрест бас нозанин.

Вале деҳаям – ибтидои Ватан,
Ҳама зодагонаш басе хушсухан.

Варо ҳаст Нигнот – исме барин,
Мисолаш нигине куҷо дар замин?

---

1. Сумуд – ҷовидоние, ки аз каромоти Худованд аст.

Ҳамин нукта баргӯямат иктифо,
Ки гулшан наояд чунин хушнамо!

Қалам васфи ӯ кай тавонад набишт,
Ки ин равза бошад зи боғи биҳишт…

Дар ин ҷо туфулат маро баргузашт,
Бас айёми шоҳӣ, ки аз сар гузашт.

Чу будам ман аз зоти озодагон,
Заковат парастидаам он замон.

Ба мактаб чу шогирди азмоваре,
Ба донодилӣ гашта донишваре.

Чароғ омадам байни хонандагон,
Таҳайюр фузудам ба донандагон.

Хирадрутбаро мот мебурдаме,
Зи дониш ба ҳаззот[1] мебурдаме.

Чу умрам ба ҳабдаҳ баробар бишуд,
Падар дар раҳи илм сарвар бишуд.

Маконаш малакхонаи пок бод!
Равонаш фалактози афлок бод!

Зи дошоди[1] худ хотирам шод кард,
Ҷаҳони маро фаррухобод кард.

---

1. Ҳаззот – ҷамъи ҳаз(з) – хуррамӣ, хурсандӣ.
2. Дошод – инъом, подош.

Маро пойтахти Ватан баррасонд,
Ба дорулфунуни сухан баррасонд.

Ба дониш бигаштам ман ин ҷо қарин,
Ки устод гуфтам: ҳазор офарин!

Фаро баргирифтам чу чандин забон,
Хуш омад маро пешаи тарҷумон.

Забони араб баски азбар шудам,
Фарангӣ гирифтам, ки бофар шудам.

Ба Маскав, ба дорулфунуни набард,
Ҳаме сарнабиштам маро ранҷа кард.

Дар ин арса худро ба сад боварӣ,
Забардаст дидам ба донишгарӣ.

Шаборӯз илмулякин ёр буд,
Фазилатшиносӣ маро кор буд.

Миёни дусад марди дарёдарун,[1]
Фарозидаам сар мани зуфунун.

Ва з-он ранҷҳо ганҷҳо доштам,
Зи тухми вафо ҳар куҷо коштам.

Чу тоҷи каёнӣ маро дод зеб,
Зиёд омадам толиби ношикеб.

1. Марди дарёдарун – донишманд.

Зи Маскав талабномаҳо даррасид,
Ба номи мани хушнаво даррасид.

Сипас рафтам ақсои мулки Араб,
Ба сар бурда бас рӯзгоре аҷаб.

Маро, лоҷарам, турфа афъол буд,
Ки ҳар ҷо ба ҳар гунаам ҳол буд.

Шугун[1] омадам зиндагонӣ дигар,
Ба хун омадам шодмонӣ ба сар.

Чиҳил сол тадриси фан кардаам,
Ба Бағдоду Шому Яман кардаам.

Ба айёми Саддам Ҳусайни фақир,
Ки Амрик варо кард аз султа тир.

Варо бозбозон сари дор кард,
Ба татбиқ, рӯзи башар тор кард.

Ҳама зиндагӣ сар ба сар дард шуд,
Зи дасти Буши куфри номард шуд.

Чу Бағдод гӯям, дилам хун шавад,
Сиришкам чу сели ҷигаргун шавад;

Ки доруламонам ба тороҷ рафт,
Тамаддун нагун омаду тоҷ рафт.

1. Шугун – муборакқадам.

Ироқӣ алайҳи ироқӣ бихест,
Чунин ҷанг дар сафҳаи даҳр нест.

Ироқи биҳиштиву баҳҷатнаво[1]
Ҷаҳаннам шуду мардумонаш гадо.

Ироқе ки гаҳвораи Осиёст,
Ироқе ки маҳпораи Осиёст.

Чунон хору зору забун Буш кард,
Ба лашкар-ш ин балда[2] пурмуш кард.

Ҳамон Буши Асғар, ки бефар бувад,
На ҷинси башар, балки астар бувад…

Ба Урдун ҳам омад маро иттифоқ,
В-аз ин гаштҳо будам андар фироқ.

Ҷудо з-аҳлу в-аз модари ҷони хеш,
Ҳам аз хоҳарону азизони хеш.

Ҷудо з-ақрабову ҳабибони ман,
Ҳам аз додарону падарҷони ман.

Падар ончунон фозили давр буд,
Ҳакиме ба офоқ, хуштавр буд.

Ба алломагӣ шуҳраи ин Ватан,
Писандидароди басе анҷуман.

---

1. Баҳҷат – шодмонӣ.
2. Балда – кишвар.

Буд ӯ мояи ифтихори Ватан,
Яке лолаи пурҷило з-ин чаман.

Гулистони фарҳангу арбоби ҳол,
Адабофарину қавиюлмақол.

Зи девони ҳикмат-ш мегуфт панд,
Чу он Пири Тӯсӣ саропо ба қанд.

Маконаш малакхонаи пок бод!
Равонаш фалактози афлок бод!..

Саодат маро ҳамчунин ханда зад,
Идомат ба илму ҳунар банда зад.

Яман баргузидам, ямонӣ шудам,
Сарафшони ҳар саргаронӣ шудам.

Аданро чу дурри Яман ёфтам,
Ба Хурмаксараш[1] тори худ тофтам.

Мақоме баланд омаду мӯҳташам,
Чу Шаддод[1] будам ба боғи Ирам.

Сафири Ватанро, ки ёвар будам,
Бар ӯ муҳтарам ҳамчу додар будам.

Пазируфт ин сарвари шӯравӣ
Маро мисли бахтовари маънавӣ.

---

1. Хурмаксар – номи маҳаллае дар ш. Адани Яман, ки шоир чанд сол дар он ҷо хидмати расмии давлатӣ кардааст.
2. Шаддод – номи подшоҳест, ки дар айёми куҳан боғи биҳиштосои Ирамро дар Яман бунёд карда будааст.

Муҳаддад чу даҳ солам аз сар гузашт,
Ту гӯйӣ ба мулки Хутан баргузашт.

Мукаммал чу гардидам озу адаб,
Малеҳулбаёни ҳадису хутаб[1].

Арабро зи илмам ба ҳайрат задам,
Аҷамро ба ҳилмам[2] ба ғайрат задам…

Ба соле Фаранг, Олмон гаштаам,
Вале ҳар куҷо дар амон гаштаам.

Ба хоссе Замини Ҳановар[3] будам,
Фиристодасолори кишвар будам.

Ба зебо намоишгаҳи тоҷикон,
Ки мақбул гаштӣ ба халқи ҷаҳон.

Пазируфтаам мардуми Аврупо
Ба ҳайси ватандор дар ин саро…

Ки пайваста ҳар рӯз ид омадӣ,
Ба соле, ки беҳад мадид омадӣ…

Шукӯҳу шаҳомат зи Парвардгор,
Ҳаме дидаам хуштарин рӯзгор.

Саногустарам мар ҷалоли варо,
Ба ҳар кӯ шамидам ҷамоли варо.

1. Хутаб – ҷамъи *хутба*, ироаи насиҳат ва иршодҳо.
2. Ҳилм – донодилӣ.
3. Ҳановар – шаҳре дар Олмон.

Тамоюл кашидам ба Байтулҳарам,
Ки бошад ба аҳли башар мӯҳтарам.

Ризои Ҳақ омад, маро Макка бурд,
Ба «лаббайка, лаббайка, лаббайка» бурд.

Билохир, зиёрат муяссар шудам,
Мисоли падар ҳоҷҷи акбар шудам.

Маконаш малакхонаи пок бод!
Равонаш фалактози афлок бод!

Б-ад ин пас маро бошадо як талаб,
Ба дасти дуъо мустадомам ба лаб:

Худоё, барорам муяссар кунӣ,
Тариқи ҳаётам мунаввар кунӣ!

Биёмурз ин турфа дарвешро,
Тараҳҳум физо бандаи хешро,

Ки раҳмону шавкаттирозам туӣ,
Раҳандози майлу ниёзам туӣ!

Муфаззал ба фазли ту фозил бувад,
Ҳар он чист бефазл, ботил бувад.

Маро дар ду олам намо сарбаланд,
Қатори писандидагонат писанд!

## ҶАНОБИ СУХАН

Агар бо Сухан розам ифшо надорам,
Ту гӯйӣ дар ин хок маъво надорам.

Фурӯғи хирад бе Сухан тира гардад,
Маҳе пушти абрам, ки симо надорам.

Ба олам ҳама офариниш муҷалло,
Басирам,[1] вале чашми бино надорам.

Намозам ба саҷҷодаи зар гузорам,
Худо кай пазирад, мусалло надорам!

Фақирам, агарчи ба сурат кабирам,
Дилу ақлу завқи таманно надорам.

Бихонӣ парешон маонӣ, бидонӣ:
Китобам, вале сабку имло надорам!

Фазоеву давру замони мусалсал[2]
Ва дирӯзу имрӯзу фардо надорам!

Палангам, наҳангам ва ё мавҷи Гангам,
Чи беша, чи баҳре, чи дарё надорам!

Нажоди сапедам ва ё насли зангӣ,
Ба худ одамиро муҳайё надорам!

Агар зиндаам, бадтар аз мурда бошам,
На дорулфано, балки уқбо надорам!..

Ҷаноби Сухан бошадам ганҷи ҳастӣ,
Ҷалолатпаноҳам, ки ҳамто надорам!

---

1. Басир – дорои биноӣ.
2. Мусалсал – силсилабандишуда.

## НИШОТИ ҒАМ

Ба ҳар ҷое, ки дур аз хеш рафтам,
Паси девор дидам сояи ғам!

Тамошогоҳи розам нест пайдо,
Дурахши ишқ ҷонам дод барҳам.

Ҳарам бигзидам аз дасти шуҷоат,
Ки гардам бо ҳабиби хеш ҳамдам.

Суроғи дӯст кардам, рӯй нанмуд,
Чӣ сон худро ба ӯ созам мусаллам?!

Дусад бор оби оразро чашидам,
Нагаштам сер з-оби дида як дам.

Сари худро задам бар тахтасангаш,
Ки бо хунам нависам байти мотам.

Замин пурлола гашт аз ин каромат,
Чу худ сероб дид аз хуни покам.

Ба базми ҷустуҷӯ н-омад башире,
Ки орад муждае аз бекаронам.

Куҷоӣ, бенишони пурнишонам,
Нишонам деҳ худро, ай Муаззам!

Маро санги раҳат чун парниён аст,
Парешонсангҳо фармо фароҳам!

Ки захми мункар[1] алфахтад[2] ба поям,
Захоматҷусса[3] дорад ҷони муҳкам.

Паёпай бозгардам дар суроғат,
Ки бинам рӯйи зебоят ба олам.

Гули садбарги рӯятро бибӯям,
Даме то якзабон бошему ҳамдам.

Ҳамоғӯшат шавам, мадҳуш гардам,
Мисоли ламъае дар ҷони шабнам.

Аё хуррамбаҳори орзуям,
Ғуломатро ба лутфе кун мукаррам!

Ҳамедонам карамгустар туӣ, ту,
Ба мулки туст шаҳрошӯб мулзам?!

Агар хомӯш биншинам, бимирам,
Биёмурзам, ҳар он чӣ буд, гуфтам!

Яке омад нидо аз ҳотифи ғайб,
Ки: «Ман дар тустам, саргашта Одам!

Биё, бар соҳати ҷонат назар кун,
Ки ман дар марзи ҷонат посдорам!

---

1. Захми мункар – ҷароҳати вазнин.
2. Алфахтан – зиёд кардан.
3. Захоматҷусса – бузургҷусса.

Чароғи қалби худро барфурӯзон,
Ва чун равшан шавӣ, бинӣ чароғам!»

Ба худ чун омадам, олам гулистон
Бидидам, зиндагиро бас муназзам.

Фурӯғи дӯст бар олам асар зад,
Равоқи бесутун бо зар мурассам.

Сарои дил саросар буд муъаммар,
Садои андалеби ишқ форам.

Ба рӯям рӯшаноӣ ханда мезад,
Ҳузури дӯст андар нур дидам.

Баёни васфи ӯ дар васф н-ояд,
Сифоти ӯ баланд аз ҳар сифотам.

Сароғози ҳама кавну макон аст,
Азимушшаън в-аз ҳар шаън аъзам.

Фузун аз ҳар чӣ гӯям, ӯ фузун аст,
Сано бодаш, ки ӯ Парвардгорам!

Ба ҳар коре, ки ғайрат мефизоям,
Худовандо, маро бинмой хуррам!

Зиҳӣ осудану хотирнавозӣ,
Зиҳӣ шоҳаншаҳи хотирпазирам!

Аҷамродо, дуъоят мустаҷоб аст,
Мукаммал гашт зеро кору борам!

## МЕВАҲОИ ШИРИН

Аз боғи даҳр меваи ширин чашидаам
В-аз нахли ҳусн себи Самарқанд чидаам.

Олуи чашм канда зи афсунгарони Ҳинд,
Норанҷи марвиён ба шакар ошамидаам.

Ангури тойфӣ ба раҳи Макка хӯрдаам,
Дар мулки Рус ноки балаззат мазидаам.

Хурмоситони Басраву Бағдод будаам,
Шаш сол хӯрда-хӯрда, ба Таҳрон расидаам.

Ҳам бедиранг рафта ба дӯкони машҳадӣ,
Шангарфгун анори мутарро харидаам.

Тут аз лабу мусалласи анҷир аз забон
Аз маҳвашони шаҳри Бухоро кашидаам.

Яғмогарӣ накардаам аз бӯстони кас,
Санги ҳавас ба ҷавзи фарангӣ фаридаам.

Дӯшизагони хушсамар озармҷӯву ман
Бар сарви қаддашон нахи ҷонам танидаам.

Райҳони нуқлашон назудояд зи хотирам,
Бо он фариштагон ба самоҳо паридаам.

Аммо мисоли меваи тоҷикдилбарон
Дар суфраи малоҳати олам надидаам!

**Муфаззали Аҷамрод**

## ВОРИСОН

**Эҳдо ба ҳама фарзандони
баномуси Миллати Тоҷик**

Ёдгорем ману ту зи ҳумоюнназарон,
З-он бузургонпадарон –
Родмардони баномусу мубаррогуҳарон,
Мотами кинаварон,
Ҳомиёни Ватану Миллати фархунданишон,
Сарбаландони ҷаҳону шарафи давру замон...

Он азизон, ки зи як шамъ ҳазорон машъал
Дар раҳи зулмати аҳди куҳан афрӯхтаанд,
Дар завоёи махуфи шаби обистани рӯз,
Рӯзи обистани шаб,
Ки чӣ тавлид шавад лайлу наҳори дигаре,
Зафаре, ё хатаре,
Дар ҳарими фалаки пир муҷалло қамаре,
То дили шаб шавад ойина ба ёди саҳаре,
Ё бибӯсад зи қазо пайки аҷал бому даре,
Ё бирӯяд зи замин нахли фалокатсамаре,
Ё Ватан боз бар оташ бикашанд аз шараре,
Душманони башарӣ.
То ки ин меҳани вораста зи ҷабри айём,
Боз байтулҳазане гардаду вайронатаре,
Ҳеч касро набуд аз ҷӯши ҳаводис хабаре,
Сари мӯе, қадаре...

Лек он тойифаи фазлу хирад,
Ки зи пирони замон таҷриба омӯхтаанд
В-аз фиросат ҳама ҷо кисвати ғам сӯхтаанд,
Нақди ҷон дода, хариданд ду – се сӯзани зар,
Бахя бо бахя басе вуслагариҳо карда,
Ҷомаи орияту офияти фардоро
Бо нахи умри гаронмояашон дӯхтаанд...

Мо, ки худ ҳуҷҷати гӯёи абармардонем,
Ворисӣ Маздаку Дорову Каюмарсонем,
Ҳамрадифони навоҳои куҳандастонем,
Воҷиб он аст, ки худ ҷавҳари худро донем!
Боядо, бо мадади Эзаду рӯҳи падарон,
Мо, ҳамагон,
Такя бар Занди муаззам зада дар ғояти оз,
ки чу тафсири қавонини Авасто
ба сари ҷумлаи бемағзи қидам ҳам ҳозир,
Фаҳми фарҳанг кушоду ба масал санг омад,
Ҳам ба наққошии Монӣ, ки ба Аржанг омад,
Такя бар Мусҳафи қудсию забони малакут,
Ҳам ба ашъори муназзаҳдараҷоти шуъаро,
Ҳам муроъоти васоёи ниёгон карда,
Чархи гардун ба муроди дили худ гардонем,
Нахли уммед ба ояндакасон биншонем!
Мушт бар сина бикӯбему ба душман гӯем:
Мо зи авлоди барӯманди бани Сомонем!

Ҳамватан! Мо ҳама бояст, ба сони падарон
Дар басотини Ватан тухми садоқат корем!
Чун писарҳои ҳунарманд, ба имдоди вафо
Парчами Ваҳдати Миллат ба само бардорем!

## ПАДАР
**(Сипосномае дар ҷавоби мактуби қиблагоҳам)**

Зиндагониро сипаҳсолори яктой, падар,
Дар набарди рӯзгорон дастболой, падар!
Соябони аҳли байту муттакои ошён,
Раҳнамои пухтакору сарвари мой, падар!
Рӯзу моҳу соли меҳри хонадони мо туй,
Меҳрубоно, дар дилу дар дидаҳо ҷой, падар!
Рустаем андар канорат бо ҳазорон орзу,
Боғбони меваҳои шаккарафзой, падар!
Дар гулистони муҳаббат бо навои булбулон,
Беназире дар мисоли Хизр пайдой, падар!
Ҳастии мо пурфурӯғ аз туст, ай равшангуҳар,
Офтобосо нишотангези дунёй, падар!
Лутфи Яздонӣ, хирадмандӣ миёни анҷуман,
Дар масири фазлу ҳикмат ҳамчу дарёй, падар!
Дафтару дарсу сабақ гирем мо аз рӯйи ту,
Дар дабистони ҳунар моро ту мавлой, падар!
Мо Ватанро дӯсттар дорем дар симои ту,
Ифтихори кишвари ободу зебой, падар!
Зиндаву поянда бодо номи некат дар ҷаҳон,
Бо Аҷамродат ту доротар зи Дорой, падар!

**ш. Бағдод, Ҷумҳурии Ироқ,**
**20. 09. 1978.**

## ЭҶОДИ АЗАЛ

Ишқ эҷоди азал дар олам аст,
Ибтидои ибтидоҳо з-он дам аст.
Ҳастии ҳар унсур аз ӯ ҳаст шуд,
Одамӣ бо ишқ зоти одам аст!
Зиндагӣ бе ишқ набвад зиндагӣ,
Ишқ набвад, зиндагонӣ мотам аст!
Нест бе ӯ зарра ҳам хуршедрӯй,
Ин муҷалло дар нигоҳи шабнам аст.
Ҳеч дармоне насозад кори ишқ,
Баҳри кулли дардмандон марҳам аст!
Муъҷизе аз ишқ авло кас надид,
Ҳар кӣ ошиқ бошад, ӯ Исидам аст!
Ошиқонро дӯст медорад Худо,
Аҳли имон пеши Яздон маҳрам аст!
Лек ошиқмашрабӣ авҷи ҳунар,
Кибриё дар кибриёӣ маҳкам аст!
Шоиронро ишқ шоир кардааст,
Рамзгӯйӣ кавданонро мубҳам аст.
Чашму дил парвардгори ишқи мо,
Ҳардувон аз ҳардувон андар ғам аст!
Дил зи дасти чашм ишқомӯз шуд,
З-ин сабаб дар ҳоли дарҳам-барҳам аст!
Чашмро ойинаи дил сохтанд,
Тарфи ин ойина умре пурнам аст!
Ашки ошиқ, ашки булбул, ашки гул
Ҷавҳари бунёди оби Замзам аст.
Алғараз, бо ишқ дар кавну макон
Он яке шӯрида, дигар хуррам аст!
Ишқ ойини Аҷамрод асту бас,
Посдори ишқ мисли ӯ кам аст!

## ЧАКОМАИ ВАҚТ

Зарраҳоро, зарраҳои хештанро,
Зарраҳои зарратар аз зарраҳои зарраҳоро,
Ҳам ба тадриҷ он яке аз дигаре андар фузунӣ
бештанро
Дар сифоти лаҳзаҳову гоҳҳо, ҳангомҳо,
Дар намои посу соат, фурсату дам,
Дар фазои рӯзу шабҳо, ҳафтаҳову моҳҳо,
Фаслҳову солҳову қарнҳо
Ҳаст кардам, ҳаст месозам ва хоҳам кард!
Ин сифоту ин намову ин фазои бекарон
Мунтаҳоро announced нописанданду мукаррар бо мукаррар
бастаанд,
Дар вуҷуди ман ба ҳам пайвастаанд!
Он мукаррарҳо  муқаддар, беадад, беинтиҳо
Ҷӯйборонанду мерезанд бо ҳукми қазо
Бар мағоки бетаҳи ман, ки нагардад ҳеҷ гум,
Дар муҳити зиндаи ман зинда бошад мустадом,
Чун маро Вақт аст ном!

Маншаъи ҳастии ҳар ҳасте зи ман ҳаст аст, ҳаст,
Ҳар баландие зи ман паст аст, паст!
Гар уруҷи Арш дорад,
Ё мақоме ҳамҷавору ҳамдави аҷроми улвӣ,
Ё фурӯ рафтан ба зери баҳрҳо то умқи бетаҳ
Орзӯи Фарш дорад...

...Модарам ман, модари эъҷозкори пуртавонам,
Модари дирӯзу имрӯзу ҳама давру замонам,
Модари ҳар ҷисму ҷоне дар ҷаҳонам,
Аввалин эҷоди дасти Корсози ломаконам!..

...Чун азалзоде ман аз Рӯзи азал
Нузҳату зебу фари худро ба Хуршеду Маҳу
сайёраҳо додам.
Фавҷ – фавҷ истораҳоро нурполо сохтам,
Тоқи нилиро нигористони воло сохтам,
То ки истиқбол гиранд одамиро,
Хилқати олитаре дар арҷмандӣ оламиро,
Зоти нурандудаи дарроки ҳар бешу камиро!
Оламорое, ки бо пиндору гуфтору ба кирдори
накӯ,
Дар тазоди нуру зулмат
Боядо худро шиносад,
Эзади ҷонофарини ҳарду оламро сипосад!
Назми кайҳонро пазирад ӯ ба нафъи хештан,
Набзи хоки покро санҷад ба оҳанги сухан.
Бӯйи гулро бишнавад дар хорзори зиндагӣ,
Ишқ варзад, то кунад пояндагӣ!
Пос дорад рутбаи одамгарӣ,
То кунад бар чархи нилӣ сарварӣ!
Пок бошад доимо андешааш!
Хайрхоҳӣ мубтадову таммати ҳар пешааш!
Ростӣ ҷӯяд, ки бошад растагор,
Ҳамчу Хуршеди ба гардун ифтихор.
Пас ҳама рӯзи наваш Наврӯз гардад,
Одамӣ бар ҷаҳлу ғафлат дар ҷаҳон пирӯз гардад!

# ИЗДИВОҶИ ҲАМҶИНСОН –
# ФОҶИАИ ИНСОН

**Пас аз тасвиби Қонун оид ба издивоҷи ҳамҷинсон дар Фаронса, 29.05.2013 аввалин ақди никоҳи мард бо мард ва зан бо зан дар Порис расман ба қайд гирифта шуд, ки ин иқдом куллан хилофи ахлоқи башарист.**

Худоё, Худованди ҷону хирад,
Чӣ шӯру шаре омад аз роҳи бад
Фаранги тамаддунбарафрозро,
Ба рӯйи ҷаҳон мулки мумтозро?!
Муназзаҳзамини наҷобатшиор,
Урупосароро басе ифтихор...
Пурафсона Порис – лаънатсаро,
Хабар рафта то Арш з-ин моҷаро.
Яке қавми бемазҳаби баднажод
Зи нопокҳастии худ мужда дод.
Палидон ба ҳар ҷодае рих заданд,
Хурӯсон ба ҳам дам ба дам пих заданд.
Хиёбону барзан пур аз бехирад,
Ба сурат башар, дар амал деву дад.
Вуҳуш аз биёбон ба шаҳр омада,
Аҷоиб русуме ба даҳр омада,
Закар бо закар бин, зану шӯй шуд,
Ки гӯё басе ҷуфти хушрӯй шуд.
Дигар мода бо модае бадкуништ,
Заношӯии худ муқаррар навишт.
Наҷисон зи ҳангомаи булъаҷаб
Ба пеши халоиқ кушуданд лаб.

Чунон ҳоюҳуе заданд аз сурур,
Ба кирдори зоғу заған носабур.
Аз ин беш, балки чу дайдусагон,
Ҳамебарзаданд аз ҳамоқат фиғон.
Чунин саҳнае кас надид аз қидам,
Ки дар баднамоӣ бувад муҳташам.
Раиси Фаронса зи шармандагӣ,
Ба Сенат бигуфто, ки «Ин зиндагӣ,
Ба даврони нав расми нав оваред,
Русуми куҳанро зи бун барканед!
Навоварҷавонон фари миллатанд,
Бибинед, эшон чи бозинатанд!
Ба қонуни нав даст боло кунед,
Ҳама фахр з-ин кори воло кунед!..»
Бало панҷа зад бар сари сарваре,
Ки ӯ мулҳид омад ба ҳукми харе.
Чунин аст агар ҳокими сарзамин,
Худобехабарро сазояш ҳамин:
Чу колус умре бувад шармсор,
Нагардад ба ҳар ду ҷаҳон растагор!

## МАНУ «МАН»

**Ман ҳамеша дар худ ду «ман»-ро мебинам, ки яке аз онҳо худи ман ва дигар «мане» дар зеҳни ман ҷо гирифта. Ман он «мане»-ро «мани зеҳнӣ» ном ниҳодам. «Мани зеҳнӣ»-и ман аҷаб «манест». Ӯ, новобаста ба иродаи ман, аксаран маро аз ман «рабуда», ба олами руъёҳои берабт мебарад. Ва, гоҳе метарсонад, гоҳе механдонад, гоҳе мегирёнад, гоҳе мерӯёнад, гоҳе месӯзонад, гоҳе мегӯронад...**

Ай мани ман, ҷони ман, ҳукми қазоро бубин,
Дар ману зиндони тан, ҷони дуторо бубин!
Ҳайрати ман ҳам мане, ҳайбати ман ҳам мане,
Дар ду мани бенаво «ман- ман»- и моро бубин!
Як мани ҳушёри ман, як мани хунхори ман,
Пардагару пардадар, пардасароро бубин!
Он мани пиндори ман, хира ба ҳар кори ман,
Дар пайи озори ман, рӯю риёро бубин!
Дар забари боли ман, «бахшиш»- и иқболи ман
Сарзада сарбори ман, бори балоро бубин!
Душмани ман дар ману мумтаҳини ман мане,
Худ ба худам мумтаҳан, чуну чароро бубин!
Рӯзу шабон имтиҳон: аз ҳама «Дон!»-у «Мадон!»,
«Он бинамо!», «Ин махон!» илми хаторо бубин!
Ай «ман»- и хунхори ман, раҳзани бозори ман.
То ба кай инкори ман, пешу қафоро бубин!
Мункири манношинос, хилқати Ҳақ месипос,
Рӯй ба ҳар сӯй кун, ваҷҳи Худоро бубин!
Фитнасиголӣ макун, фитнанишонӣ намо,
Кинаву истеза куш, роҳи раҳоро бубин!
Зоти манӣ, беибо, қобили дарки «Чаро?»,
Дидаи дилро кушо, ҷуфти расоро бубин!

Дур шав аз «ман - манӣ», бош, ту ваҳдатсаро,
Фасл набошад ҳунар, васлу вафоро бубин!
Умр ғанимат шумар, назми ҷаҳон менигар,
Шоми гунаҳро гузар, субҳи сафоро бубин!
Гунбади давворро, собиту сайёрро,
Анҷуми бисёрро, боми саморо бубин!
Хез! Масиҳо бишав, мурдаи ман зинда кун,
Соҳиби асрорро дар мани Доро бубин!
Ойинаи ақлро ҷилвагаҳи ёр дон,
Сайқали ойина зан, рахши зиёро бубин!
Маҳбаси «ман»- ро шикан, ишқ бияфзо ба ман,
Баъд зи ин зулфитан авҷи наворо бубин!
Кист, ки гардан кашад аз шакару ангубин,
Дӯст шавад душманат, боз мудоро бубин!
Кист, ки шамъ оварад бар ҳузури офтоб,
Чашм барад нури ӯ, ойинасоро бубин!
Алғараз, ай ҷони ман, ваҳдати «ман»-ро ба ман
Соз бикун, пас зи ман марди Худоро бубин!!

## ВАРТА
**(«Ушшоқ»-и муҳоҷирони меҳнатӣ)**

Базми тараб ба олами ҳастӣ аҷаб накӯст,
Дар мулки кас масаррати мо моли орзуст!
Ин шаҳри шоҳкор, ки мафхар ба олам аст,
Бешубҳа пурфасона, вале шаҳри ҳоюҳуст!
Мо бо суроғи дӯст ба ин варта омадем,
Пурбим гашт машҳаду зоҳир наяст дӯст!
Ин сарзамин хазинаи ганҷест бебаҳо,
Афсӯс, к-он ба ҳалқаи морони тундхӯст!
Як фирқа гургзодаҳакон гӯштхораанд,
Қавме чу мо зи бемаҳакӣ хокдаргулӯст!
Аз баҳри зар фусурдаву дилмурда гаштаем,
Аз пешу пас ба ҳар қадаме марг рӯбарӯст!
Музди ҳалоли мардуми заҳмат намедиҳанд,
Даллоли ғайбхӯрдаи мо дӯст на, адӯст!
Гар мерасад ба назди ҷамоат ба сад қасам
Гӯяд, ки «Нест пул!», васатрав баҳонаҷӯст.
Ё Раб, тилисми тӯдаи номардро шикан,
К-одамгарияшон ба масал нахли бенумӯст!
Андар сухан рафоқату дар асл сад риё,
Тоҷик магар муносиби ин гуна обрӯст?!
Бас баднамост ин ҳама, аммо чӣ боядо,
Бедормағз будани миллат магар табуст?!
Чун зиндаему ғурбати мо шуд ҷаҳанname,
Бояд Ватан шитофт, ки Модар -Ватан накӯст!

***Ба истиқболи 70-умин солгарди Ғалабаи халқи Шӯравӣ дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941-1945)***

## ҚИССАИ МАРДИ КОРЗОР

**Дар ҳулули 90-умин солгарди ёдбуди устоди зинданом Ҳазратқул Ҳусейнзодаи Нигнотӣ, ки дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941-1945) ҳарду пойи худро аз даст дода, пас аз ҷанг, сарфи назар аз маъюби гурӯҳи якум будан, солиёни зиёде сарварии мактаби таҳсилоти умумии зодгоҳаш-деҳаи Нигноти ноҳияи Панҷакентро бар ӯҳда дошт ва чун қаҳрамон дар байни мардуми диёр шуҳратёр гардид.**

**Ватан марзу буми ниёгони мост,**
**Ватан мазҳари ҷону имони мост.**
**Ватан модари оламоройи мост,**
**Ватан қиблаи мову дунёи мост…**

Ба номи гиромии Парвардгор,
Ки бошад ҷаҳонро аз ӯ эътибор.
Замину замону макину макон
Бино кард аз хотири мардумон.
Башарро ҳаме тоҷи хилқат фузуд,
Ки ӯро ҳама хилқат орад суҷуд.
Ба шарте, ки некӣ ба кор оварад,
Зиёро зи дайҷур[1] бор оварад.
Бифармуд, к- ай бихради пуртавон,
Ғараз з-офаридан туро «Имтиҳон!»
Хирадрутба мебош, чун одамӣ,
Хирадсӯз гардӣ агар, дар ғамӣ!
Хирадрутба дарроку шодон бувад,
Хирадсӯз умре парешон бувад...

---

1.Дайҷур – торикӣ, сиёҳӣ.

Ҳабибо, бигӯям яке саргузашт,
Ки халқи Ватанро чӣ аз сар гузашт.
Чу фарзанди шоистаи кишварӣ,
Бибояд ба таърих рӯй оварӣ!
Ҳар оне бузургони миллат ситуд,
Ба заркохи фарҳанг хиште фузуд,
Ки бошад ба ояндагон ёдгор,
Муназзаҳиморат[1] бувад пойдор.
Бикӯшам, ҳикоят шавад мухтасар,
Мабодо, ки н- орад туро дарди сар…

Ба даврони Шӯро - ба аҳди навин,
Шукуфо ҳамегашт ин сарзамин.
Варо исми ғарро[2] «СССР»[3] буд,
Ҷаҳони ситам[4] з-ин ҳасад «сер» буд.
Чу амну адолат муваффар[5] буданд,
Ҳама сокинонаш музаффар буданд.
Адолатгаро буду мардумнавоз,
Навобахши ҳар гуна аҳли ниёз.
Садоқатшиору маорифпараст,
Магар давлате ин рақам боз ҳаст?!
Ба ҷуз дар «Хираднома»-и Мавлавӣ[6],
Чунин давлатеро куҷо бишнавӣ?!
Ки дар вай набошанд шоҳу гадо,
Русуми иқоматгарӣ пурсафо.

1. Муназзаҳиморат – биное, ки аз масолеҳи сара сохта шудааст. 2. Исми ғарро – номи барҷастаи зебо.
3. СССР – ЭСЭСЭР хонда шавад.
4. Ҷаҳони ситам – империализми ҷаҳонӣ дар назар аст.
5. Муваффар – вофир кардашуда, фаровон.
6. «Хирадномаи Искандарӣ»-и Мавлоно Ҷомӣ дар назар аст.

Ҳама мунсифони ҳақиқатназар
Зи ойини озодагӣ бохабар.
Мусовӣ буд он ҷо ҳуқуқи милал,
Касеро набудӣ зи фарде халал.
Қазоқу татар, тоҷику украин
Баробарватандору бо ҳам қарин.
Урусу чечен, ёқуту малдаван,
Ҳама чун бародар, ҳама ҳамватан!
Ба Маскав сукунат кунӣ, ё Хуҷанд,
Миёни муқимон будӣ арҷманд!
Ба Камчатка ё Сармади сарбаланд,
Мақомат ҳамоно яке – шаҳрванд!
Анопа, Душанбе, Батумӣ, Бухор,
Самарқанд, Боку, Ереван, Ҳисор.
Фитербурғ, Тифлис, Олма- ато,
Қазон, Ишқобод, ё ҳоказо…
Билоди[1] ҳама халқи Шӯро будӣ,
Тафовут набудат, ки ҳар ҷо будӣ…

Вале душманони разолатписанд,
Фашистони бадзоти зишту нажанд.
Зи тарвиҷи[2] мо носабур омаданд,
Муқобил ба ҳастии нур омаданд!
Сияҳбахт Ҳитлери беору данг,
Алайҳи Саветӣ[3] даромад ба ҷанг.
Таманно ҳамедошт коки ғаданг,[4]
Ки ин мамлакат саҳл орад ба чанг.

1.Билод – кишвар, ватан.
2.Тарвиҷ – ривоҷ, равнақ.
3.Саветӣ – Иттиҳоди Шӯравӣ.
4.Коки ғаданг – марди ҷоҳил, аблаҳ.

Чу деви жиён афту андом дошт,
Хаёлӣ буду нақшаҳо хом дошт!
Лапаргӯшу качрӯю сусморчашм,
Паёпай ба хобу хураш дошт хашм.
Басо лашкаре аз карон то карон,
Фароҳам намуд афсару сахлавон[1].
Сикеза[2] ҳамезад ба ҳар боргоҳ,
Ки ӯ бемисолест анҷумсипоҳ[3].
Мутобиқ ба Барномаи «Барбарос»
Ҳамекард ҷангаш ба тезӣ халос.
Ба як моҳ анҷоми разм оварад,
Пасон осмонхез базм оварад.
Кремлин бигирад, нишинад ба тахт,
Чу Қайсар бигардад шаҳи некбахт.
Ба олам шавад марди кишваркушой
Ва, шояд, фузунтар аз ин чун худой?!
Надонист ғаддори варкокрой[4],
Сияҳрӯй гардад ба ҳарду сарой…

Аё ҳамҷулуси баномуси ман,
Мазан таъна бар фазлу қомуси ман.
На ҳангуфтаму на гироянди гард[5],
Сухан дард зояд, чу рафт аз набард.
Наям ман сухангӯйи ҳангомаҷӯй,
Фақат табъи воло маро обрӯй…

1. Сахлав – даста, гурӯҳи ҷангиён.
2. Сикеза (задан) – лагад андохтани чорпоён.
3. Анҷумсипоҳ – он ки лашкари сершумор дорад.
4. Варкок – паррандаи мурдорхоре аз зоти каргас.
5. Гард – фалак, гироянди гард – даъвои донӣ кардан.

Кунун қисса дар васфи аскар шунав,
Ҷавобе ба кирдори барбар[1] шунав.
Ҳамон аскаре, к- ӯ бувад қаҳрамон,
Зи пайкори ӯ гӯш кун ин замон.
Зи ақсои Шӯро ба Ҷанги ҷаҳон
Адӯмол[2] рафтанд пиру ҷавон.
Зи нигнотиён ҳам сипарбоз[3] гашт,
Навад марди ҷангӣ ба як соз гашт.
Ба фармони дил Ҳазрати навҷавон
Ба ҳифзи Ватан – Модари меҳрабон
Бирафту ба фавҷи сипаҳ ёр шуд,
Тавони Ватанро мададгор шуд.
Ба худ гуфт: «Бо хасм ҷанг оварем,
Ватанро раҳоӣ зи нанг оварем.
Букӯшем, ойини Рустам кунем,
Адӯро дари айш муҳкам кунем.
Нахандад дигарбора Заҳҳокрӯй[4],
Набошад ба хун ташна саффокхӯй[5],
Ки аз дасти манҳуси бедодгар,
Ҳама амну айши Ватан дар хатар.
Чаро аҳд басту ба як дам шикаст,
Куҷо мард бошад каси худпараст?!
Хашин[6] оқибатҷанги рӯбаҳсиришт,
Ба дасти худаш ҳукми маргаш набишт!..»

---

1. Барбар – киноя аз душманони ғаддор.
2. Адӯмол – маҳвкунандаи душман.
3. Сипарбоз – ҷанговар.
4. Заҳҳок – шоҳи золим (дар «Шоҳнома»).
5. Саффок – хунхор.
6. Хашин – дурушт, бадкирдор.

Чу Ҳазрат даромад ба майдони ҷанг,
Хаёлан дуъо хонд ӯ бедиранг[1]:
«Ба номи Худованди гетипаноҳ,
Биразмам алорағми ин дилсиёҳ!
Мукофоти душман ҳамин муддаъо:
Фурӯмоярo дод бояд ҷазо!
Қасам! Тира созам ҷаҳони варо,
Сагона бимирад дар ин моҷаро!
Зи баҳри саломат бадар гаштанам,
Зи боби зафарманд баргаштанам,
Худоё, ба ҳар гаҳ маро даст гир,
Ки бар хасм маргаш диҳам ногузир[2]».
Ғазабрӯй бар ҷанг, дашном дод
Ба унвони удвони ваҳшинажод,
Ки лаънат ба гансони солус[3] бод!
Замин пок аз қавми колус[4] бод!..

…Ба атрофу акноф шаб даррасид,
Ҷаҳон чодари тира бар сар кашид.
На шӯру шаре буду на изтироб,
Ки гӯё ҳама мурғу моҳӣ ба хоб.
Фиребо буд он дам. Фиребандагон –
Ғадурони[5] паймон, ситезандагон.
Ҳама ҳиласозу ба найранг гум,
Ҳама бадсиголу бадахлоқу шум,

---

1. Бедиранг – бетаъхир.
2. Ногузир – зарурате, ки лоилоҷ пеш меояд.
3. Гансони солус – фашистони маккор.
4. Колус – аблаҳ, аҳмақ.
5. Ғадур – аҳдшикан.

Ки пайте расад, то шабохун зананд,
Зи шармандагӣ кӯч берун зананд.
Вале Лашкари Сурх ҳушёр буд,
Матонатгаро, пухтакирдор буд!
Даме моҳ, к-омад саморо нигин,
Сипаҳ гашт филфавр ҷангалнишин.
Баногаҳ яке ғулпа[1] аз ҷо парид,
Хаёлоти Ҳазрат зи ҳам бардарид.
Дарак дод аз бӯйи ҷанг он замон,
Ҳамон ҷонвари дар фазо парфишон.
Дағопешагии[2] адӯ фош гашт,
Замину замон пур зи пархош гашт!
Баромад дусад танку дунё бисӯхт,
Фарозо, данӣ, тангу паҳно бисӯхт!
Замин оташистони дӯзахнамо,
Мунаввар аз ин рӯшаноӣ само!
Аҷалхез борони марг омадӣ,
Зи ҳар гӯшае барг – барг омадӣ!
Ба пеши назар ҳар чи даҳшатфизо,
Намое[3] ваҳиму[4] дарахт аждаҳо!
Вале Ҳазрат он дам ҳаросе надошт,
Вуҷуду тавон зидди душман гумошт.
Биҷаст аз камингоҳу оташ кушуд,
Зиёне фузунтар ба душман намуд.
Ғаюрона ғеве[5] бизад – «Урра!» гуфт,
Ду норинҷак афканду танке бисуфт[6].

1. Ғулпа – паррандае аз ҷинси акка.
2. Дағопешагӣ – фиребгарӣ.
3. Намо – тимсол, шакли ин ва ё он чизе.
4. Ваҳим – ваҳмангез.
5. Ғев (задан) – наъра (задан).
6. Суфт – (аз феъли «суфтан») - сӯрох (рахна) кард.

Сипас то ба хандақ хазиду нишаст,
Вале гӯшу ҳуш аз адуввон набаст.
Яке з-инфиҷори[1] ба андоза сахт,
Зиреҳпӯши душман бишуд лахт – лахт!
Зи ҳар лахт сад тикка оташфурӯз
Дамиду ҷаҳон гашт равшан зи рӯз!
Зи ҳар тикка борони оташ чакид,
Само дар духони[2] бало нопадид!
Зи борони оташ чиҳил танк сӯхт,
Кафандузд бар худ кафан танг дӯхт!
Ба марги муфоҷо аз он деву дад
Бимурданд аз ҳад фузун, беадад!
Дусад тан шаётини оҳансавор
Ба таслим омад зи ҳоли фигор.
Фирорӣ бишуд иддае аз адӯ,
Қафодав чу девони девлохҷӯ!
Қумандон ба Ҳазрат бигуфто чунин:
«Туӣ Қаҳрамони Ватан! Офарин!..»
Ту бовар намо, ай ниюшотамиз[2],
Ҳақиқат нигорам, дигар ҳеч чиз…
Бад-ин ҳол Ҷанги ҷаҳон мегузашт,
Пурошӯб, даҳшатзамон мегузашт.
Шаборӯз дар ҷабҳа пайкор буд,
Ақибгаҳ валек аз пайи кор буд...

Чӣ андӯхт Ҳазрат зи майдони ҷанг
Дар ин бист моҳе ба тӯпу туфанг?

---

1. Инфиҷор – таркиш.
2. Духон – дуд.
3. Ниюшотамиз – шунавандаи бофаросат.

Шуҷоатфизоиву рустамдилӣ,
Зи тарсу ҳаросу риё ғофилӣ!
Муҳаббат ба дилдору ҳуббулватан
Зиёдат шуд ӯро чу дарди куҳан...

Ба боре, ки хусбид вақти фароғ,
Бидид он дилафрӯзи худро ба боғ.
Варо номи зебо Гуландом буд,
Мусовӣ[1] ба ҳуснаш ҳамин ном буд.
«Дилошӯбу дилбанди офоқ буд,
Ба хубӣ чу абрӯи худ тоқ буд»[2].
Ту гӯӣ, ба сабза дар он марғзор,
Гилеме фикандасту ҳаст интизор.
Ҳамин меҳрабон Ҳазрати хешро,
Ва разманда маҳбуби дилрешро.
Ду наҳри мусаффо зи паҳлӯйи боғ
Ба шеван ҳамедод аз ғам суроғ.
Ниҳонӣ буд он шеван аз дарки кас,
Фақат Эзад огаҳ аз он буду бас!
Яке хушк шуд дар назар ҳарду ҷӯ,
Чӣ фолест ин? – Мотами орзӯ!..

Бурун шуд парешондил аз хоби хеш,
Даромад ба андешагирдоби хеш,
Ки таъбири ин хоби нобоб чист,
Муаммои гум гаштани об чист?!
Ҳамора зи хобаш ба анбоз[3] гуфт,
Бигуфту бигуфту зи нав боз гуфт.

---

1. Мусовӣ – баробар.
2. Моли Ҳаким Фирдавсист.
3. Анбоз – шарик, ҳамроҳ.

Чу анбоз бишнид дарҳамсухан,
Ба пайғора[1] гардид ӯ хандазан.
Бигуфто: «Касе, ки чунин хоб дид,
Ба бикшудани он наёбад калид,
Азеро саранҷоми анҷом нест,
Дар ин хоб сайд омаду дом нест...»
Чу анбоз солори мумтоз буд,
Падарвор бо тӯда ҳамроз буд.
Набуд инҳирофе[2] зи дастури ӯ,
Ки ӯ омиру ҷумла маъмури ӯ.
Ба фармони ӯ ҷумла фармонпазир,
Зи бас гуфтаҳояш ҳама ногузир...

Давоҷи[3] саҳар рӯи олам гирифт,
Зуҷоҷи[4] қамар нури маҳрам гирифт.
Аҷаб манзаре дар фалак авҷ зад,
Зиёи Маҳу Шамс то мавҷ зад.
Чунин чеҳраоройии осмон
Ҳувайдо набудӣ ба чандин замон,
Ки Хуршеду Маҳ чашмбандӣ кунанд,
Ба рӯзе зи ҳам баҳрамандӣ кунанд!
Ду покизапайкар, ду зеби ҷаҳон,
Чӣ азме гуморанд аз ин қирон[5]?
Шигифтид Ҳазрат зи ҳоли шигарф –
Зи рангобарангии заргунабарф.

---

1. Пайғора – тамасхур, мазаммат.
2. Инҳироф – саркашӣ кардан.
3. Давоҷ – рӯйпӯш, ҷомаи васеъ.
4. Зуҷоҷ – ойина, шиша.
5. Қирон – ба ҳам наздик шудани ситораҳо.

Назире куҷо кас бидид инчунин
Ба ҳишмат ғарибу басо нозанин?!
Надонист рамз аст ё ҳикмат аст,
Саодатнишонист ё накбат[1] аст?!
Надонист асрори рӯъё ба хоб,
Надонист рози Маҳу Офтоб!
Надонист, қисмат чӣ қисмат кунад
Ба озодамарде чӣ ҳиммат кунад?!
Башорат будаст аз қазо хоби ӯ,
Ишорат будаст аз само тоби[2] ӯ...
Аҷалзой ҷанги шадиди ҷаҳон,
Ҳамегашт дарди мадиди[3] ҷаҳон.
Ба таърихи олам набарде чунон,
Набудаст сӯзандаи хонумон.
Зи баъзе бару буму шаҳри калон,
Нишоне намонда ба ҷуз хокдон.
Ба ҳар хонае панҷа бар дар задаст,
Шикастаст ҷоне ва ё сар задаст!
Ба Ҳазрат ҳам омад билоинтизор[4],
Балое зи оташгаҳи корзор!
Яке пора аз бомбаи тиккадор
Рабуд аз қавипайкари ӯ мадор!
Ду пойи равонаш зи тан даршикаст,
Ба пеши назар рӯйи олам бибаст!
Чунон хору зору забун гашт ӯ,
Ба лой-андарун ғарқи хун гашт ӯ!

---

1. Накбат – бадбахтӣ.
2. Тоб – ба маънои дарду азоб.
3. Мадид – давомдор, тӯлонӣ.
4. Билоинтизор – бидуни интизорӣ, ногаҳонӣ.

Само то самак рақси мотам заданд,
Ҳама аз саломат шудан дам заданд.
Дуъогӯйи Ҳазрат ҳама аскарон,
Ба Яздон ниёиш гирифта зи ҷон:
«Ҷафодида аз дасти номардумон
Намирад, Худоё, чунин қаҳрамон!
Ҷаҳон аз ситампешагон пок бод,
Ҷаҳони адоват таҳи хок бод!..»

Худованди ҷону хирад бишнавид,
Ба уммедворон фиристод умед.
Бибахшиду ин мурдаро зинда кард,
Дуюмбора иҳёи ин банда кард...

Шифохона бурданд беморро,
Дигарсон гирифтанд ин корро.
Буриданд соқайни поҳои ӯ,
Ки ин буда роҳи мудовои ӯ.
Илоҷи дигар дар наҷоташ набуд
Ба ҷуз қатъи соқайни захминамуд.
Пизишкони доно давогар шуданд,
Ба ранҷур як сол довар шуданд.
Бад- ӯ гуфт солори он ҳоспитал:
«Итоатгарӣ боядат дар амал!
Давои ту сабр асту сабр асту сабр,
Наёбӣ вагарна раҳоӣ зи ҷабр!..»
Ба лутфи Худованди ҳимматбаланд
Сиҳатманд шуд Ҳазрати дардманд.
Даме рӯзи беморхезон расид,
Дили танги Ҳазрат басе орамид.
Чу кӯдак ба паймудан оғоз кард,
Ба машқоварӣ сад чигил боз кард.

Бағалчӯб бигрифту раҳсанҷ гашт,
Ба тадриҷ аз ранҷ беранҷ гашт.
Ду пояш ду кӯба[1] заминкӯб шуд,
Агарчанд он ҳарду аз чӯб шуд...

...Дар ин байн аз нестии писар
Сияҳнома омад ба номи падар,
Ки «Ҳазрат далерона дар ҷанг мурд,
Валекин варо зинда бояд шумурд!
Шараф бар шаҳидони ин ҷанг бод,
Ватан дастболо аз ин нанг бод!..»
Фаро рафт ин номуборак хабар
Ба хурду бузурги деҳи номвар.
Ҳама аҳли Нигнот мотам гирифт,
Алам кӯҳу саҳро фароҳам гирифт.
Рухи боғу барзан ҳам афсурда шуд,
Ҷаҳони барозандагӣ мурда шуд.
Сиришки ғам аз бому дар мечакид,
Гуландом хун аз ҷигар мечакид.
Зи фарёди ҷонкоҳи он нозанин
Ба фарёд печид қалби замин.
Қароре намедошт ин беқарор,
Ба таскини дил лоҷарам зад шиор:
«Биосой дар хилвати синаам,
Чу гавҳар дурахш андар ойинаам!..»[2]
Ба ёди ту сӯзад тану ҷони ман,
Чунин бод то марг паймони ман!»...
Чунин буд он ҷанги мардозмой,
Машаққатсаропарда, меҳнатсарой!

---

1. Кӯба – путк.
2. Моли Муҳаммад Иқбол.

Дар он ҷанг Шӯрои гетипаноҳ
Басо кард аҳволи душман табоҳ!
Чу Шӯро зи ҷанги адӯ бозраст,
Варо дар таноби адам бозбаст.
Ливои Зафарро барафрохтанд,
Дурахшовари Рейхстаг сохтанд.
Ва бадбахти коно бизад роҳгум,
Зи рӯйи замин гум шуд он ходадум.
На афсона бошад ба гуфтори ман,
На берун зи андоза пиндори ман!
Дар он ҷанг мардони майдон буданд,
Лак андар лак афшурдагомон[1] буданд.
Чу Ҳазрат ҳама такягоҳи Ватан,
Ҳама дар суфуфи сипоҳи Ватан!
Ҳама ҷонсупорони Меҳан буданд,
Ҳама ҷонситонони душман буданд!
Малойин[2] – малойин дар он ҷанг мурд,
Кам андар кам амнияти хеш бурд...

Азизам, нигар, булъаҷаб рӯзгор,
Гаҳе хомҷӯш асту гаҳ пухтакор.
Фуроварди ин достон гӯш кун,
Шарори ғаму ғусса хомӯш кун,
Ки Ҳазрат ба Рӯзи Зафар даррасид,
Агарчанд озори дунё кашид.
Агарчанд қисмат варо хор кард,
Ниёзманд бар ҳар парастор кард.
Азономааш гарчи омад зи ҷанг
В-аз ӯ айши хешон бишуд талхранг,

1. Афшурдагом – собитқадам.
2. Малойин – шакли ҷамъи *миллион.*

Ҳаройина душманшикан мард буд,
Ватанхоҳ, собитқадам фард буд!
Раҳо шуд ба ойини мардони мард,
«Зи озори ҷангу зи нанги набард»[1]...
Шабистони хориву зиллат гузашт,
Дами сахтҷониву иллат гузашт!
Гузашт он ҳама даври дилмурдагӣ,
Дижам[2] будану оҳи пажмурдагӣ!
Замони висолу саодат расид,
Замони амону фароғат расид!
Биёвард Эзад мар он гаштагум,
Ба даргоҳи модар, бари зодбум.
Ҳама з-аҳли Нигнот хушҳол шуд,
Ту гӯӣ, ки мардум хушиқбол шуд.
Ки фарзанди дилбанд бозомадаст,
Ба гумгаштае бас ниёз омадаст.
Суруди масаррат само мешикофт,
Фурӯғи муборак зи ҳар қулла тофт.
Навогар ба акси садо Кӯҳи Бел,
Ба рақс андаромад зи завқи далел.
Ба Ғӯрбику Гулгуну Дашти Мазор,
Бигустурд қолини зебо баҳор.
Зи Ағлук то домани Кӯҳи Чур,
Чаманзор гардиду паҳнои нур.
Зи Саррез дарё чи пок омадӣ,
Хурад зинда гардад ҳалокомаде.
Замини Ватан з-оби он нӯш кард,
Зи беҳосилиҳо фаромӯш кард.

---

1. Моли Ҳаким Фирдавсист.
2. Дижам (будан) – андӯҳгин (будан).

Чи ҷойи муҳобо, ҳама марзу бум
Басе хурраму хуш, дар иқбол гум,
Ситуданд бахти мададгорро,
Худои амонатнигаҳдорро...

...Гуландом баршуд зи бечорагӣ,
«Дил аз ғам бипардохт якборагӣ»[1].
Ба худ гуфт: «Ай бахтёро, бирав,
«Биёрой дилро ба дидори нав!»[2].
Зиҳӣ! Доди фархундафарҷоми ӯ!
Худодод будаст инъоми ӯ!..

...Ҷавонрой буд Ҳазрати кадхудой,
Ҷавонмарду росихқадам, покрой!
Писандида омад варо пешае,
Бизад дар ҳамин бобат андешае:
«Агар дар ҷаҳон набвад омӯзгор,
Шавад тира аз бехирад рӯзгор»[3].
Пасон рӯ ба фарҳангу донишварӣ
Бикарду ба мактаб ҳаме сарварӣ.
Ҳалолкор устоди донишписанд,
Ба шогирд мисли падар арҷманд,
Зи омӯзгорӣ шарафманд гашт,
Ба ҳар сокини деҳа дилбанд гашт.
«Маконаш малакхонаи пок бод,
Равонаш фалактози афлок бод!..»[4]

---

1. Моли Ҳаким Фирдавсист.
2. Моли Ҳаким Фирдавсист.
3. Моли Мавлоно Ҷомист.
4. Иқтибос аз манзумаи «Ҳолнома»-и М. Аҷамрод.

Рақам зад Аҷамроди муъҷазбаён,
Ба тавсифи он **Ҳазрати қаҳрамон.**
Ба як шаб нигорида аз ростон,
Дами субҳ лаб баст аз ин достон.
Сипас бар Худованд садҳо сипос
Биёварду гуфто: «Аё Ҳақшинос,
Бияфзой осоиши зиндагӣ,
Ки он поя бошад ба поядагӣ!
Нишони набардофарон нест кун,
Ва сулҳоваронро масозӣ забун!
Ки сулҳ аст фаттоҳи боғи биҳишт,
Дигар ҷангнома нахоҳам навишт!!»

**ш. Душанбе, 2012.**

## ХУРШЕД

Салом, ай намояндаи Кирдигор!
Салом, ай тирозандаи рӯзгор!

Салом, ай сафо, ай ҷило, ай сурур,
Салом, ай азизи зи ҳар дида дур!

Салом, ай беҳин хилқати Ҷовидон,
Салом, ай далели муборакнишон!

Салом, ай чароғи бари осмон,
Туйӣ рӯшанибахши кавну макон!

Салом, ай зи ҳар ҳоҷате бениёз,
Ки зебу фарат дар фарозӣ фароз.

Салом, ай шукӯҳи само то самак,
Ҷамоду наботу башар ҳам малак.

Салом, ай муаммои осонкушод,
Куҷо рози ту зоти инсон кушод?

Надонад ба ҷуз зоти Покофарин,
Кадом оятат нақш андар нигин?

Зи ишқат дилу ҷонам андар хурӯш,
Гаҳе дар тараннум, гаҳе дар суруш.

Ҷаҳон аз фари ту ҷаҳон ном ёфт,
Маволиди[1] олам зи ту ком ёфт.

Чаро номи ту гуфтаанд Офтоб?
Азеро бувад бе ту олам хароб!

Ҷамолат рабояндаи ҳар назар,
Зи ҳар хуб рӯи хубат хубтар.

Кавокиб дар авҷи само сарбаланд,
Зи ту будаанд аз азал судманд.

Бикоҳад зи нобуданат зиндагӣ,
Бияфзояд аз нурат осудагӣ.

Бувад ҷавҳари ту ба ҳар чӣ падид,
Аз он олие олие кас надид.

Баҳорон зи иҳсони анвори пок
Зумуррадлиқоянд тифлони хок.

Ба олам ту Наврӯз меоварӣ,
Пайи дай аҷаб рӯз меоварӣ!

Бадал карда шабро ба рӯзи сапед,
Бикорӣ ба дилҳо ту базри умед.

Сияҳҷома гарчанд бошад саҳоб,
Зи юмни ту бахшад ба ҳар ташна об.

Ҳама сар набошӣ агар, хам бувад,
Ту ҷонӣ, ҷаҳон бе ту мотам бувад!

Ба фасли тамузӣ ту дар пухтупаз,
Ту таббохи амрӯду олую раз.

Гуворо саросар ба боғи ҷаҳон,
Дигар меваҳо ҳам пазӣ бегумон.

Зимистон набошад касе бенаво,
Аз ин сон мурувват, аз ин сон сахо.

Агар кас набошад каси зарфтанг,
Бубинад шарори ту дар қалби санг.

Худованди ҳастӣ туро чун сиришт
«Биёрост гетӣ ба сони биҳишт»[2].

Муаммар зи ту дину иқлими ман,
Нисорат барам нуқраҳои сухан!

Ҷаҳонофарин чун ситоиш кунам,
Ҳамоно туро ҳам ниёиш кунам.

Пайи он, ки нӯшам зи ҷоми видоъ,
Зи гӯрам биёяд навои самоъ.

Зиҳӣ то абад, сози фархундагӣ!
Зиҳӣ садри олам! Зиҳӣ зиндагӣ!

Туро саҷдаву шукр гар н-оварам,
Аҷамрод набвам, яке кофарам!

---

1. Маволид – ҳамаи мавҷудот.
2. Моли Ҳаким Фирдавсӣ.

## ЁДНОМА

***Қасида дар бузургдошти рустоиёни наҷиб ва равоншоди зодгоҳам – деҳаи Нигноти шариф***

Ай хушо Нигнот – зебодеҳае дар кӯҳсорон,
Парниёни ҳафтранг андар канори арчазорон.

Қуллаҳои сар ба гардун ганҷбахшои диёранд,
З-ин фарозо пуршитобу рақс дар рақс обшорон.

То Самарқанду Бухоро бошад ободону хуррам,
Зарфишон аз чашмасорони мусаффо рӯдборон.

Хизр умри ҷовидони хештанро кард ҳосил,
Чун гузоре ёфт то ин барзану ин марғзорон.

Худситоӣ нест, Исмоили Сомонӣ зи тифлӣ,
Майли он нӯшоба карду гашт шоҳи тоҷдорон.

Боғи ҷони мардуми ин деҳаро Эзад ба лутфе
Аз азал бо накҳати дониш намуда мушкборон.

Зодбуми родмардон аст мулки бостонӣ,
Зарнигорӣ гашта дар таърих номи шаҳрёрон.

Аз нажоди Рӯдакӣ ҳастанд ин аҳли басират,
Нуктасанҷон, фозилон, фарҳангимиллатпосдорон.

Як шабе андар хумори ёдҳои кибриёӣ,
Кардам иншо ёдгоре бо ду чашми ашкборон.

Менагунҷад васфи сад фархундакеше дар баёнам,
З-он фалаксо зиндаёдон, бо малоик роздорон.

Инқилобӣ, он Ниёзи Кончии мо чун таҳамтан
Зулмати аҳди куҳан бишкаст мисли сарбадорон.

Талъати тобони Эшони Умар хуршеди мо буд,
Он баландахтар будандӣ пешвои бахтёрон.

Дигаре андар замони Ҷанги Гирмон чун сипаҳкаш,
Кард ҳар пиру ҷавони деҳа аз меҳнатшиорон.

Ӯ Шарофиддин Муҳаммадзодаи арбоби давлат,
Рӯзии халқ аз замин бардошт чун ганҷурдорон.

Пири сад тадбир буд андар замони тангдастӣ,
Ҳар куҷое дод доди бенавою росткорон.

Ҷойгоҳи ӯ биҳишти анбарин бодо, азеро,
Қаҳрамони миллат аст ин шермард, ай ҳақгузорон!

Рӯдакиро ин масеҳидрок аз нав зинда бинмуд
Порсигӯён ҳама дар пеши рӯҳаш қарздорон!

Чун бузурге аз бузурги дигаре поянда омад,
Бар муроди дил ба даҳ қарне расиданд интизорон.

Ҳайкали ӯ дар канори Рӯдакӣ бояд ниҳодан,
Ҳам ба Эрон, ҳам ба Афғон, ҳамчу қарзи вомдорон!

Қисмати Модар – Ватан бо ҷони худ карданд қисмат,
Иддае аз гулписарҳо – нангуномусихтиёрон.

Дар канори аскари гумном зери хоки ғурбат,
Ё бародарқабрҳо хобанд хунинҷомадорон.

Синарешу хастаҷону пурхарош аз тири Ҳитлер,
Бозафар баргашт чанде аз набарди маргборон.

Нимтан Ҳазратқулу бе пойи чап Қурбони Саййид,
Қарзи фарзандӣ адо карданд назди ҳамдиёрон.

Дод дасти ростро дар ҷанг Абдуллоҳи Рӯзӣ,
Дастболо гашт бар душман ба сони ҷоннисорон.

Он абармардони размафкан шуҷоатманд буданд,
Аҳриманкуш, оташинҷон, бо адӯ носозгорон.

Мо давоми зиндагии ҳар шаҳиди сулҳкӯшем,
То абад поянда монад қаҳрамони корзорон!

Ҳеч гаҳ берун зи хотирҳо нагардад барзкоре –
Аҳмади ибни Зарифу Эшбойи ғаллакорон.

Осмони деҳа борад то кунун садҳо ҳикоят
Аз Ниёз ибни Урозу Кӯчар андар киштзорон.

Саъдии Эгам, Қаро Одина деҳқонзодагонанд,
Нақши Наҷмиддини Шамсиддин чу Наврӯзи баҳорон.

«Баччаи Ленин» лақаб карданд он Муллои Икром,
Баски ӯ навсоз буд дар соҳати таҷдидкорон.

Чархи гардун то ба ин дам аз Раҷаб Одина пӯяд,
Ҳам зи Мулло Абдухолиқ Осафи овозадорон.

Косибони пурмаҳорат Сӯфию Усто Амонбой,
Ҳамчу Қурбони Ашӯр, Устои Фармон чиракорон.

Собири усто, Камолиддини оҳангар, Фаробӣ
Дар ҳунармандӣ тавоно, бошараф, ҳоҷатбаророн.

Кавзаи волои Исрофил то шаҳри Бухоро
Зинати айвону масҷидҳои олӣ ёдгорон.

Сабки бағдодии Усто Тӯйчӣ дар сад иморат
Нақшбандӣ гашта чун тасвири нақши қандаҳорон.

Ҷӯраи Қӯзиву Баҳриддин Бадал, Бобои Ҳамдам,
Дӯст Муллоҷӯра, Комилзода Нозир вардкорон.

Ҳам зи Қудратхони Ансориву аз Хушвақти Истам,
Ҷумъаи Шоҳону Ғаффори Саримсоқ аз шуморон.

Аз Мурод ибни Ҳасан, Мирзои Муллоҷӯра гӯям,
Ё Сафар Масчоҳзоди дар амалҳо зарбдорон.

Ё Ғафури Истаму Мӯсо Каримӣ, ё Бухорӣ,
Неъмати ибни Сафар ҳам, дашту роғон хулдворон.

Ёд бодо ёди он шаҳбози симурғэътибораш,
Муртазо ибни Гадо, алломае аз рӯзгорон.

Аз назирони наҷобаткешу хайли арҷманде
Ку Қаноат ибни Иброҳим, ё Мирзоқаторон.

Нори Нуру Аллазода Рустаму Бобоназар низ
Аз фаредунфар, баиззат, босадоқат шаҳсаворон.

Дар Муаллим Ҳикмати устоди устодони Нигнот,
Ҳам Камолиддини Холиқ, дидаам ҳикматгуморон.

Дар хисоли бемисоли худ Набиҷони Маориф,
Шуҳраи давру замон гардид аз байни ҳазорон.

Аз Шарофиддину Ҳусни Ёр агар зикре биёрам,
Пеши чашмонам бубинам қомати омӯзгорон.

Лоиқи ширинсухан бошад чу тандиси бузургӣ,
Дигар Аълохони Афсаҳзод шогирдони ёрон…

Аз Қаюми Эшмуҳаммад ё зи Гулбойи Қаро ман
Мекунам ёдоварӣ чун муршидони пойдорон.

Аз Насими хушсухан гӯям, вуҷудам об гардад,
Чун Халили Эшмуҳаммад ӯст аз донишмадорон.

Буда Ҳизбуллоҳи Мирзо ҳам Ҳафиз Икромии мо,
Чун Мунаввар Рӯзии дар бихрадӣ ойинаворон.

Камназирон Содиқи Бобо, Раҳими ибни Қурбон
Панд мегуфтанд аз ҳар достони сафҳадорон.

Қосими Рӯзӣ ба шогирдон ба монанди падар буд,
Сабзҷоне монд ӯ андар суфуфи боғкорон.

Исми Ғайбуллоҳи ибни Эшназар вирди забонам,
Ҳамчу ӯ устод кай бошад бари бунёдкорон?!

Орзуҳо номукаммал рафт аз дунё Мукаммил,
Гӯри Файзуллаҳ Тағо рангин зи юмни лолакорон.

Кӯчи Рустамзодаву он Ҷӯра Шодии Ҳисорӣ
Андаруни синаҳои чок рамзи мондагорон.

Кӯҳпайкар кӯҳкан Насруллаҳи ибни Тағо ку?!
Андалебоҳанги мо Рӯзӣ Бадал ҳам дар мазорон!

Ҳар замон Мирзоалӣ гӯям, ки ӯ ибни Карим аст,
Ҳамбараш бинам Салоҳиддин Раҷаб чун хоксорон.

Гар зи Усмони Муҳаммад ё Аминҷони муҳандис
Зикри хайр орам, намеёбам назири пешадорон.

Мисли Наҷми Дилмуродиву Нақиб аз аҳли фитрат,
Бемаҳал рафтаст Ғайбуллаҳ Қаро зери чанорон.

Дард мечиданд дар дорушшифоҳо рӯзу шабҳо
Тӯйчӣ Ҳомид, Баноти ибни Қурбон аз низорон.

Мақсадуллоҳ ибни Мирзо ҳам пизишки пухтарое
Дар табибӣ Бӯаликоре, ҳабиби ранҷдорон.

Санг бар дил мезанам ҳар шаб зи ҳиҷрони Мусаййам,
То зи лахти дил бисозам тамғаҳои доғдорон.

Ӯ бародарзодаи соҳибқирони қиблагоҳам,
Баъди Баҳриддини қуръондону ёри Чорёрон.

Дар саховат Ҳотами Тай буд Сӯфии Амонӣ,
Ноҷавонмардона куштандаш гурӯҳе кинакорон.

Аз Насимхони Умар гӯям, нафире ботаассуф
Шоҳбайте аз Басир орад ба ёди пардадорон.

Чун Шаҳобиддин шиҳоби тобдореро надидам,
Ӯ рафиқу ҳам шафиқе буд баҳри меҳрдорон.

Олами тазвир дар дасти Саломиддин биларзид,
Додгустар, сарвари кул бар сафи қонунгузорон.

Пайрави ӯ буд Иброҳим аз насли Қаноат,
Адлкирдоре, наҷибе, сарпаноҳи дилфигорон.

Ку Камолиддину Зайнулъобидин – авлоди Мӯсо,
Дар футувват, бемуҳобо, ҳар ду симоустуворон.

Аз ҷавонмаргон тазаккур боядам исми Музаффар,
Дигаре ӯро бародар Олими олимтаборон.

Раҳматулло ибни Қурбон ҳам Шарафҷони Мунаввар,
Будаанд аз нобиғони навраси уммедворон.

Дар фунуни сарфу наҳви тоҷикӣ набвад баробар
Чун Шарофиддини Рустам олиме аз комгорон.

Сарбасар хоки Ватанро то ба Олою Тиёншон
Кард кашшофӣ Низомиддин зи баҳри марздорон.

Шоирону носирони ин куҳантахти куҳистон,
Аз фазилат бар замини ҷони мардум донакорон.

Ҷумъаи Одинаву Ансории шуҳратқаринро
Дар сухансанҷӣ писандид анҷуман чун зарнигорон.

Ёд орам бо тафохур ман Убайдулло Раҷаброо,
Раҳмат анборад Худои меҳрубон ин растагорон!

Бояд аз ҳурони фирдавсимақом андешавар шуд,
Водареғи бори риҳлатбаста бар уқбо нигорон.

Мардтинат буд Қӯзигул, диловар дилситоне,
Боғи хотир то абад сабз аст з-он сон беғуборон.

Бомдоди лутф – Қимат Дилмуродӣ дар дабистон
Шуъла меафрӯхт дар дилҳои тифлон аз шаророн.

Зевари Исо маҳистоне – фурӯғи осмонӣ,
Бурҷи Азро акси ӯ меҷуст ҳар шаб рашкдорон.

Ҷони ман бодо фидои Модарам – Бибӣ Башорат,
То бувад олам, зи маргаш олами мо сӯгворон!

Дошт ойине Муқаддам, духти раънои Мунаввар,
Раҳнамоӣ дар тариқи сидқ баҳри росткорон.

Ҷони эшон ғарқ шуд дар баҳри нури лоязолӣ,
Зиндасимоён, кавокибзодагон, озодакорон.

Гар накардам ёд аз бархе равоншодони ғайбӣ,
Маъзарат мехоҳам аз рӯҳи бузурги рафтаёрон.

Чун қаламкаш шод бинмояд ба саъйе хотиреро,
Номи ӯ ҳам зинда бошад дар қатори номадорон.

Нуктае дигар, бародар, з-ин муборакдеҳа гӯям,
То бувад дафъи малоли хотир аз ин қиссаборон.

Равзаи ризвон агар бошад туро майли тамошо,
Нури дида, тоҷи сар бар боргоҳи дӯстдорон!

Ё бихоҳӣ як замоне хуфтан андар бистари гул,
Марҳабо, бар мулки хушманзар ба монанди баҳорон!

Фарқ набвад, ҳар даре гар софтинат боз кардӣ,
«Хайра мақдам!» бишнавӣ аз пурмуҳаббат меҳрдорон.

Анҷуманорой дар ҳар манзиле ёбӣ рафиқе
Аз миёни ҳамнишинон, ҳамзабонон, ғамгусорон!

Шаб напиндорӣ чу шаб дар ғояти историрезӣ,
Баски бедоранд он исторагон дар байтборон!

Ҳарф –ҳарф аз саргузашти ишқи Ширинро саҳаргоҳ
Хусравонифар зи боғистон бихонандат ҳазорон.

Дарбиёбӣ хешро дар олами бахту саодат,
Ёдат ояд аз канори пурхумори гулъузорон.

Беибо, ҳамчун Аҷамроди сухангустар ба ин деҳ
Пас ту ҳам ошиқ бигардӣ, дар шумори бешуморон.

Ман тавонам сад раҳи дигар кашам назми гуҳарро,
Иктифо дидам, вале ин шаддаро аз баҳри ёрон.

Бозии айём дур афканда моро аз канораш,
З-ин сабаб ҳастем дар ёдаш парешон, пурхуморон.

Қиблаи ишқ аст моро, ай Худо, в-аз абри лутфат
Бо дуъои сабзи мо бар марзи ҷонаш файз борон!

Меҳани Наврӯзро, ай ҷони ман, дораш муқаддас,
Ҳифз бояд кардан ин сон покгавҳар ёдгорон!

Қалъабандӣ карда Меъмори Азимушшаъни гетӣ
Рӯзи эҷод ин сароро бо буруҷе устуворон.

То ки бошад ҷовидон чун хонаи уммеди миллат
Бегазанду сарбаланду дилписанди рӯзгорон.

Ифтихори Тоҷикистон аст ин сарманзили мо,
Зинда бодо деҳаи овозадори номдорон!

**Марти соли 2016, Душанбе.**

## БАҲОРИЯҲО

*Ҳамворабаҳор хоҳамат, ай Меҳан,*
*Наврӯзмадор хоҳамат, ай Меҳан.*
*Дар рӯйи ҷаҳон равзаи ризвони манӣ,*
*Доим ба қарор хоҳамат, ай Меҳан!*

## БИЁ, БОҒБОНО!

Биё, боғбоно, наво соз кун,
Суруди баҳори нав оғоз кун!

Ки Наврӯзи фархундарӯ мерасад,
Сано бар Худованд иброз кун!

Тафаққуд бифармо ба бустонсаро,
Ба сеҳри нафас ғунчаҳо боз кун!

Чаман гашт зебою доруссурур,
Маро бо гулу сабза ҳамроз кун!

Шаҳону арӯсон бигӯ: «Марҳабо»,
Гилеми гулобӣ паяндоз кун!

Биёрой як маҳфили дилнишин,
Ҳабибони дерина дамсоз кун!

Даме соқию мутрибе баргузин,
Биёру бад-ин хуррамӣ ноз кун!

Ба алҳони мурғони рангобаранг
Сатову[1] дафу чанг анбоз кун!

Майи арғавонӣ бидеҳ ҷумларо,
Равонофарин базми мумтоз кун!

Муфаззал ғазал гӯядат нав ба нав,
Варо бо сахоят сарафроз кун!

1. Сато – асбоби мусиқӣ.

***

Баҳор омад, биё, дар пойи гул дилҳо барафшонем,
Ба номи Эзади ҷонофарин шукрона бархонем.

Чу бикшодаст боғистони ҷаннат Боғбони ғайб,
Ба ин Хуррамватан болида, ҷоми лола гардонем.

Канори рӯди Варзоб оташи хотир барафрӯзем,
Хазони қалбҳоро дар чунин оташ бисӯзонем.

Ғазал хонем дар савту навойи базми боронӣ,
Ки тоҷикзодаи мулки биҳиштӣ, аз ҳазоронем.

Ба рақс ояд вуҷуди мо зи арғушти таманноҳо,
Фалак шобошҳо гӯяд, ки мо хушрӯзгоронем.

Ғанимат бишмарем ин навҷавонии табиъатро,
Нишотомез коми зиндагӣ аз даҳр бистонем.

Ҳумои ишқ – Наврӯзи Аҷам майли Ватан дорад,
Варо бар тахти Миллат ҳамчу рамзи бахт биншонем.

Аҷамрод аз баҳорон хутбаҳои нав ба нав гӯяд,
Бале, мо ошиқони содиқи фасли баҳоронем!

## НАВРӮЗ

Аҷаб ороиши дунёст Наврӯз,
Фурӯғи олами болост Наврӯз!

Арӯси тозарӯю нозанине,
Ба хубӣ дар ҷаҳон яктост Наврӯз!

Муносиб набвад ӯро ҳар қиёсе,
Ба сони чеҳраи Лайлост Наврӯз!

Зи шамъи оразаш гардун баҳор аст,
Баҳор асту баҳорафзост Наврӯз!

Алам бармезанад дашту даманро,
Ки пешоҳанг дар саҳрост Наврӯз!

Башар хонандаи «Аржанг»-и Монӣ,
Ҳазорон нақши ҷонбахшост Наврӯз!

Сахои эзадӣ бахшад ба мардум,
Мукофоти басе волост Наврӯз!

Нишоти аҳли олам бекарон аст,
Масарратзодаи зебост Наврӯз!

Замину осмон рақсанд бо ҳам,
Ки хони хусравӣ орост Наврӯз!

Биё, ай ҳамватан, бар Ҷашни Миллат,
Шукӯҳи ориёиҳост Наврӯз!

Зи олимашрабӣ ҳангомае зан,
Басе ҳангомаи куброст Наврӯз!

Кифоят нест девоне ба васфаш,
Аҷамродо, самоиншост Наврӯз!

## НАВИД

I

Боз ба ин сарзамин фасли муборак расид,
Аҳли Ватанро навид:
Сардии дай орамид,
Хоби табиат парид,
Рози само шуд падид,
Абр ба гардун хазид,
Риштаи борон танид,
Шамс зиё оварид,
Тирукамон офарид,
Сабза ба ҳар ҷо дамид,
Навда нафас даркашид,
Шаҳди муҳаббат чашид,
Дил зи масаррат тапид!
Боз ба ин сарзамин фасли муборак расид!

II

Баст камар тангтар Рахши таманносавор,
Барзгари пухтакор,
Ҳотами хидматгузор,
Баъди басе интизор
Шод шуд аз навбаҳор,
Рафт бари киштзор,
Даст ба дасти сипор,
Кард ҳаме киштукор,
Донафишон, чанд бор
Гуфт, ки Парвардигор,
Шукр туро сад ҳазор,
Баҳри шукӯҳи диёр,
Сол бикун бобарор!
Баст камар тангтар Рахши таманносавор!

III

Меҳани Наврӯзро бош фурӯғофарин!
Ҳамватани некбин,
Кӯш ба азми матин,
Расми ниёгон гузин,
Рав ба раҳи ростин,
Дур шав аз бухлу кин,
Гард ба мардум қарин,
Ҳарф бизан дилнишин.
Бар Ватани нозанин,
Нафъ биҷӯ беш аз ин!
Аз назари пок бин,
Нест диёре чунин,
Ҳаст чу хулди барин!
Меҳани Наврӯзро бош фурӯғофарин!

IV

Тахти каёнии мост ин Ватани беҳ зи ҷон,
Зевари рӯйи ҷаҳон,
Маснади сомониён,
Модари озодагон,
Мазҳари шеъри равон,
Хотира аз бостон,
Ишқ ба ӯ армуғон!
Дар ҳама давру замон
Ҳеч набинад хазон,
Бод чунин гулситон
Қиблагаҳи тоҷикон!
Сарвари ӯ қаҳрамон,
Сарвари соҳибқирон!
Тахти каёнии мост ин Ватани беҳ зи ҷон!

## БАҲОРИСТОНИ ВАРЗОБ

Ай хушо Варзоб андар фасли зебои баҳорон,
Кӯҳҳо анбарфурӯшу чашмаҳо замзамнисорон.

Манзари фирдавс мақбули назар, боби тамошо,
Партави хуршед лағзон аз фалак то марғзорон.

Пири барнокеш - кӯҳистон ба сад санъат физояд
Рақси дарё, савти булбул, лутфи гулҳо, сози борон.

Суфраи рангобарангашро табиъат баркушояд,
Ҳамчу рамзи сабзҷонӣ бо сучу ревоҷу торон.

Ишқободе агар бошад ба олам, дар ҳамин ҷост,
Дар таҳи бурсу канори рӯдбораш дӯстдорон.

Гӯиё фархундаводӣ сур дар ҳар гӯша дорад,
Ордбезон дар Сафедорак, арӯсӣ дар Чанорон.

Ҳар кӣ ин ҷо по гузорад, ғарқ гардад дар масаррат,
Аз Душанбе то ба Ҳушёрӣ раҳораҳ «Ёр-ёрон!».

Боргоҳи Сарвари Давлат шукӯҳи ин диёр аст,
Хоҷа – Оби Гарм тахти бахт баҳри шаҳрёрон.

Меҳани Наврӯзро Эзад ҳамин ҷо офаридаст,
Зинда бодо Тоҷикистон – сарзамини тоҷдорон!

## НАВРӮЗИ АҶАМ

Наврӯзи Аҷам муждавари фасли баҳор аст.
Наврӯзи Аҷам тантанаи авҷу барор аст.

Аз олами улвӣ бирасад ҳамчу фурӯғе,
Ҷон дода ба ҳар мурдадиле мушти шарор аст.

Дар дафтари гетӣ асари айш нигорад,
Наққоши азал буда, ки фархунданигор аст.

Ганҷест муборакнигаронони чаманро,
Ойинасифат рӯшании қалби низор аст.

То меҳру вафо маҳв ба кавнайн нагардад,
Наврӯзи Аҷам ошиқии лайлу наҳор аст.

Бингар ба хиромидани ин турфа арӯсе,
К-аз файзи қудумаш ҳама ҷо бӯсу канор аст.

Аз рӯйи саро то ба Сурайё чӣ нишоте,
Бо лафзи дарӣ зоти малак нуктагузор аст.

Як дастагуле баҳри Аҷамрод биёред,
К-ӯ шоири наврӯзмақоме ба диёр аст!

# СӮГНОМАҲО

**Чунин пайванди ҷону ҷони ҷоне аз куҷо ёбам?**
**Чунин фархундаю фаррухнишоне аз куҷо ёбам?**
**Дареғо, ҳасрато, дардо, падарҷонам, падарҷонам!**

# БИМИРАМ

## Навҳаи модари зорам дар рӯзи марги нобаҳангоми хоҳари ширинам Гулъузор (21. 10. 1960 – 21. 02. 1994)

Бимирам, ки ин нозанинам бимирад,
Арӯси ба дилҳо қаринам бимирад!
Бимирам, ки навбат рабуда зи модар,
Баҳори пур аз ёсаминам бимирад!
Бимирам, ки аз равзаи анбарогин,
Гули навбари анбаринам бимирад!
Бимирам, ки Наврӯз дигар наояд,
Мубораққадам, покбинам бимирад!
Бимирам, ки дар нимараҳ то ба манзил
Чароғи мунаввартаринам бимирад!
Бимирам, ки андар самои саодат,
Ҳамин моҳи нурофаринам бимирад!
Бимирам, ки манзил ба мулки хамӯшон
Талабгор бошад, макинам бимирад!
Бимирам, ки комил нагардида хирман,
Мададгори ман, хӯшачинам бимирад!
Бимирам, ки бигсаста Иқди Сурайё,
Яке кавкаби ростинам бимирад!
Бимирам, нашояд маро зинда будан,
Ҷаҳон тор бинам, заминам бимирад!
Бимирам, ба хилватгаҳи ғам бимирам,
Мабодам, ки нури яқинам бимирад!
Бимирам ба ҷоят, аё Гулъузорам,
Набояд чу ту дилнишинам бимирад!
Бимирам, ки мотамнишинат набошам,
Дареғо, ки мотамнишинам бимирад!
Худоё, Худованди ҷону ҷаҳоно,
Маро куш, набинам, ки инам бимирад!..

…Бимирам ба номат, аё Кирдигорам,
Парешондилам ман, ту маъзур дорам!
Ту Таввобу ман бандаи ҳарзагӯям,
Зунуби ман аз ёвагӯйӣ мапӯям.
Мусибат маро музтарибҳол карда,
Зи худ бехабар тирааҳвол карда.
Набошад қазову қадар сунъи одам,
Қазову қадар ҳукми Халлоқи ҳар дам.
Ба қисмат шак овардани ҷурмкоре,
Пазиро нагардад ба даргоҳи Борӣ.
Илоҳӣ, зи лутф аз ҳабибон шуморам,
Ки дар ду саройӣ ту омурзгорам.
Наёбад касе дар ҷаҳон пойдорӣ,
Вале зинда бошад ба хуш ёдгоре.
Бимонад агар насли некӯхисоле,
Варо рӯй бинӣ аз он сон ғизоле.
Сипосам ҳамора Худовандро ман,
Ки мирос шаш тифл з-он покдоман
Бимондаст моро ба таскини дилҳо,
Бувад нӯш бахшанд ин салсабилҳо!
Нигораш Худоё, шавад чашмаи нур,
Зи маҷрои ӯ резаи бадгуҳар дур!
Фаредун фари ақраборо физояд,
Ба мардонагӣ сар ба афлок сояд!
Азиза азизи халоиқ бигардад,
Ба халқу Ватан фарди содиқ бигардад!
Мусаввир чу Аржанги Монӣ мусаввар
Бисозад ба таҳқиқ омоли модар!
Ҳамоне, ки дорад ба худ номи Бибӣ,
Шаҳире бигардад зи касби табибӣ!

Суханвар ба мисли тағояш Аҷамрод,
Нависад ҳикоёти таърихи аҷдод!..
Иҷобат бифармо Худоё, дуъоям,
Ман он соҳили ғам, зи дарё чудоям.
Агарчанд ҳастам зи хайли ғарибон,
Ватан ёфтастам бари Тоҷикистон.
Дигар чун суроғаш равам кишвари Рус,
Ватан қиблагоҳам, Ватан марзи номус!
Чӣ чора, ки аз чорбоғи таманно,
Ба уқбо сафар кард он духти раъно.
Напиндорам аз чордаҳто ҷигарбанд,
Наберу аберон, зи ҳаштод пайванд
Гиронмояам, Гулъузорам фано шуд,
Ба Яздон паноҳиду андар само шуд!
Тасаллои дилмурдагон бас ҳамин аст,
Ки нӯшобаи марг андар замин аст!..
Вале, некноме чунинам **намирад**,
Ки рӯҳи варо чархи аъло пазирад**!..**

## АЗИЗИ АНҶУМАНҲО…

**Андар сӯгвории қиблагоҳам –**
**Ҳоҷиакбар Муртазои Нигнотӣ**
***(01.05.1917 - 03.12.2001)***

***Сарви болойи ту дар хок, дареғо, падарам,***
***Зери хок ин гуҳари пок, дареғо, падарам!***
***Ҷойи он буд, ки ҷойи ту бувад дидаи мо,***
***Ёфтӣ ҷой дар афлок, дареғо, падарам!***

Чароғони саодат сӯхт дар қалби мани мискин,
Зи маргат ханҷари тезе расида бар тани мискин,
Ба хуноби ҷигар гулгун шуда пироҳани мискин,
Фалак дар рӯзи рӯшан тирагун аз шевани мискин!
Чунин пайванди ҷону ҷони ҷоне аз куҷо ёбам?
Чунин фархундаю фаррухнишоне аз куҷо ёбам?
Дареғо, ҳасрато, дардо, падарҷонам, падарҷонам!

Зи маргат, ай падарҷон,осмон мурдасту ман мурдам,
Гулистону баҳору бӯстон мурдасту ман мурдам,
Маҳу хуршеди арши бекарон мурдасту ман мурдам,
Ҳама оғозу анҷоми ҷаҳон мурдасту ман мурдам!
Чунин соҳибдилу соҳибқироне аз куҷо ёбам?
Чунин олимақому пурнишоне аз куҷо ёбам?
Дареғо, ҳасрато, дардо, падарҷонам, падарҷонам!

Азизи анҷуманҳо будию аз анҷуман рафтӣ,
Сафар кардӣ зи дунёи фано, аз хештан рафтӣ,
Чӣ бошад чораи бечорагон, аз мову ман рафтӣ,
Биҳишти ҷовидоният бихоҳам, аз Ватан рафтӣ!

Чунин озодаи озодагоне аз куҷо ёбам?
Чунин осудаи осудагоне аз куҷо ёбам?
Дареғо, ҳасрато, дардо, падарҷонам, падарҷонам!

Фурӯғи зиндагӣ дигар насиби ман намегардад,
Касе монанди ту ёру ҳабиби ман намегардад,
Миёни ҷамъаму фарде қариби ман намегардад,
Худовандо, Масеҳоям табиби ман намегардад!
Чунин як зиндае аз зиндагоне аз куҷо ёбам?!
Чунин алломаи ширинзабоне аз куҷо ёбам?!
Дареғо, ҳасрато, дардо, падарҷонам, падарҷонам!

Салом аз номи мо бар нуриёну анбиё баргӯ,
Салом аз номи мо бар қудсиёну кибриё баргӯ,
Салом аз номи мо бар тоҳирону авлиё баргӯ,
Салом аз номи мо бар ҷовидони пурзиё баргӯ!
Чунин як қосиди нозукбаёне аз куҷо ёбам?
Чунин як шоҳиди ғойибъаёне аз куҷо ёбам?
Дареғо, ҳасрато, дардо, падарҷонам, падарҷонам!

Муфаззал, андалеби боғи ҳиҷрони падар гаштӣ,
Муфаззал, бенавою шамъи гирёни падар гаштӣ,
Асири кунҷи зиндони ғамистони падар гаштӣ,
Падар гум кардаӣ имрӯзу ҳайрони падар гаштӣ!
Чунин волосиришти меҳрубоне аз куҷо ёбам?
Чунин хуррамбиҳишти ҷовидоне аз куҷо ёбам?
Дареғо, ҳасрато, дардо, падарҷонам, падарҷонам!

## ДАР СИПЕҲРИ БАДФАРҶОМ

**Андар сӯгвории модарам**
***(10.05.1924 - 13.07.2009)***

***«Бигӯ ба Хизр, ки ҷуз марги модарон дидан***
***Дигар чӣ ҳосиле аз умри ҷовидон дорӣ?»***

Мотами ҷигарсӯзе омад ин саҳар моро,
Абри наҳси кайҳонӣ рехт бехабар моро,
Аз фарози гардунҳо ғуссаҳо ба сар моро,
Офтоби олам ҳам тира дар назар моро,
Арсаи қиёмат шуд манзили падар моро!

Модари ҷаҳоноро рахт з-ин ҷаҳон барбаст,
Қомати расои мо аз шиканҷи ғам бишкаст,
Захми ханҷари маргаш ҷону дил зи ҳам бигсаст,
Гарди ноумедиҳо рӯйи дидаҳо биншаст,
Дасти мо кӣ баргирад, ғайри Додгар моро?!

Сад дареғат, ай модар, хезу ҳоли мо бингар,
Доғдидаи маргат ҷумла додару хоҳар,
Мондаанд ҳайрону сарфикандаву музтар,
Булбулони ромишгар лолу маҳви ин манзар,
Гулситони мо дигар нест ҷилвагар моро!

Чун сари азизатро ҳамдами адам кардӣ,
Хонаи дили моро хонаи алам кардӣ,
Рӯзгори хушҳолӣ бас сияҳрақам кардӣ,
Лавҳи хотири моро ҳамчу най қалам кардӣ,
Модаро, чаро кардӣ хору пушти сар моро?!

З-ин ҷафо ҳамемирам, модаро, куҷо рафтӣ?
Чорасози тадбирам, модаро, куҷо рафтӣ?
Ай маҷоли тақрирам, модаро, куҷо рафтӣ?
Ноумеди тақдирам, модаро, куҷо рафтӣ?
Худ ба ҷаннат осудӣ, монда дар сақар[1] моро!

Мазраъи фалак ҳаргиз мазраъи вафо набвад,
Сарнавишти мо з-ин пас саргаҳи сафо набвад,
Ин ҷаҳони нокомӣ манзили бақо набвад,
Номи зиндагӣ дигар ҷуз ситам сазо набвад,
Дар сипеҳри бадфарҷом мурд он қамар моро!

1. Сақар – дӯзах.

## ҲАМА БОД АСТ…

***Меҳри модар бениҳоят бузург аст, хоссатан агар ӯ аз олам даргузарад, меҳраш барои фарзанди асил, то охирин нафас, ҳамрадифи меҳри Парвардгор бошад.***

***(М. Аҷамрод)***

Ҳар чӣ дар даҳр ба ҷуз рӯи ту дидам, бод аст,
Қасри ободи ҷаҳон бе ту чи нообод аст.

Модаро, марги ту баррехт ҳама давлати мо,
Марг бар марг, ки хунхортарин ҷаллод аст!

Айши султонии мо хотимаи талх гирифт,
Хонадони падарам баъди ту бебунёд аст.

Оҳ, тобути ту хуршеди Ватанро пӯшид,
Во дареғо, ки тулӯъи ту дигар дар ёд аст.

Ҳар замон оташи ҳиҷрони ту моро сӯзад,
Сӯги ту баҳри азизон ситаме бедод аст.

Сар ба сар зору парешону ҷигарбирёнем,
Ҳайф, сад ҳайф, ки мурдан зи қазо иршод аст.

Ай Аҷамрод, биё, ҷониби модар биравем,
То таҳи хок бихуспем, ки дил ношод аст.

## ДАРДИ ФИРОҚ

Бе модари дилсӯз ғубори сари роҳам,
Афзунтар аз ин чун бувадо ҳоли табоҳам?

Аз марги азизе, ки маро арҷи Худо дошт,
Сар то ба қадам ҳасратаму нолаву оҳам.

Дар ҳарду саро нест ҳабибе ба мисолаш,
Бе рӯйи назаргоҳи маҳаш тиранигоҳам.

Кӯшам, ки бипӯшам ҳама ҷо сӯзи ҷигарро,
Аммо чӣ тавон кард, ки ман ҷомасиёҳам.

Он қадр зи худ рафтаам аз дарди фироқаш
Фаҳме набарам: чист шабу чист пагоҳам?!

Дар рӯйи замин нест чу ман хокнишине,
Хокам ба сар, ай хок, маро гир паноҳам!

То рӯзи қиёмат зи ғамаш зор бигирям,
Дар орази ман тамғаи дарёст гувоҳам.

Ай моҳи муборак, ки туро ҷой биҳишт аст,
То ҳаст нафас, баҳри ту дар саҷдаи моҳам!

## ҒУРУБИ МОҲ

Марги модар зиндагиро нобасомон кардааст,
Аҳли байташро, бубин, аз сӯгдорон кардааст?!

Ин азизи хешро бо худ ба зери хок бурд,
Мулки ҷонамро саросар хокбезон кардааст!

Хокзодаст одамиву боз мегардад ба хок,
З-ин сабаб, хокам ба сар, хокам парешон кардааст!

Ашки ҳасратро чу мебинам ба рӯйи хоҳарам,
Мебарад дарё маро, чун ӯ Зарафшон кардааст!

Моҳи оламтоби ман дигар мунаввар нест, нест,
Бо ғуруби хеш олам торикистон кардааст!

Сабз андар сабз будам дар канори модарам,
Во дареғ, ин ранг тарки навбаҳорон кардааст!

Мурдаам з-он дам, ки модар рафт аз дунёи дун,
Доғи модар маргро бар ман ҳам осон кардааст!

То қиёмат синабирёнам ба ёди модарам,
Ай Муфаззал, қисматам ғамро ҳазорон кардааст!

## МАРСИЯ

**Андар сӯги бародари ҷавонмаргам, доктори улуми педагогӣ Раҳматуллоҳ Қурбонов**
***(27.02.1950 - 01.09.2000)***

Ҳазорон шаб ба хун дархуфтаам аз доғи ҳиҷронат,
Ҳазорон рӯзи дигар мурдаам дар кӯйи армонат,
Саропо сӯхтам дар оташи пурпечу сӯзонат,
Дигар ҳаргиз набинам орази гулҷӯшу хандонат.
Нарӯяд лолаи аҳмар ба боғистони ирфонат.

Дареғу дард аз дасти аҷал, афсӯс, ҳай афсӯс,
Азизонро рабояд бемаҳал, афсӯс, ҳай афсӯс!

Шудам з-ин пайк ман дар Олмон музтар, чӣ вовайло?!
Ту барпо кардаӣ андар Ватан маҳшар, чӣ вовайло?!
Ба зери хок пинҳон гаштаӣ, додар, чӣ вовайло?!
Кӣ меояд ба истиқболам, ай сарвар, чӣ вовайло?!
Зи оби чашми ман гил гашт роҳам то ба айвонат!

Дареғу дард аз дасти аҷал, афсӯс, ҳай афсӯс,
Азизонро рабояд бемаҳал, афсӯс, ҳай афсӯс!

Гузаштӣ аз ману мову ба пеши Ломакон рафтӣ,
Чаро, ай сорбон, ин қадр дур аз корвон рафтӣ?
Шикастӣ қомати морову худ андар амон рафтӣ,
Шароби ишқ мастат карду ҷойи ростон рафтӣ,
Парешонрӯзгоронем мо з-ин гуна иҳсонат!

Дареғу дард аз дасти аҷал, афсӯс, ҳай афсӯс,
Азизонро рабояд бемаҳал, афсӯс, ҳай афсӯс!

Гудози дарди додармурдаро ҳамдард медонад,
Аламҳои маро ҳар фарди ғампарвард медонад,
Нишони ноларо дар даҳр оҳи сард медонад,
Баҳои гиряҳои мардро ҳам мард медонад,
Рафиқе ҳамдами ман нест ҷуз ранҷи дучандонат!

Дареғу дард аз дасти аҷал, афсӯс, ҳай афсӯс,
Азизонро рабояд бемаҳал, афсӯс, ҳай афсӯс!

Раво набвад ниҳодан дил ба ин мотамсаро ҳаргиз,
Набошад манзаре дар сираташ ҷуз Карбало ҳаргиз,
Худовандо, насозӣ бандагонат мубтало ҳаргиз,
Ба ин сурат дилафгору гироне моҷаро ҳаргиз!
Пурандӯҳе асирам, додаро, дар кунҷи зиндонат!

Дареғу дард аз дасти аҷал, афсӯс, ҳай афсӯс,
Азизонро рабояд бемаҳал, афсӯс, ҳай афсӯс!

Биёбон асту шаб торик андар олами ҷонам,
Саросар мурд умре ҳамқирони ту чароғонам,
Дигар дар равшаниҳо сайри гулбоғат набитвонам,
Муфаззал, марсиятхоне даруни кохи вайронам,
Кафи хокистари сӯзон ба сар пошад найистонат!

Дареғу дард аз дасти аҷал, афсӯс, ҳай афсӯс,
Азизонро рабояд бемаҳал, афсӯс, ҳай афсӯс!

## БАЁНИ НОАЁНӢ

**Андар сӯгвории дӯсти ҷонӣ ва ҳаммаслакам –**
**академик Шарафҷони Мунаввари Рӯзии Нигнотӣ**
***(12.08.1952 - 23.11. 2009)***

***Андешаи мо сӯгнишин афтодаст,***
***Яъне, зи ғами дӯст ҳазин афтодаст.***
***Вологуҳари мо зи садаф вораста,***
***Хуфтасту дар оғӯши замин афтодаст.***
***(М. Аҷамрод)***

Заҳр дар зери нигини зиндагонӣ будааст,
Кори гардун оқибат номеҳрубонӣ будааст,
Марг тирандози бадроми ҷавонӣ будааст,
Ин ситамгар дар шикори мо ниҳонӣ будааст,
Рост гуфтанд: ин ҷаҳон дунёи фонӣ будааст!

Олими фарзона рафту сокини ғамхонаем,
Дард – ганҷу қалбҳо – ганҷина, мо вайронаем,
Ганҷсанҷи мо ба гӯру мо ҳама девонаем,
Во дареғо, бо азизу ошно бегонаем,
Нақши по дар оби дарё бенишонӣ будааст!

Дар фироқи дӯст шамъе дар гудозам баъд аз ин,
Ошиқи айшам, вале беимтиёзам баъд аз ин,
Кибриёиҳои гардунро нанозам баъд аз ин,
Бо сипеҳри бемурувват дар маҷозам баъд аз ин,
Ҷонфазоиҳои ӯ дар ҷонситонӣ будааст!

Ҷилваҳои олами ҳастӣ ба ҷуз найранг нест,
Шишаи номуси ӯро дар шикастан санг нест,
Ҷомаи товус дар тан дораду хушранг нест,
Дар парешонзерубамҳояш саҳеҳ оҳанг нест,
Санъати сеҳрофаринаш нотавонӣ будааст!

Ай Муфаззал, гарчи андар ғусса ойӣ нопадид,
Додгар бо мӯҳри **«Мотам!»** одамиро офарид,
Умр ширин, лек шаҳди маргро бояд чашид,
«Ҳар кӣ ин ҷо субҳ омад, шом рахти худ кашид»,
Зистан гӯё баёни ноаёнӣ будааст?!

## ҒАЗАЛЕ ДАР ЁДАТ…

**Андар таслияти ҳиҷрони устоди зинданомам Назира Қаҳҳорова**

***«Халқе шаҳиди ишқи ту гаштанд лолавор,***
***Аз хок ҷуз ба доғи ту сар барнамекунанд».***
***(Мушфиқӣ)***

Рафтаӣ аз ману дар ҳукми хазонам, чӣ кунам,
Номи ширини ту доим ба забонам, чӣ кунам?!

Гарчи донам, ки ба гӯшат нарасад нолаи зор,
Ҳасратафшонаму ҳар ҷо ба фиғонам, чӣ кунам?!

Чун фаромӯш тавон кард азизони Ватан,
Дарватанбудаи бемарзу маконам, чӣ кунам?!

Қиссаи ҳаҷри туро кас чу шунид, оҳ кашид,
Дилгудоз аст ҳама шарҳу баёнам, чӣ кунам?!

Қасди мо дарзадани оташи дилҳо набувад,
Оташангез зи андӯҳи ниҳонам, чӣ кунам?!

Ту ҳамонӣ, ки ба мо хотами ишқат задаӣ,
Бе ҳузури ту агар шоҳи ҷаҳонам, чӣ кунам?!

Бас фаровон шуда озор ба бозори ғамат,
Зиндадаргӯраму озурда зи ҷонам, чӣ кунам?!

Расму ойини қазоро ба Муфаззал гуфтанд,
Гуфт: ин қоидаҳо гашт гаронам, чӣ кунам?!

## ТИРИ ҶАФО

**Андар сӯгвории хунёгари беназир**
**Олимҷон Бобоеви Панҷакентӣ**

Устод то муҳоҷири он дор гаштааст,
Айшу тараб ба мулки дил инкор гаштааст,
3-он рӯз ранҷ матлаъи ашъор гаштааст,
Ин зиндагӣ муродифи темор гаштааст,
Халқи Худо зи мотамаш афгор гаштааст!

Хунёгаре, ки марҳами дилҳои хаста буд,
Дар «Шашмақом» шеваи ӯ бас хуҷаста буд,
Тири навош пардаи ҷонҳо гусаста буд,
Арҷи ҳунар ба гунбади афлок баста буд,
Андар паноҳи раҳмати Ҷаббор гаштааст!

Ҳамдостону ҳамнафасам бо ғаму алам,
Торик дар назар бувад овони субҳдам,
Ҳамсони ӯ зи мурдани худ мужда медиҳам,
Пайвастаам ба риштаи сардаргуми адам,
Озурдаам, чу бахт нагунсор гаштааст!

Сайёди моҳир аст аҷал дар шикори мо,
Доми бало фиканда ба ҳар раҳгузори мо,
Аз мо рабудааст яке шаҳриёри мо,
Ин ҷо накӯ надид кас анҷоми кори мо,
Он сифлатабъ боз ситамгор гаштааст!

Умре дигар зи фурқати ӯ дард мекашам,
Хокистари хамӯшаму шамъи пуроташам,
Мотамғазал бихонаму заҳроба дарчашам,
Ҳамчун Муфаззал аз ғаму ҳасрат мушаввашам,
Олим зи аҳли олами асрор гаштааст!

## ШИҲОБИ ПУРШИТОБ

**Андар сӯгвории ҳамсабақ ва дӯсти вологуҳар, сарвари дабистони деҳаи Некнот Ҳоҷӣ Шаҳобуддин Шарофов (02.02.1953 - 29.08.2012)**

Шиҳобе[1] аз фарози осмон андар ҷило омад,
Шаҳобуддин, ки номаш буд, оламро зиё омад,
Ҷамолаш дар қиёси барқ боло аз сафо омад,
Вале афсӯс, марги нобаҳангомаш ҷафо омад,
Куҷо буд, аз куҷо омад, шитобон бебақо омад?!
Дареғу дард, волоахтари мо дар фано омад!

Худо ёрат, ҷавонмардо, ҷавонмарго, Шаҳобуддин!
Биҳишти ҷовидонӣ хоҳамат маъво, Шаҳобуддин!

Муҳаббатпешае рахти сафар баст аз миёни мо,
Накӯандешае рафт аз бари соҳибдилони мо,
Бурид ӯ решаи пайванди худ аз боғи ҷони мо,
Чаман пажмурд баъд аз рафтани он боғбони мо,
Ғуруби офтоб аз пас кашид он соябони мо,
Ҷаноби марг ҳамчун дузд, дузди ошно омад!

Худо ёрат, ҷавонмардо, ҷавонмарго, Шаҳобуддин!
Биҳишти ҷовидонӣ хоҳамат маъво, Шаҳобуддин!

Дигар бе ӯ гулистони Ватан беранг мебинам,
Ба рӯи шишаи ирфон ғубори занг мебинам,
Ба мактабхона устодон ҳама дилтанг мебинам,
Суруди мурғаконро дилхарошоҳанг мебинам,
Ғазал хонам ба ёдаш, нола дар ҳар санг мебинам,
Саропо дар мусибат ҳар вуҷуди ин саро омад!

Худо ёрат, ҷавонмардо, ҷавонмарго, Шаҳобуддин!
Биҳишти ҷовидонӣ хоҳамат маъво, Шаҳобуддин!

Сияҳпӯшем чун шабҳо, кӣ донад ҷойи анқоро?
Чароғи мо куҷо шуд, то кунад равшан дили моро?!
Муфаззал, то ба кай меҷӯӣ аз дунё мудороро?
Мисоли Ҳофизи Шероз бишкан аҳди фардоро!
Ба як ҷавдонае бифрӯш ҳимматҳои дунёро![2]
Ки ин дунпарвар андар боби мардӣ худнамо омад!

Худо ёрат, ҷавонмардо, ҷавонмарго, Шаҳобуддин!
Биҳишти ҷовидонӣ хоҳамат маъво, Шаҳобуддин!

---

1. Шиҳоб – ситораи паррон.
2. Ишора ба: Падарам равзаи Ризвон ба ду гандум бифурӯхт...

## ТАРОНАҲО

***Дар мамлакати Ишқ яке дарвешам,***
***Бо Мавлавию аҳли вафо ҳамкешам.***
***Мероси Падар хомаи сабзам бошад,***
***Шоирнасаб, аз марг намеандешам!***

** *

Сармояву тоҷаму нигинам Ишқ аст,
Наврӯзу баҳори нозанинам Ишқ аст.
Шукронаи нақши дасти мирзои азал,
Сарлавҳаи дафтари ҷабинам Ишқ аст!

***

Дар даҳр нагунҷад ин сари сарсонам,
Килку сухани расо - балогардонам!
Донӣ, ки зи чист шӯри пешонии ман? –
Шармандаи савдои муҳаббат ҷонам!

* * *

Биҳрос зи оне, ки падар наспосад,
К- ин тоифа мардум зи Худо наҳросад.
Парҳез аз он додари ногироят,
Бишнос касеро, ки туро бишносад!

* * *

Шоирон аз зоти ҷонанд, ай азиз,
Ҷавҳари рӯҳу равонанд, ай азиз,
Тӯдаи соҳибдилонанд, ай азиз,
Офтобандешагонанд, ай азиз!

* * *

Ай он, ки ба тазвир вазир омадаӣ,
Гӯё зи ҳама ту беназир омадаӣ.
Аз хеш марав, салтанаторои замон,
Дар қофилаи султа хачир омадаӣ!

** *

Оҳанрабое ҷаззобкешем,
Дар ҷазби ғайру дар фанди хешем.
Бечорагонро мо сарпаноҳем,
В- андар баҳояш дар ҷабри нешем.

* * *

Бошад, ки ба кӯйи ту маро маст оранд,
Чун мурда ба хоки сияҳам биспоранд.
З-ин чора ба гӯри ман яке лолаи маст
Бархезаду парчами вафо пиндоранд!

* * *

Сармояи хештан ба Инсон бахшам,
Яъне ба азизони ҷаҳон ҷон бахшам.
Ҳамқисмати санги осиё – саргардон,
Худро хураму ба дигарон нон бахшам.

* * *

Чун қисмати одамӣ басе рангин аст,
Гаҳ талху гаҳе чу ангубин ширин аст.
З-иқболу сияҳдилӣ каси эмин ку?
Оне ки ба як навост, ӯ Парвин аст.

* * *

Пурсед, зи чист додаму бедодам –
Имдодгаре намедиҳад имдодам.
Кӯҳам, ки дар интизори он Фарҳодам,
Сайдам, ки ба ҷустуҷӯйи он сайёдам!

* * *

Андар дили Осиё нагунҷад дили ман,
Зеро ҳама мардуми ҷаҳон моили ман.
Бо чашми адолат чу сириштам нигарӣ,
Дунё буда сарманзилу обу гили ман.

***

Ёқути лабу холи ту шаҳрошӯбанд,
Сад мехи ситам дар дили мо мекӯбанд.
Садди раҳи ин сеҳргарон гар нашавӣ,
Тухми ману ушшоқи ҷаҳон мерӯбанд!

* * *

Аз ҷабри замонаи парешон афсӯс,
Аз шоҳсавории гадоён афсӯс,
Аз кӯйбакӯйии ғарибони диёр
Афсӯс, сад афсӯс, ҳазорон афсӯс!

* * *

Имрӯз, ки шодаму ғазалхонам ман,
Дар ҳалқаи ҳамдамони хандонам ман.
Дарёб назокатам, ки фардо нигарӣ,
Дар гулшани кишвари хамӯшонам ман!

* * *

Нӯшобаи чашмасори ту мехоҳам,
Як даста гул аз баҳори ту мехоҳам.
Бархезу биё, ки дил гирифтори ту аст,
Хорам, ки ватан канори ту мехоҳам!

* * *

Ҳар як сухане, ки ранги садранг ояд,
Зебосанамест, к-аз раҳи нанг ояд.
Андешагарӣ бикун, аё марди Худо,
Шангули кулаҳшикан басе шанг ояд!

* * *

Боло чу ҳамеравӣ, зи паст огаҳ бош!
Пастӣ чу равӣ, зи худпараст огаҳ бош!
Майхона чу меравӣ, зи маст огаҳ бош!
Гар тоҷи сарӣ, зи ҳамнишаст огаҳ бош!

* * *

Ту хусраву ман ғуломи дарбори туям,
Ходимбачаи баор дар кори туям.
Сад ҷоҳилу коҳиланд ин ҷой, вале
Дар маҳкамаи ҷазот дилдори туям!

* * *

Зиндагонӣ тарона дар вақт аст,
Ҳамнавои замона дар вақт аст.
Шоири нуктасанҷ - некахтар
Ҳамчунон ҷовидона дар вақт аст.

* * *

Тирарангаст, ҳар кӣ дилтанг аст,
Зери санг аст, ҳар кӣ дар ҷанг аст.
Ногувор аст шаҳди мӯролуд,
Шаҳрёр аст, ҳар кӣ бонанг аст!

* * *

Солиҳон аз шаман[1] намеранҷанд,
Бар каси беватан намеханданд.
Обро бо расан намебанданд,
Мардро дар сухан ҳамесанҷанд.

* * *

Муттафиқ бош, хушнавид ойӣ,
В-арна дар пеши кас палид ойӣ!
В-ончунон фитна бар сарат резад,
К-аз ғубораш ту нопадид ойӣ!

* * *

Имшаб, ки чароғи чашми шӯху ҷодут
Меҳмони азизи хонаи дил гаштаст.
Аз нури чунин мӯъҷизаи Эзади пок
Равшан ҳама фаршу арши манзил гаштаст!

* * *

Дастам чу ба себи боғи ӯ мебурдам,
Ҳаққо, ки ба ҷониби сабӯ мебурдам.
Ҳамранги хумории парешандеше,
Осема шуда, сабӯ фурӯ мебурдам.

---

1. Шаман – азоимхон (афсунгар).

* * *

Он раҳ бигузин, ки бо ту раҳбар бошад,
Бероҳа марав, агар туро зар бошад!
Боло чу бирафт оби рӯд аз зону,
Ҳаргиз магузар, ки доманат тар бошад!

* * *

Пайғамбари ман – Ишқ маро ёрӣ кард,
Пайваст ба ҷонону накӯкорӣ кард.
Дар сидқу сафо камоли нав дод маро,
Бо хомаи шоирӣ вафодорӣ кард.

* * *

Моем сафина дар миёни дарё,
Дарёст пурошӯбу карон нопайдо.
Пайдо машав, ай карона, дар чашми замон,
Моно, ки зи ту равем, монӣ танҳо!

* * *

Сармастаму махмураму дилношодам,
Бе рӯйи ту, ай санам, зи сар озодам!
Озодасарам, ду дида пур аз обам,
Ай, чашмаи тоза, кай кунӣ шодобам?!

* * *

Пайдо гаҳаму гаҳе чӣ нопайдоям,
Бар ҳусну ҷамоли дилбаре шайдоям.
Аз олами кӯдакӣ чу растам, ба Худо,
Маҷнун нагашта, ошиқи Лайлоям!

* * *

Занҳо, ки музореъи[1] бани инсонанд,
Меъмори асосии ҳама айвонанд.
Дар поси муҳаббат зи ману мо боло,
Мардонасифат, мардтар аз мардонанд!

* * *

Ишқ бе зан бепаноҳ аст, ай азиз,
Ишқ бе зан гарди коҳ аст, ай азиз!
Ишқ бе мард иштибоҳ, ай ҷони ман,
Мард бе зан рӯсиёҳ аст, ай азиз!

* * *

Нокас нашиносад одаму оламро,
Бӯзина шуморад каси исодамро.
Охир ба балои бад гирифтор шавад,
Гар пири худаш бихонад ӯ Ҳотамро!

---

1. Музореъ – барзгар.

* * *

Аз суҳбати орифон дил барнакананд,
К-ин тоифа кошифи биҳори гуҳаранд.
В-ин мартабаи баланд бар кас нарасад,
Илло ба ҷамоате, ки болоназаранд.

* * *

Ин сурати ту, ки рашки Монист,
Ҳамқофияи басе маъонист.
Тафсири варо ба мо нахонӣ,
Тадриси муҳаббатат раво нест!

* * *

Шеъри ман хушнамо фарас[1] бошад,
То ба манзил расонадам ҳар рӯз.
Гоҳи дигар яке ҷарас бошад,
Бахшадам дарду оҳи оламсӯз.

* * *

Ай тозабаҳори бемисолам,
Ҳар рӯзи фироқи ту чу солам.
Баргӯй, чунин мусибатеро
Биншинаму бо кӣ барсиголам?

1. Фарас – асп.

* * *

Дидам, нашинохтӣ мизоҷам,
З-ин рӯ марав аз пайи илоҷам.
Дунёи дилам агар шиносӣ,
Валлаҳ, ки манам шаҳу ту тоҷам!

* * *

Додам ба ту, ҳар чӣ буд, додам,
То дар ивазаш кунӣ ту шодам.
Аммо туйи бехабар нагуфтӣ,
Ҳатто ба ду ҳарф хайрбодам?!

* * *

Дидам-т азизу арҷманде,
Гуфтам, ки бигирамат ба қанде.
Аммо чу дуруст баркашидам,
Валлаҳ, ки касе намеписандӣ!

* * *

Бошад, ки ба кӯйи дӯст парвоз кунам,
Аз хотири дил айши нав оғоз кунам.
Азбаски зи дасти дил ба ҷон омадаам,
Ҷонро диҳаму дӯст сарафроз кунам.

* * *

Шеъри мо бо санъати оҳангарӣ,
Гар диле сӯзад, диле рӯшан кунад.
Ҷавҳаре дорад, бибин, ин ҷавҳарӣ
Шуълаи хомӯшро гулхан кунад.

* * *

Ин кулча зи тобасанги ҷон омадааст,
В-он тоба зи қуллаи баён омадааст.
Бишкан, ки лазизу бонамак мешунавӣ,
Зеро ки ба оташи ниҳон омадааст.

* * *

Шоистаи одамӣ набошад одам,
Гар муфтбадастомадаро гӯяд кам.
Оне ки ба доди Додгар ношукр аст,
Сармояи умри ӯст дарҳам-барҳам.

* * *

Савте, ки туровст, ғайрати Ноҳид аст,
Ҳусне, ки туровст, ҳайрати Хуршед аст.
Бо ин ҳама ёвари мани дарвешӣ,
Хуршедсавори ман, раҳат испед аст!

* * *

Ишқангезе чаро боқӣ намонд,
Синаҳо бесӯзу муштоқе намонд?!
Ин муаммо мекушудам, бод гуфт:
«Он қадаҳ бишкасту он соқӣ намонд!»

* * *

Садоқат парчами меҳру вафо бод,
Рафоқат ҳамраҳи халқи Худо бод!
Хушунат сарнагун бодо ба гетӣ,
Хусумат мубтало боду фано бод!

* * *

Ҳамон рӯзе ки бар гул хор доданд,
Дили моро ба хун оҳор доданд.
Камоли гул мапиндоред хораш,
Дили бечораро озор доданд.

* * *

Самар хоҳӣ, бирав пайванд омӯз,
Сахоро аз саховатманд омӯз.
Кӣ гуфтат, кӯҳ пандомӯз набвад,
Бузургӣ хоҳӣ, аз Алванд[1] омӯз!

1. Алванд – кӯҳ дар Эрон.

* * *

Хуш он нозе, ки ӯро мо ниёзем,
Хуш он саҷҷода, к- ӯро мо намозем.
Хабар созед, аз мо он тарабро,
Биёяд, то ба ҷонаш ҷон навозем!

* * *

Зи хоки шӯра ҳосил барнахезад,
Ҷаҳолатпеша бар оқил ситезад.
Падар зимни насиҳатҳош мегуфт:
Дуъои тангдаст аз даст резад.

* * *

Гули яктои ман рӯйи ту бошад,
Дили пазмони ман сӯйи ту бошад!
Ба уммеде ҳазорон гул бибӯям,
Ки шояд дар миён бӯйи ту бошад!

* * *

Ҳамоне бувад лоиқи сарварӣ,
Ки бошад варо пеша одамгарӣ.
Чу орӣ ҳамебинияш з-ин ҳунар,
Раъият куҷо орадаш боварӣ?!

* * *

Хаёли ӯ нишотомез омад,
Фироқи ӯ ҷунунангез омад.
Насиме, ки маро ин ҳадя медод,
Зи аҳволам варо истез омад.

* * *

Ба хислат ҳар он кас ки номард ҳаст,
Варо лофи мардӣ чу як дард ҳаст.
Тааҷҷуб маёвар ба ҳар резае,
Ки ҳар зодаро модаровард ҳаст.

* * *

Ҳамон ганҷе, ки бодовард бошад,
Набошад ганҷ, ранҷу дард бошад!
Адаб омӯзад инсони худогаҳ,
Агар некӯсиришту мард бошад!

* * *

Туфайлии касон ар нокас омад,
Зи ин дарё ҳазар кун, бо хас омад!
Ҳамебезаш ба парвезан, ки обаш
Ба як хас омаду якто бас омад!

* * *

Амонатро хиёнат маслиҳат нест,
Замонатро амонат маслиҳат ҳаст!
Садоқатро разолат маслиҳат нест,
Разолатро адоват маслиҳат ҳаст!

* * *

Сиришти банда ҳамсони сириштат,
Биҳиштам аз гулистони биҳиштат,
Ба тарфи бӯстонат дил бикорам,
Ки шояд ишқ бардорам зи киштат.

* * *

Низоми зиндагӣ дигар шудастӣ,
Мизоҷи дил чӣ рӯшантар шудастӣ.
Зи санги жола ҳам маъдан гудозад,
Дили фарзона оҳангар шудастӣ.

* * *

Ҳар оне ханда орад, зуфунун аст,
Ҳар оне гиря, дар банди ҷунун аст.
Ғами дунё зи хандоханд мирад,
Биё, ай зуфунун, дил ғарқи хун аст.

* * *

Аҷал чун гиребони ҷонам кашад,
Ба як лаҳза зӯру тавонам кашад.
Ба таслими ӯ ҳозирам, ҳозирам!
Ки ин ҳадя бар меҳрбонам кашад!

* * *

Ғанимат шумар марди равшангуҳар,
Ки тобанда бошад чу нури саҳар!
Варо, то тавонӣ, ба сар тоҷ кун,
Ки худ тоҷ бошад ба шамсу қамар.

* * *

Суханро ҷавҳари ҷон мешиносам,
Тилисми нури имон мешиносам.
Худовандо, варо сарсабз медор,
Ки аз зоти найистон мешиносам!

* * *

Мусаххар дилу дину ойини ман
Ҳамоне бисозад, ки мавло бувад!
Ба сони бузургони шеъри Аҷам
«Тавоно бувад, ҳар кӣ доно бувад!»[1]

---

1. Моли Ҳаким Фирдавсист.

* * *

Ҳар андешае, к-оварам дар сухан
Ҳувайдову пинҳону бемакру фан,
Сараввал гузорам ба таҳқиқи дил,
Ки рӯзе ба ораш набошам пакан.

* * *

Ҳисоби орифон н-ойӣ, азеро
Забони ғунчаҳои гул надонӣ!
Қатори ошиқон машмор хешат,
Мақоми нолаи булбул нахонӣ!

* * *

Намозам бе ҳузурат носавоб аст,
Ба бедорӣ вуҷудам ғарқи хоб аст.
Зи Машриқ то ба Мағриб тира бошад,
Агарчанде ки олам офтоб аст!

* * *

Маро ишқи ту дар дил ҳамчу ҷон аст,
Амонат дар амонат дар амон аст.
Худовандо, нигаҳ дорӣ ту ҳар се –
Яке ишқу яке ҷону як он аст!

* * *

Сухан аз баҳри хосон гуфтаам ман,
На баҳри ому нодон гуфтаам ман.
Агарчанде сухан моли умум аст,
Варо аслан ба хубон гуфтаам ман.

* * *

Ман он ҷоне, ки дар ҷонам нагунҷам,
Ҷунуне дар гиребонам нагунҷам.
Ҳавои Руму Бағдодам гирифтаст,
Ба паҳнои Хуросонам нагунҷам.

* * *

Самарқанду Бухороро бинозам,
Вале гумгаштаҳоро чун навозам?
Чу сармастам зи гуфтори Паямбар,
Намакпарвардаи хони Ҳиҷозам.

* * *

Пайи нуру сафо рафтам, ки н-афтам,
Ба роҳи Мустафо рафтам, ки н-афтам.
Падар чун «Маснавӣ» омӯхт бар ман,
Чу най сӯйи наво рафтам, ки н-афтам.

* * *

Сухан ҳам заҳр, ҳам нӯши равон аст,
Сухан сармояи кавну макон аст.
Аз ӯ оташ, аз ӯ шодӣ, аз ӯ ғам
Бихезад, чун зи зоти найситон аст.

* * *

Даруни ҷони ман садҳо диёр аст,
Якояк дӯстонамро нисор аст.
Хато ҳаргиз нагӯям нуктаеро:
Ҳарими дил, вале аз баҳри ёр аст.

* * *

Дило, қарзи ишқам бидеҳ, шод кун,
Мусовӣ ҳисобам ба ҳар дод кун!
Сахопешаат, кош, медидаме,
Биё, мулки ваҳдат гулобод кун!

* * *

Нидо омад ба мо аз мо, ки: мо кӣ?
Садои қарнҳо гардид ҳокӣ:
Аҷамродему аз зоди каёнем –
Нажоди ориё, яъне зи покӣ!

* * *

Мусаллойи Хуршед ҷӯё шавӣ,
Музофоти мардони доно бирав!
Биҳиштест, роҳатфизо аз сухан,
Биё, бо Аҷамроди шайдо бирав!

* * *

Аҷамрод аз сухан алмос дорад,
Азеро ӯ суханро пос дорад.
Дурахши теғи барроқаш бубинад
Касе, к- ӯ оташи эҳсос дорад.

* * *

Аё шеъри Аҷам, ишқи муалло,
Зи ту сарчашмаи пиндор дар ҷӯш!
Аҷамродам ту кардӣ, офаринат,
Садаф бигрифт гавҳарро дар оғӯш!

***

Нагардад сустпаймоне бародар,
Ва ё дӯшизае монанди хоҳар.
Надидастам ба ҳеч акнофи олам,
Бигирад ҷойи модар модарандар!

***

Ин хоначаҳо, ки баҳри худ месозем,
Дар олами бекарон ҳудуд месозем.
Чун моддаи сохтмонаш аз хуни дил аст,
Расмест, ки «Буд, ё набуд!» месозем.

***

Ободии шаб зи партави маҳтоб аст,
Маҳтоб зи бандагӣ ба шаб пуртоб аст.
Ободии одамӣ ҳам аз қудрати оз,
Озодии одамӣ вале, дар хоб аст.

***

Ғарибам дар ин олами пурбашар,
Ки ояд зи ҳар гӯша бонги хатар.
Чӣ бояд маро, то амонат барам?
Хирад гуфт: «Аз баҳри дунё гузар!»

***

Ганҷури сухан – Ҳакими Ганҷа,
Дар силки сухан бигашт ранҷа.
З-он ранҷ ба маснади самовӣ,
Биншасту бизад ба моҳ панҷа.

***

Шеър ҳарфу ҳиҷои дилҷӯй аст,
Гулбуни зиндагӣ ба сад бӯй аст.
Умри шоир зи Хизр камтар нест,
Чун Аҷамрод агар ғазалгӯй аст!

# МУНДАРИҶА

## ПАРНИЁНИ САБЗ (ғазалиёт)

Ало, ё айюҳас-соқӣ, бизан оташ ба ҷони ман................
Ваҳшии ишқ аҷаб пурҷигарам медорад........................
Ғайрат наёварам, ки туро беватан кунам......................
Субҳи азал, ки ишқ ба меҳроби ҷон фитод....................
Нозам он ойинаро, к-аз назараш пок шудам................
То дигар кардам мизоҷи худпарасти хешро.................
Ба оташ мекашад ҳиҷронат, ай дӯст..............................
Лолаосо нақши доғе дар ҷигар дорем мо.....................
Дар қулзуми вафои падар пургуҳар шудам..................
Намегунҷам, намегунҷам, дар ин дунё намегунҷам…...
Ишқ аст, ки беному нишон аст дили мо.......................
Қисса аз дард макун, ҳолати данг аст ин ҷо……………
Хоҷагонанд, ки берун зи мақоми хешанд.....................
То ба кай, ай дили шӯрида, чунин дарбадарӣ..............
Барҳам ҳамезан, соқиё, истезаву овезро…………………
Гулистони хаёлам нав ба нав хушрангу бӯ гардад........
Нагуфтамат, ки вафо кун, вале ҷафо накунӣ................
Сояфитратмардумоне - ҳамсириштони ҳубоб..............
Шодии ҳама олам бо ғамам баробар нест....................
То дар ин олам зи дасти дӯст пурғам будаам...............
Бишкан ба фурӯғи рухи худ ойинаҳоро.......................
Ай дил, устурлоб бояд дардихӣ...................................
Гар бехабаре айб ба аҳбоб бигирад.............................
Дар дилам ҷуз иштиёқи дидани дилдор нест................
Мардони хирад бо чаламардон нагароянд...................
Фархунданигор омад, хуршедсавор омад.....................
Зи ранги арғувони лола дар кӯҳу даман оташ..............
Саодати ду ҷаҳон дар сарои ҷонам нест.....................
Хилқати худовандӣ – гавҳари муҷаллоем.....................
Ба қасди салтанат дар кӯйи ӯ дил шод бархезад..........

Рахнагари ҷони ман – ҷилваи ҷонони ман ....................
Диле хоҳам, ки бошад дилпазиро.................................
Ҳумоюниқтидоре бояд аз девони эъҷозам ....................
Дар тангнои ҳастӣ дунё ба мо расида ...........................
Волии шаҳри ошиқон……………………………………
Оташи табъ ба оташҷигарон бахшоям .........................
Савдои ту медорад беҳуда сувайдоям ...........................
Ту мароми ман набошӣ, дилам орамиданӣ нест ...........
Обрӯйи соғар аз эҳсони чашмони ман аст………………..
Зиндагиро дар суроғи ёр рангин кардам…………………..
Аҳволи қалби зорам аз рӯзгор пурсед ..........................
Дилбаро, маҳи рӯят бандаро писанд омад ....................
Ҷилваҳои кавкаби андеша рақсонам кунад...................
Сафобахшандаи ойинаи ҷон орзу дорам ......................
Дило, беҳуда меҷӯйӣ зи ҷонон ошноиҳо…………………..
Дар боғи хаёлам қаду болои ту бинам ..........................
Чун ба меҳроби ту моро ҳоҷате дастур шуд .................
Касе моро сари ёрӣ накардаст ......................................
Хуш он рӯзе, ки дар кӯйи муҳаббат зор мемирам .........
Дӯш аз савдои ишқат анҷуман нотоб шуд ....................
Куҷо ҷамоле, ки бемисоле… .........................................
Масрурам аз ин соқӣ, моил шуда бо нозе......................
Фоли ишқат чу кушоям зи китоби ҳавасам ...................
Забонатро асал гуфтем, гуфтем ....................................
Андар булӯри ҷони ман, ҷоне дигар аз ҷони ту ............
Бошадо анҷумани ғусса ба фарҷом ояд ........................
Ману ман ҳар дуи якто ба ҳам омехтаем ......................
Ойинаи ҷонамро беҳуда шикастам ман ........................
Сураи ҳаҷри ту азёд нахоҳам кардан ............................
Ман тоҳири таҳҳорам, дидори маро дарёб ..................
Ойинарӯй, сад фараҳ рӯяд зи рӯйи ту ..........................
Метавон дид маро дар барат, ай бехабарам .................
Сад раҳ ба ҳамин роҳ аст, ин раҳ чӣ рақам роҳе?........69
Чорасозӣ сахт бошад чораи бечораро…………….
Шукри беҳад, ки ғамат мӯнису ғамхорам шуд.............

Хок бар фарқи саре, к-ӯ бодапарвар мешавад...........72
Дило, ақиқи хирад даргаҳи забон овар.........................
Кӯйи ту меравад дилам, «Аҳлану марҳабо» бигӯ..........
Ёди ту таронаи замирам................................................
Хаёлат, ай Таҷаллӣ, бодапарвар мекунад моро ...........
То дар ин олам дили девонаро гум кардаам.................
Мутрибо, наво бахшо пардаи дутореро........................
Ханда бизан ба оламам, олами ман чӣ оламе?! ............
Дар ишқи ту чун мусаххарам ман................................
Гуфтам: «дилам ба қабзаи ҷонон намедиҳам»..............
Ту баҳори мушкбезӣ, ба баҳори ту бимирам.................
Андар ғазал бингоштем оҳанги ҷони хешро.................
Шодам, ки дар қаламрави дил хона кардаӣ .................
Ходими майкада чун як назаре бар мо кард .................
Гардем, ки андешаи домони ту дорем ........................
Солҳо дил сухани ишқ муқаффо мекард .......................
Рӯи мо ҷониби меҳроби таманност ҳанӯз .....................
Ай буди бебуди ман, ғояти мақсуди ман.......................
Фаввораи оташ аст оҳам ...............................................90
Мо зоти тамизем, ки боре бинамоянд...........................91
Ай боғбон, бикшой дар, то рақси гулҳо бингарам...... 92
Зиндагониро мубарҳанзоти имконем мо.........................
Рӯзи аввал сурати моро чу иншо доштанд................94
Дар олами ҳастӣ ҳама ҳастӣ бамаром аст.........................
Зиндагӣ арсаи ҷаҳду ҷадали инсон аст ............................
Ҷони ман бар оташат испанд бод...................................
Он ки ҷо дар дили мо шӯри ду дунё мекард.....................
Имшаб гули хуршед ба домони кӣ резӣ ..........................
Умри худро дар суроғи рӯйи моҳат бохтам .....................
Туро, ки ҷони манӣ, суст гашта паймонат .......................
Дӯсттар аз дӯст дорам дӯстро .........................................
Ба кӯят гарчи шодон омадам, бо сад алам рафтам ..........
Чун шиновар гар наоӣ бар дили дарёи ман .....................
Нури ту таҷаллӣ зад дар равзанаи ҷонам ........................
Чанд боист ба ман ҳалқаи пайванд шикаст..................

Дарди касро накунад дарк ба ҷуз ҳамдарде..................
Ҷони мо аз они ҷонон асту ҷонон з-они мост...............
Гулшани оғӯшро кардам таманнои дигар .......................
Ай писар, ҳар кор бо номи Худо оғоз кун .......................
Хезу ба қасди куштанам бори дигар зи раҳ гузар ...........
Чун зиндагӣ хуҷаста зи ҳастии модар аст .......................
Ай фалак, дод аз ҷафоят, талхкомам кардаӣ ...................
Маро бо чашми бад мангар, ки худ ношод мегардӣ.........
Бе ҳузури бода мастам, ҳам дару девор маст..................
Вафодоре ҷигархунам, вафодор инчунин бояд!.................
Қалби моро машикан, баски нагирад пайванд ...............
Сад ҷаҳон асрораму бо кас нагӯям розро....................116
Чу дар дил ҷой бигзидӣ, варо маҳзун намебинам............
Бигӯ, Соқӣ, ки қарзи дӣ баробар мекунӣ, ё не?!...............
Гуфтам: садафӣ, ё гуҳарӣ? Гуфт, ки ҳар ду............... 118
То бодаи ишқ аст, ба мо ғам чӣ тавонад.........................
Агар аз шӯри ишқам нашнавӣ, афсонае камтар.........120
Сарфарозам, ки муҳаббат буда оғози ҷаҳонам...............
Кош аз хеш дигарбора ҳувайдо гардам...............122
Ҳокими кабирӣ, ту, дар вилояти ҷонам...........................
То дари боғ кушодем, баҳорон рафтаст..........................

## АШЪОРИ МУТАФАРРИҚА

Ай ишқ, биё… .............................................................
Авҷсои ҳастӣ..............................................................
Гулбоғи атрафшон .......................................................
Гузаштем.........................................................
Зулмати пурҷило .........................................................
Хаёли рангин ...............................................................
Хуш ҳайрате..................................................................
Чароғи лола ..................................................................
Ҳазрати дӯст ................................................................
Муҳовараи қудсӣ..........................................................
Кохи ёдгор ...................................................................
Нигорино.........................................................153

Ё раҳматан лилъоламин… ..........................................
Мусаллои хуршед ..................................................
Ғурури ситабру… .................................................
Салтанати меҳр.....................................................
Садоратнишини суханпарварон .................................
Андарз ......................................................................
Ҳолнома ...................................................................
Ҷаноби сухан.............................................................
Нишоти ғам ……………………………………….
Меваҳои ширин…………………………………..184
Ворисон ......................................................................
Падар………………………………………………….
Эҷоди азал…………………………………………….
Чакомаи Вақт ..............................................................
Издивоҷи ҳамҷинсон - фоҷиаи исон……………………..
Ману «ман»................................................................193
«Ушшоқ»-и муҳоҷирони меҳнатӣ…………………………
Қиссаи марди корзор ..................................................
Ёднома…………………………………………….. 217

## БАҲОРИЯҲО

Биё, боғбоно!.............................................................221
Баҳор омад, биё, дар пойи гул дилҳо барафшонем…. 222
Наврӯз .........................................................................
Навид ..........................................................................225
Баҳористони Варзоб ....................................................
Наврӯзи Аҷам…………………………………………

## СӮГНОМАҲО

Бимирам………………………………………………
Азизи анҷуманҳо… ...................................................
Дар сипеҳри бадфарҷом ...........................................
Ҳама бод аст..............................................................
Дарди фироқ .............................................................
Ғуруби моҳ ………………………………………..

Андар сӯги бародар ………………………………………..
Баёни ноаёнӣ.....................................................................
Ғазале дар ёдат ...............................................................
Тири ҷафо ........................................................................
Шиҳоби пуршитоб ………………………………………

**ТАРОНАҲО**……………………………………………239

**Муфаззали Аҷамрод**

**ОРАЗИ ХАЁЛ**
*(Маҷмӯаи шеърҳо)*

Муҳаррири ороиш
Муҳаррири саҳифабандӣ

Ба матбаа таҳвил гардид. Чопаш- ба имзо расид.
Коғази офсет. Ҳуруфи адабӣ. Андозаи 60 x 84 1/16.
Ҷузъи чопӣ 5.0. Адади нашр 500 нусха.

Нашриёти «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
734018, ш. Душанбе, кӯчаи Неъмат Қаробоев, 17а.

Дар матбааи ---------------ба табъ расидааст.
734036, ш. Душанбе, кӯчаи ---------

Почтаи электронии муаллиф:
E-mail: mgadoev53@mail.ru

**Тел: 93- 575 66 19; 93- 556 19 55**